**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:** 340.1 (575.3)
**ТКБ:** 67.0 (2Т)
**Ш** – 78

**ШОДИЗОДА НАҶИБУЛЛО МАҲМАДРИЗО**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН НАМУДИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ: ТАҲҚИҚОТИ УМУМИНАЗАРИЯВӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**АЗИЗЗОДА У.А.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................3**

**МУҚАДДИМА...........................................................................4-23**

**БОБИ 1. МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ....24-86**

1.1. Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назарии илмӣ-методологӣ..........................................................24-44

1.2. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ..................................................44-62

1.3. Намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ.......63-86

**БОБИ 2. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН НАМУДИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ.........87-131**

2.1. Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ..........................................................................87-101

2.2. Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ.........................................................................102-131

**БОБИ 3. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ.........132-182**

3.1. Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...............................................................132-153

3.2. Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ...............................................................153-182

**ХУЛОСА..............................................................................183-186**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ............................................................................187-188**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)............................................189-213**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ..............................................................214-217**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ**– Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КИҶҶ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**КМ** – Кодекси меҳнатӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**б.** – банд

**қ.** – қисм

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

**ғ.** – ғайра.

м.и. – монанди инҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Институти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ падидаи нав набуда, таърихи дуру дарози инкишофро аз сар гузаронидааст. Ин падидаи ҳуқуқӣ яке аз мавзӯҳои марказии илми ҳуқуқшиносӣ, хосатан назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва ҷалб намудани шахс ба ҷавобгарӣ дар ҳама марҳилаҳои таърихӣ масъалаи мубрам ба ҳисоб мерафт ва дар замони муосир низ мубрамияти бештарро касб намудааст. Муқовимат бо ҳуқуқвайронкуниҳои барои ҷамъият хавфнок, нисбат ба шахсони гунаҳгор татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, такмили ин чораҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии онҳо, пешгирии такроран содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, инчунин ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба қонун дар миёни дигар аъзои ҷомеа ба зумраи вазифаҳои ҳамеша мубрами давлат ва ҳуқуқ мансуб мебошанд. Дар ин раванд муқаррар намудани ҷавобгарӣ дар қонунгузорӣ, таъмин намудани ногузирии ҷазо, иттилоотонидани ҳуқуқии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии шаҳрвандон аҳаммияти муҳим доранд. Дар шароити рушди муосири низоми ҳуқуқии миллӣ ҷиҳати ҳалли вазифаҳои зикршуда тадбирҳои пайдарпайи дорои хусусияти ташкилӣ ва ҳуқуқӣ андешида мешаванд.

Дар шароити дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа табиист, ки нақш ва таъиноти функсионалии ҳуқуқ бознигарӣ гардида, ҳамзамон ҳадафҳо, мавзуи танзим ва усулҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ба муносибатҳое, ки вобаста ба ҳуқуқвайронкунӣ ва татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, мушаххас мегарданд. Тамоюли тағйироти муосир на танҳо дар навсозии институтҳои анъанавӣ, балки дар ташаккули бахшҳои нави воқеияти иҷтимоӣ низ зоҳир мешавад, ки он бо гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ,

сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва дигар соҳаҳо алоқаманд мебошад. Ба ин равандҳо ҳамчунин тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, равандҳои ҳамгирой, инчунин бархурди тамаддунҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Дар натиҷа, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ҷузъи таркибии низоми умумии робитаҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ҳамқадами тағйирёбии сохтори ҷомеа таҳаввул ёфта, шаклу хусусиятҳои нав касб менамоянд. Дар натиҷа муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки ҷузъи таркибии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, баробари тағйир ёфтани сохтори ҷомеа низ тағйир меёбанд ва шаклҳои нави худро пайдо мекунанд.

Тағйиротҳои куллӣ дар рушди ҷомеаи Тоҷикистон ба шаклгирии ҳуқуқвайронкунӣ, аз он ҷумла ба шаклгирии кирдорҳои нави ҷиноятӣ низ бетаъсир намондааст. Дар баробари ин, ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ аз доираи сарҳади давлатӣ берун баромада, ҳарчи бештар хусусияти фаромилиро касб намуда истодааст. Айни замон намудҳои мухталифи кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, аз ҷумла, киберҷиноятҳо, ҷиноятҳои иқтисодӣ, шаклҳои нави содиршавии ҷиноятҳои террористию экстремистӣ, ҷиноятҳои байналмилалӣ зуҳур намуда истодаанд. Дар посух ба чунин таҳдидҳо давлат қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи онро такмил дода, барои муқовимат бо намудҳои нави кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ чораҳои ташкилӣ ва ҳуқуқиро амалӣ менамояд. Ҳамзамон, ҳалли самараноки ин масъала бе омӯзиши амиқи назариявӣ ва амалии институтҳои асосии ҳуқуқӣ имконнопазир аст. Маҳз бо ҳамин мубрамияти мавзуи мавриди баррасӣ асос меёбад. Барои ҳар давлати демократию ҳуқуқбунёд на танҳо муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои шаклҳои нави рафтори зиддиҳуқуқӣ муҳим аст, балки ҳамчунин зарур мебошад, ки чунин ҷавобгарӣ аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ ба таври дуруст асоснок карда шавад.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ҷомеаи Тоҷикистон ба марҳилаи нави таърихӣ ворид гашта, бахри созмон додани давлати

демократию ҳуқуқбунёд, ҷомеаи иҷтимоию шаҳрвандӣ талош намуда, онро ҳамчун ҳадафҳои худ дар сатҳи конститутсионӣ эълон намуд. Вобаста ба дигаргуниҳои куллие, ки дар ҳама самтҳои ҳаёти ҷомеа оғоз гардиданд, мафҳум, моҳият, ҳадафу вазифа, шаклҳои давлати соҳибиситиқлол низ тағйир ёфтанд. Низоми нави ҳуқуқи миллӣ ташаккул ёфт ва дар ин замина қонунгузории сифатан нав дар кишвар эҷод гардид. Амалияи судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ ва дигари ҳуқуқӣ мавриди ислоҳоти ҷиддӣ қарор гирифтанд. Хулоса дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон низоми нави давлатию ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, рӯ ба инкишоф ниҳод. Дар заминаи рушди низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузории миллӣ институти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ роҳи ташаккул ва инкишофи хоси худро дорад, ки таҳқиқоти илмии заминавиро талаб менамояд.

Бояд таъкид намуд, ки баробари соҳиб гардидан ба истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи танзими саривақтии муносибатҳои ба ҷиноят ва ҷазо алоқаманд таваҷҷуҳи хос зоҳир намуд, чун дар кишвар вобаста ба ноороmиҳои давомдори сиёсӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ сатҳ ва дараҷаи кирдорҳои ҷиноятӣ бамаротиб афзуда буданд. Аз ин рӯ, зарур буд дар кишвар қонунгузории мувофиқ ба шароити ҷомеа ва сатҳи содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ коркард ва қабул карда шаванд. Вобаста ба ин, масъалаи танзими саривақтии ин муносибатҳо, мутобиқгардонии қонунгузории амалкунанда ба шароити нави ҷамъиятӣ ва қабул гардидани Кодекси нави ҷиноятӣ 21 майи соли 1998, ки ҷараёни дурудароз ва пурпечутоби рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозиро дар ин самт дар бар мегиранд, зарурияти таҳқиқоти илмии хосро талаб мекунад.

Ҳамзамон, дар баробари ин як қатор санадҳои стратегӣ дар ин давра қабул карда шудаанд, ки баҳри такмили қонунгузории соҳавӣ дар кишвар, ба роҳ мондани фаъолияти дастҷамъона ва фаврии мақомоти

давлатӣ, таъмин намудани шароити моддию техникӣ, таъмини соҳаҳои ҳуқуқтатбиқсозӣ бо кадрҳои болаёқату кордон ва амалҳои дигари ба ин монанд нигаронида шуда буданд. Онҳо сиёсати давлатиро дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хосатан ҷавобгарӣ барои кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаҳои мухталиф, ба монанди, терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо, коррупсия ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкуниҳо ифода мекунанд. Дар ин замина фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ рушд намуда истодааст, ки таҳқиқи назариявю илмии асоснокро талаб менамоянд.

Такя ба чунин самтҳои барномавӣ рушди минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузориро муайян месозад, аммо худи танзими меъёрӣ-барномавӣ бе таҳлили амиқ, аз ҷиҳати методологӣ дуруст ва аз нигоҳи илмӣ асоснокшуда наметавонад самаранокии онҳоро таъмин намояд. Ба назар мерасад, ки рушди устувор ва пайгиронаи давлат, бахусус ҳангоми татбиқи стратегияҳо, инчунин барномаҳои дарозмуҳлат ва миёнамуҳлат дар соҳаҳои калидии ҳаёти ҷамъиятӣ, ба таври объективӣ тақозо мекунад, ки таҳқиқоти босифати назариявӣ-ҳуқуқӣ сари вақт анҷом дода шуда, заминаҳои ҳуқуқии муносибе ташаккул дода шаванд, то имкони татбиқи амалии онҳо таъмин гардад.

Вобаста ба масъалаи мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, принсипҳои он, намудҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, муайян кардани сиёсати давлатӣ дар ин самт ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар асоси таҳқиқотҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати мукаммал гардонидани амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ, кор карда баромадани консепсияҳои асоснок ва амалисозии самараноки онҳо, қабул намудани барномаҳо ва стратегияҳо дар соҳаҳои алоҳидаи ҷиноятҳо (коррупсия, терроризм, экстремизм, муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва м.и.) асоснокии таҳқиқоти мазкурро исбот менамоянд.

Масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии давлату ҳукумат ва президенти кишвар қарор дорад. Аз ҷумла, Пешвои миллат атрофи баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо, механизми иҷроиши он, ки дар мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо нақши муассир мегузорад, изҳори назар намудааст [217]. Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи назариявии таҳлилу баррасии масъалаҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таваҷҷуҳи пайвастаи давлату ҳукумати кишвар ба ин масъала, рушди фаъолияти қонунгузорӣ дар ин самт бори дигар аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти назариявии заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии муқовимат бо ҳуқуқвайронкунӣ, самаранокии муқовимат ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкуниҳо, хосатан кирдорҳои ҷиноятӣ зарурияти интихоб ва таҳқиқи мавзуи мазкурро пеш овард. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани дигар санадҳои стратегии давлат таҳқиқи самараноки онҳо хусусияти мубрами илмию амалӣ доранд. Ба монанди:

– «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2030 аз 30 июни соли 2021, №265;

– «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 феврали соли 2011, № 1021;

– «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 ноябри соли 2013, №492;

– «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» аз 6 феврали соли 2018, № 1005 ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегии давлат.

Дар заминаи таҳқиқи раванди қабул ва амалигардии санадҳои ҳуқуқии болозикр ва умуман таҳқиқи қонунгузорӣ ва назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ зарур аст, ки қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи он такмил дода шаванд, чунки дар самти сиёсати ҳуқуқтатбиқсозӣ то

камбудию нуқсонҳои назаррас дида мешаванд. Худи муносибатҳои ҳуқуқии ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд низ ба мукаммалгардонӣ ниёз доранд. Раванди рушди босуръати муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба рушди институти мазкур низ метавонад таъсир расонад.

Дар ҳар замон давлат ва ҷомеа бояд барои пешгирии таъсири манфии ин зуҳуротҳо омода бошад. Барои расидан ба ин мақсад таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқии паҳлӯҳои мухталифи ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ ва чораҳои огоҳкунандаю пешгирикунандаи ҳуқуқӣ зарур мебошад. Дар сатҳи қонеъкунанда амал кардани институти мазкур ва самаранокии он аз такмили мунтазами сиёсати ҳуқуқии мувофиқи давлатӣ вобастагӣ дорад. Таҳқиқи масъалаи мазкур бори дигар мубрам будани мавзуи таҳқиқотро исбот менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хосатан ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ қарор гирифтааст. Масъалаи мазкур аз нигоҳи муҳаққиқони соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигари илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Дар ин миён метавон таҳқиқотҳои А.А. Абдурашидзода [191], У.А. Азиззода [192; 12], С.Ҷ. Азимӣ [193], Н.Б. Азимзода [194], Ф.А. Аламшозода [196], И.И. Ализода [195], Э.Б. Буризода [197], Р. Ғоибов [34], З.Х. Зокирзода [202], А.З. Куканов [162], Ф.Т. Тоҳиров [86; 90], А.Ғ. Холиқзода [98], Ф.Ф. Хоҷазода [209], Р.Ш. Шарофзода [105], Т.Ш. Шарипов [103] ва дигаронро номбар кард.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ ба таври васеъ баррасӣ карда шудааст. Аз ҷумла, Б.Т. Базилев [19], С.Н. Братус [25], В.М. Баранов [21], Н.В. Вантеева [198], Б.Н. Габричидзе [31], Е.В. Гризунова [199], Д.Г. Дурнаикин [200], М.В. Заднепровска [201], Б.З. Кушхова [203], М.Б.

Мироненко [204], А.Г. Новикова [206], М.П. Трофимова [207], М.В. Шавалеев [210], Е.В. Шевченко [211], В.М. Ягудина [212] ва дигарон самтҳои гуногуни ин мавзуъро таҳқиқ намудаанд.

Дар маҷмуъ, муҳаққиқони зикргардида самтҳои гуногуни мавзӯи баррасишавандаро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Сарфи назар аз ин, таҳқиқоти умуминазариявии маҷмӯии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон то кунун ба таври зарурӣ анҷом дода нашудааст. Бинобар ин, зарурияти гузаронидани таҳқиқоти муфассали мавзӯи мазкур боқӣ мемонад.

Баъзе паҳлӯҳои мавзӯи мавриди назар аз ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ дар доираи асарҳову мақолаҳои У.А. Азиззода, А.З. Куканов, Р.М. Раҷабзода, Ф.Т. Тоҳиров, Т.Ш. Шарипов, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Новобаста аз саҳми назарраси олимони ватанию хориҷӣ дар таҳқиқи мавзӯи мазкур паҳлӯҳои софи назариявии он ба омӯзиш ва таҳқиқи муфассал ниёз доранд. Таҳқиқи мавзӯи мазкур дар пайвастагӣ ба сиёсати ҳуқуқии давлати Тоҷикистон, такмили низоми ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, ташаккул ва инкишофи институтҳои давлатию ҳуқуқӣ, вобаста ба рушди шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, талаботи воқеии ҷомеа ва ғ. масъалаи мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқ дониста мешавад. Бо ин назардошт, таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносии кишвар яке аз таҳқиқотҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар ташаккули илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозии кишвар метавонад нақши созгор гузорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи фаъолияти илмӣ таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-методологии рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити роҳандозии модели нави рушди устувор барои солҳои 2021-2025» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкурро омӯзиши умуминазариявии мафҳум, моҳият, функсияҳо, принсипҳо ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Дар доираи мавзӯъ таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии проблемаҳои такмили сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳамзамон қонунгузории ҷиноятӣ, барномаву стратегияҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои фаромилию дохилидавлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявӣ ва маҷмуӣ қарор гирифтааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян ва баррасӣ гардиданд:

– омӯзиш ва таҳлили мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо дарназардошти шароити инкишофи нуқтаҳои назарии илмӣ-методологӣ;

– таҳқиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба гуногуншаклии нуқтаҳои назари илмӣ атрофи функсияҳои ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳлили нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ оид ба намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– омӯзиши мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– баррасии принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ;

– таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва самтҳои такмили минбаъдаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани проблемаҳои назариявӣ ва амалии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва самтҳои такмили он.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти баррасии диссертатсияро таҳқиқоти умуминазариявии институти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиш ва таҳлили мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба гуногуншаклии нуқтаҳои назари илмӣ, функсияҳои ҳуқуқ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, хусусиятҳо, функсияҳо, принсипҳо ва намудҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии таҳқиқи раванди такмили сиёсати давлатӣ ва қонунгузории миллӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири масъалаҳои умуминазариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, марҳилаи рушди институти мазкури ҳуқуқиро дар замони соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон дар бар мегирад. Таҳқиқот мутобиқи нақшаи тасдиқшуда, дар доираи давраҳои таҳлили илмӣ, ки бо ҷамъу таҳлили адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ ва таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ гузаронида шудааст. Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2021-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Бо мақсади таҳқиқи паҳлӯҳои асосии диссертатсия  монографияҳо, китобҳои дарсӣ,

мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи мақолаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд. Зимни омода намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки пурра ва ё қисман мавзӯи мавриди назарро фаро мегиранд, таҳқиқ гардидаанд. Дар таҳияи диссертатсия ба асарҳои олимони зерин, ба монанди: А.А. Абдурашидзода, У.А. Азиззода, С.Ҷ. Азимӣ, Ф.А. Аламшозода, И.И. Ализода, Б.Т. Базилев, В.М. Баранов, С.Н. Братус, Э.Б. Буризода, Н.В. Вантеева, Б.Н. Габричидзе, Е.В. Грызунова, Р. Ғоибов, Д.Г. Дурнаикин, З.Х. Зокирзода, М.В. Заднепровска, А.З. Куканов, Б.З. Кушхова, М.Б. Мироненко, А.Г. Новикова, Р.М. Раҷабзода, Ф.Т. Тоҳиров, М.П. Трофимова, А.Ғ. Холиқзода, Ф.Ф. Хоҷазода, Т.Ш. Шарипов, Р.Ш. Шарофзода, М.В. Шавалеев, Е.В. Шевченко, В.М. Ягудина ва дигарон таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти илмиро усулҳои умумиилмӣ ва махсус ташкил медиҳанд. Дар диссертатсия усулҳои умумии фалсафии диалектика, мантиқӣ-забонӣ ва низомнок мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, ҳангоми навиштани диссертатсия усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ба монанди шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисаи давлативу - ҳуқуқӣ ва оморӣ истифода бурда шудаанд.

Ташаккул ва инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба воситаи усули диалектика мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Зимни таҳлил ва пешниҳоди мафҳумҳо ва истилоҳоти ҳуқуқии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодагардида усули мантиқӣ-забонӣ мусоидат намудааст. Эҷод ва масъалагузориҳо дар ҳар як зербоб бо назардошти қонунҳои мантиқӣ ва забонӣ ба роҳ монда шудаанд. Бо истифода аз усули низомнок таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯи мақсад ва вазифаҳои дар рисола гузошташуда бо тартиби муайян ба роҳ монда шудааст.

Усули шаклӣ-ҳуқуқӣ имконият дод, ки институти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун падидаи сирф ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, дар натиҷа мафҳум, моҳият, хусусиятҳо, функсияҳо, принсипҳо ва намудҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Тавассути усули муқоисаи давлативу-ҳуқуқӣ омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба институти ҷавобгарии ҷиноятӣ, такмили қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ дар ин самт, ба роҳ монда шудааст. Дар умум, усулҳои мазкур дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаҷониба, пурра ва объективона гузаронида шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси меъёрии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, инчунин қонунгузории амалкунандаи миллӣ, ки институти ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун қисмати таркибии ҷавобгарии ҳуқуқӣ танзим менамоянд, ташкил медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ омор, маълумотҳои бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва консептуалӣ, барномаҳои давлатӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ васеъ истифода карда шудаанд. Дар рафти таҳқиқот таваҷҷӯҳи асосӣ дар баробари ҷанбаҳои расмӣ-ҳуқуқии ин санадҳо, инчунин ба самаранокии амалисозии функсионалии онҳо низ дода шудааст.

Таҳлили манбаъҳои зикргардида ва адабиёти илмӣ имконияти таҳқиқи умуминазариявии масъалаҳои ба ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ васеъ намуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он аз ҷиҳати назариявӣ-ҳуқуқӣ нахустин таҳқиқоти маҷмӯӣ ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ на танҳо ҳамчун институти соҳавӣ, балки ҳамчун категорияи

умуминазариявӣ низ баррасӣ мегардад, ки бо ҳадафҳо ва воситаҳои сиёсати ҳуқуқии давлатӣ муқоиса карда мешавад. Чунин тарзи таҳлил, имкон медиҳад, ки хусусияти хоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври асоснок ошкор гардида, мақоми он ҳамчун намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ исбот карда шавад.

Дар раванди таҳқиқот таҳлили мукаммали умуминазариявии асарҳои илмие, ки солҳои охир нашр шуда, ба масъалаҳои мубрами ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хосатан ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, таҳқиқ гардидаанд. Ҳамзамон хусусиятҳои назариявию амалии он дар шароити Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ шудааст. Омилҳои асосии ба самаранокии татбиқи қонунгузории миллӣ дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъсир расонанда таҳқиқ ва шарҳ дода шудаанд.

Навгониҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодгардида мафҳум, моҳият, хусусият, намуд, принсипҳо, асосҳои ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаро гирифтааст. Пешниҳод ва хулосаҳои муаллифӣ ҷиҳати такмили ҷавобгарии ҷиноятӣ ва умуман ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин самт нигаронида шудаанд. Онҳо арзишмандиву мубрамияти таҳқиқоти анҷомдодашударо собит менамоянд.

Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд. Аввалан дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ ба роҳ монда шуда, мафҳум, моҳият ва хусусияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шудааст. Дар ин раванд аз ҷониби муаллиф функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷанбаҳои алоҳида ва тарзҳои амалисозии

онҳо муайян гардидаанд. Ҳамзамон, дар таҳқиқот намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ  ба таври муфассал шарҳ дода шудааст. Дар ин раванд диққати асосӣ ба муайян кардан, муқоиса намудан ва ба тартиб даровардани андешаҳои гуногуни илмӣ оид ба фарқ ва шарҳи ин намудҳо равона гардидааст. Бо чунин тарзи таҳлил заминаи назариявӣ барои баррасии минбаъда ба вуҷуд меояд. Ин имконият медиҳад, ки ба ҷойи танҳо номбар кардани намудҳои ҷавобгарӣ, меъёрҳо ва асосҳои ҷудо намудани онҳо ба таври мазмунӣ ва фаҳмо шарҳ дода шаванд.

Марҳилаи минбаъдаи таҳқиқот ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун шакли махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Дар доираи ин самт мафҳум ва моҳияти он пайдарпай баррасӣ гардида, аломатҳое, ки табиати ҳуқуқии онро муайян мекунанд, ошкор ва тавсиф гардидаанд. Ҳамчунин ҳудуди мафҳумии он дақиқ карда шуда, мазмуни дохилии ин категория, аз ҷумла хусусиятҳои фарқкунандаи он нисбат ба дигар намудҳои ҷавобгарӣ, шарҳ дода шудааст. Қисми алоҳидаи таҳқиқот ба таҳлили принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва асоснок намудани нақши онҳо дар таъмини самаранокӣ ва татбиқи дурусти амалии ин институт бахшида шудааст.

Дар таҳқиқот ба масъалаҳои такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар иртиботи бевосита бо афзалиятҳо ва механизмҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи марказиро ишғол намудааст. Дар ин замина самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии давлатӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян гардида, аҳаммияти онҳо барои ташаккули равишҳои устувори танзими меъёрӣ нишон дода мешавад. Сипас, бо такя ба натиҷаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва маълумоти амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ, мушкилот дар рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа ошкор карда шудаанд. Дар асоси ин, пешниҳодҳои асосноке ироа гардидаанд, ки метавонанд барои боз ҳам

пайгирона ва самаранок такмил додани меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешкаш мегарданд, ки ифодакунандаи навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд:

1. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ ва тавассути истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда, аз ҷониби субъектони босалоҳияти давлат татбиқ карда мешавад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун уҳдадории мушаххас оид ба риояи меъёрҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ ва иҷрои талаботе мебошад, ки намудҳо, шакл ва тартиби татбиқ намудани онҳоро қонун муқаррар кардааст. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои шахси дар содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ гунаҳгор маҳрумиятҳои муайяни дар қонун пешбинишудаи шахсӣ, ташкилӣ, моддӣ, ҳуқуқӣ ва дигарро пешбинӣ мекунад. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо мақсади татбиқ шудани мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ гардида, дар шакли функсияи ҷазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ, огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизавӣ, танзимӣ ифода меёбанд.

Омӯзиши намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ аҳаммияти калон дорад, зеро аввалан, он имкон медиҳад, ки мафҳум, моҳият, хусусиятҳои ҳар як намуди ҷавобгарӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ ошкор карда шавад, баъдан, он сатҳ ва дараҷаи татбиқи чораҳои маҷбурсозии давлатиро, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва кирдори мушаххас муқаррар карда мешаванд, сатҳи самаранокии татбиқи он, оқибатҳо ва имконияти татбиқи алтернативии чораҳои татбиқшаванда ва дигарро нишон медиҳад. Дар ин раванд таҳқиқи дуруст ва ҳамаҷонибаи масъала бо мақсади барқарор намудани волоияти қонун, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятию идоракунӣ ва дурустии чораҳои

қонунии таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

2. Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз татбиқ ва истифодаи амалии санксияи меъёри ҳуқуқ иборат буда, аз хусусиятҳои хоси худ иборат мебошад. Маҳз ҳамин алоқамандӣ бо унсурҳои таркибии танзимнамоии ҳуқуқии ҷавобгарӣ имконият медиҳад, ки маҷмӯи хусусиятҳои устувори зуҳуроти таҳқиқшаванда ва табиати он тасвир карда шавад. Аввалан, ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои чораҳои маҷбурсозӣ ба ҳисоб меравад. Дуюм, ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ кашида шудани шахс боиси маҳкумгардӣ аз ҷониби давлат ва ҷамъият мегардад. Сеюм, дар натиҷаи татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ шахси гунаҳгор бо оқибатҳои ногувор рӯ ба рӯ мешавад, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ба он хусусияти ҷазодиҳӣ-маҳдудсозӣ дода шуда аст. Чорум, иҷро намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ин ухдадории шахси ҳуқуқвайронкунанда барои таҳаммул намудани оқибатҳои манфии дорои ҷанбаҳои мухталиф тавассути қонун муайянгардида мебошад. Панҷум, асоси ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятиро ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ташкил медиҳад, ки унсури ҷудонопазири он гуноҳ эътироф мегардад. Шашум, доираи кирдорҳое, ки нисбати онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ мегарданд дар қонунгузории ҷиноятӣ мутлақо муайян гардидаанд, ки имконияти ғайриқонунӣ васеъ намудани доираи истифодаи ҷавобгариро истисно менамояд.

3. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррарот, ғояҳо, асосҳои бунёдие мебошанд, ки мувофиқи онҳо қонунгузории ҷиноятӣ ташаккул меёбад, вобаста ба онҳо воқеияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ инкишоф меёбад ва ба тартиби хоси амалияи ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайянкунии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва криминологии мавҷудияти меъёрҳои хоси қонунгузории

ҷиноятиро ифода мекунанд. Онҳо муқаррар менамоянд, ки кадом талаботҳои ҷомеа ва таҳдидҳо ҳамчун асос барои манъсозии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бошанд ва бо кадом васила давлат ба онҳо тавассути воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқовимат нишон диҳад.

Дар айни замон, принсипҳо ҳамчун талаботи ягона ва ҳатмӣ барои ҳамаи институтҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо мувофиқати дохилии қарорҳои қонунгузориро таъмин намуда, барои татбиқи якхелаи ҳуқуқ шароит фароҳам меоранд ва имконияти тафсирҳои худсарона ва парокандаро ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳдуд месозанд. Мазмун ва аҳаммияти роҳнамоии принсипҳо ҳамчунин дар сатҳи техникаи қонунгузорӣ низ зоҳир мегардад: ҳангоми таҳия ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ маҳз принсипҳо интихоби усулҳои ҳуқуқӣ-техникиро муайян менамоянд, ки равшанӣ, набудани ихтилоф ва низомнокии муқаррароти меъёриро таъмин мекунанд.

Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ асоси ташаккули мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, ба сифати талаботи ҳатмӣ дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда мешаванд ва хусусияти императивӣ барои қонунгузор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандонро доро мебошанд, хусусияти устувор дошта бо ёрии арзишҳои дар ҷомеа муқарраршуда таҳия шудаанд ва дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ифода ёфтаанд, эътибори баланди илмӣ ва хусусияти низомнокӣ доранд, қувваи олии ҳуқуқӣ дошта, дар ҳолати ихтилоф бартарият ба принсипҳои ҳуқуқӣ дода шуда, самаранокии татбиқи қонуни ҷиноятиро таъмин менамоянд.

4. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат буда, он на танҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар доираи таҳқиқотҳои илмӣ низ муайян карда мешаванд. Татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва

ҷазо дар Тоҷикистон эҳтимоли зиёд тавассути навсозии институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва қонунгузории марбут ба масъалаҳои ҷавобгарӣ ва ҷазо сурат хоҳад гирифт. Такмили ҷавобгарии ҷиноятӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз як тараф ба васеъ намудани шароитҳои истифодаи чораҳои пешгирикунандаи алтернативӣ ва намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд, гуманизатсия кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазои ҷиноятӣ равона гардидааст. Аз ҷониби дигар, муайян намудани ҷазои ҷиноятӣ нисбатан вазнин барои ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, фаромиллӣ ва киберҷиноятҳо ва м.и. алоқаманд мебошад. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун самти татбиқи консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад намуда, асоси он бо сиёсати иҷтимоии давлат, сиёсати пешгирии ҷинояткорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ дошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд иборат мебошад.

Яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ин такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Он мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати қонунҳо ва татбиқи самараноки онҳо, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс, таъмини соҳибихтиёрӣ, амният ва тамомияти арзии давлат, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини волоияти қонун, ислоҳоти ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Дар баробари ин, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, пурзур намудани мубориза бо ҷинояткорӣ, аз байн бурдани ихтилофот дар қонунгузорӣ ва мутобиқ намудани он ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, маниторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра равона карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷойдоштаро зимни пажӯҳишҳои минбаъдаи проблемаҳои назариявӣ ва амалии мавзӯҳои мубрами илмӣ, таҳқиқи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби онҳо, инчунин дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили минбаъдаи қонунгузории миллӣ истифода намудан мумкин аст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки маводи диссертатсияро метавон дар раванди пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, фаъолияти таълимӣ ҳангоми дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва курсҳои махсуси сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ. истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад, дар он ифода мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида дар такмили қонунгузории миллӣ нақши калон дошта, онҳо метавонанд бисёре аз холигиҳоро дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ, назарияи қонунэҷодкунӣ, қонунгузориии амалкунанда дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳамзамон амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ пурра намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба масъалаи мазкур асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, борҳо дар ҷаласаҳои он муҳокима ва барои ҳимоя тавсия шудааст. Инчунин, нуқтаҳои асосии он дар шакли маърузаҳо ва гузоришҳои муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин пешниҳод шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии “Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз” – маъруза дар мавзуи «Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Душанбе, соли 2022);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии “Ҳуқуқи инсон ва мушкилоти замони муосир” – маъруза дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таснифоти ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Душанбе, соли 2025).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии «Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ” – маъруза дар мавзуи «Мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Душанбе, соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии “Асосҳои таҳкими истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таҳдидҳо ва хатарҳои иттилоотӣ” – маъруза дар мавзуи «Хусусияти хоси ҷазои ҷиноятӣ дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Душанбе, соли 2022);

– Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – маъруза дар мавзуи «Ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» (Рашт, 18-23 апрели соли 2022 – Ҳафтаи илм).

– Конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, бахшида ба 26-солагии Ваҳдати миллӣ ва Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) – маъруза дар мавзуи «Хусусиятҳои хоси ҷазои ҷиноятӣ дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ» (Рашт, 14-20 апрели соли 2023 – Ҳафтаи илм).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 217 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

## I.I. Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назарии илмӣ-методологӣ

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои муҳимми илми назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, дар ҳама давру замон мубраммияти худро нигоҳ доштааст. Бояд гуфт, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ мафҳуми васеъ буда, вобаста ба намудҳои алоҳида, мазмуни гуногунро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки то кунун дар илми ҳуқуқ мафҳуми умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой надорад.

Мавриди зикр аст, ки дар назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ айни замон баҳсу мунозираҳо атрофи фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасад. Муҳаққиқони зиёд мафҳуми гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод менамоянд. Онҳо иброз медоранд, ки ин гуногуншаклӣ боиси мушкилоти назариявӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ гардида аст. Аз ҷумла У.А. Азиззода қайд намудааст, ки «Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ дар хусуси фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Мавҷуд набудани мафҳуми ягона ва истифодаи гуногуни истилоҳи ҳуқуқӣ дар назарияи илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ барои таҳлили институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушкилиҳои объективиро ба миён оварда, ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва низоми қонунгузорӣ монеъ шуда метавонад» [116, с. 241]. Мувофиқи ақидаи Н.А. Бутакова, «Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ дар шарҳи моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва муайян намудани мафҳуми он ягонагӣ вуҷуд надорад, гарчанде ки ин масъала аз ҷониби олимони шуравӣ ва пасошуравӣ ба таври амиқ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст» [137, с. 251]. Ба андешаи А.В. Зуев, «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ як падидаи хеле мураккаб маънидод мегардад. Ин аст, ки аз нигоҳи адабиёти ҳуқуқӣ гуногунандешӣ атрофи ин масъала то имрӯз боз боқӣ мондааст. Бояд таъкид кард, ки айни замон дар

қонунгузорӣ мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда нашудааст, ки барои таҳлили баъзе категорияҳои ҳуқуқӣ метавонад нофаҳмиҳоро эҷод созад» [152, с. 492]. Дар дигар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи ҳамин масъала зикр шудааст, ки «... то имрӯз дар илм ва амалияи ҳуқуқ масъалаи мафҳуми умумии дуҷонибаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аломатҳо ва хосиятҳои он ҳалношуда мондааст. Ин бештар ба он вобаста аст, ки дар айни замон дар илмҳои гуманитарӣ на танҳо мафҳуми умумиэътирофшудаи ҳуқуқӣ, балки ҷавобгарии иҷтимоӣ низ вуҷуд надорад, ки олимон борҳо таъкид кардаанд» [56, с. 30]. П.А. Климонов дар ин хусус ба маврид изҳор намудааст, ки «... дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсбарангез аст. Дар қонун мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дақиқ муқаррар карда нашудааст, ки ин барои таҳлили ин категорияи ҳуқуқӣ душвориҳо ба вуҷуд меорад, ки онро муҳаққиқон ба таври гуногун тафсир мекунанд» [159, с. 363]. Ҳамин тавр, аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ то кунун таърифи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод нашудааст, ки фарогирандаи тамоми ҷанбаҳо, хусусият ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар низ мафҳуми мазкур ба назар намерасад. Аз як тараф таҳқиқи масъала ва пешниҳоди мафҳуми ягонаро душвор мегардонад, аз тарафи дигар мубраммияти таҳқиқи масъаларо меафзояд.

Бояд тазаккур дод, ки мавҷуд набудани мафҳуми умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ маънои онро надорад, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи он андешаронӣ нашудааст, баръакс, дар адабиёт аз ҷониби муҳаққиқон таърифҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ манзур гардидаанд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз муҳимтарин институтҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки меъёрҳои он дар механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо он муайян карда мешавад, ки мавҷудияти таҳдиди

чораи ҳуқуқӣ барои кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ангезаи рафтори қонунӣ мебошад. «Мавҷуд набудани мафҳуми мушаххаси ҳуқуқии (бо қонун муқарраргардида) «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ҳангоми истифодаи ин истилоҳ дар қонунгузории ҷорӣ барои таҳлили ин категорияи ҳуқуқӣ мушкилот эҷод мекунад. Ин ҳолат ба рушди назарияи илми ҳуқуқ ва ҳам низоми ҳуқуқии ватанӣ мушкилот меорад. Агар категорияи «ҷавобгарӣ» ба таври дигар фаҳмида шавад, пас ҳар як муҳаққиқ ба он ҷиҳати падидае, ки аз ҳама муҳимтар мешуморад, таваҷҷуҳ мекунад» [157, с. 136]. Бинобар ин, фаҳмиши ягонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳам барои амалияи қонунгузорӣ ва ҳам барои назарияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калон дорад.

Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ – намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият татбиқ мешавад» [105, с. 860]. Андешаи мазкур бисёр содда, фаҳмо ва байёнкунандаи унсурҳои муҳимму таркибии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Дар баробари ин, бо андешаи як зумра муаллифон розӣ шудан лозим аст, ки мафҳуми ҷавобгарӣ дар шакли умумии худ маънои фалсафӣ, забонӣ, иҷтимоӣ ва методологӣ дошта, муносибати махсуси иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии шахсро нисбат ба давлат ва ҷомеа ифода мекунад, ки аз иҷрои вазифаи маънавию ҳуқуқӣ иборат аст.

Барои дуруст дарк намудан ва муқаррар намудани истилоҳи «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» зарур аст онро аз ҷиҳати забоншиносӣ, фалсафӣ, мантиқӣ ва дигар илмҳо баррасӣ намоем. Чунончи, дар луғати забони русӣ мафҳуми «ҷавобгарӣ» мураккаб ва фарогир буда, аз се қисмати ягона иборат аст: 1) дарки уҳдадорӣ, ки дар меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ифода ёфтааст; 2) арзёбии рафтор ва оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми он аз ҷониби давлат ва мақомоти он; 3) тадбирҳои таъсиррасонӣ (ҷазо) аз номи давлат, ҷомеа ё гурӯҳ барои дур шудан аз

меъёрҳои рафтор [79, с. 148]. Фарҳанги тафсири истилоҳоти тоҷикӣ ҷавобгариро ба ду фаҳмиш тафсир намудааст: 1) масъул будан, масъулият, ҷавобгар будан; 2) гунаҳгорӣ, айбдорӣ; ҷавобгариро ба гардан гирифтан, масъулиятро ба зимма гирифтан; ҷавобгарӣ доштан, масъулиятнок будан, масъулият доштан (кор, вазифа); ба ҷавобгарӣ кашидан гунаҳгор кардан, масъул гардонидан (касеро барои коре); ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии моддӣ [95, с. 573].

Муаллифони «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» низ ба мазмун ва моҳияти забонии он такя намуда, ҷавобгарии ҳуқуқиро шарҳ додаанд. Мафҳуми ҷавобгарӣ дар ин истилоҳот хусусияти софи ҳуқуқиро касб намудааст. Мувофиқи «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси гунаҳгор барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ дар санксияҳои меъёрҳо пешбинӣ мешавад. Асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунӣ аст. Агар ҳуқуқвайронкунӣ набошад, пас ҷавобгарӣ ҳам нест. Ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти давлатӣ ва ашхоси мансабдори босалоҳият бо тартиби махсуси пешбиникардаи қонун истифода мебаранд» [94, с. 531].

Аз мафҳуми болозикр маълум мегардад, ки маънои истилоҳи «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ифодакунандаи татбиқи чораҳои махсуси маҷбуркунӣ аз ҷониби давлат мебошад, ки нисбати шахсе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардааст, нигаронида шудааст. Дар ин маврид сухан дар бораи як низоми мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқӣ меравад, ки мавҷудияти ду тараф – мақомоти салоҳиятдор аз ҷониби давлат ва ҳуқуқвайронкунанда, ки барои кирдори содиршуда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, пешбинӣ менамояд. Маҳз бо ҳамин нишондод ё муқаррарроти ҳуқуқиаш мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро аз мафҳуми умумии он ҷудо кардан мумкин аст. Дар баробари ин бояд ҳамчун татбиқи ин мафҳуми умумӣ ба шароиту хосиятҳои хоси ҳуқуқ, фаъолияти ҳуқуқӣ, танзими амалҳо бо ҳуқуқ, рафтори инсон ба ҳисоб гирифта шавад.

Ба андешаи мо, ҷавобгарии ҳуқуқиро бояд дар заминаи ягонагии амали ҷамъиятии ҳуқуқ бо хусусиятҳои танзими меъёрӣ дар соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ баррасӣ низ кард. Албатта, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи ҳуқуқӣ, инчунин як намуди махсуси ҷавобгарии иҷтимоӣ низ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи оне, ки «... дар назарияи ҳуқуқ тафсирҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ ифода мешаванд: татбиқи санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, маҷбуркунӣ барои иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҷазо, бори иловагӣ аз сабаби иҷро накардани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, як намуди таъсири маҷбурии давлатӣ» мебошанд, метавон розӣ шуд [139, с. 19]. Дар баробари ин, ҳар як консепсияи пешниҳодшуда як қатор ҷанбаҳои баҳсбарангез низ дорад. Онҳоро мо дар саҳифаҳо ва бахшҳои диссертатсия баррасӣ хоҳем намуд.

Шарҳи маъмултарини мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ, ҳамчун вокуниш ба кирдори содиршуда, яъне ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Дар ин хусус Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад, ки истилоҳи «маҷбуркунии давлатӣ» ба маънои мазмун ва моҳияти ҳуқуқии чораҳои маҷбуркунии давлатӣ фаҳмида мешавад. Дар шароити рушди давлати демократию ҳуқуқбунёд бояд истилоҳи «маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ» истифода карда шавад [82, с. 619-620]. Дар воқеъ чораҳои маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ дар заминаи вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқ ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ « ... ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷомеа, пеш аз ҳама, маҷбурии давлат барои иҷрои талаботи қонун фаҳмида мешавад, ки маҳкумкунии кирдори ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби давлат ва ҷомеаро дар бар мегирад» [157, с. 136].

Вобаста ба нишонаи зикргардидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон як қатор нуктаҳои муҳимро қайд намуд. Аввалан, ҷавобгарӣ бо ҳуқуқвайронкунӣ зич алоқаманд аст; дуюм, ҷавобгарӣ дар татбиқи маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда ифода меёбад; сеюм, худи амали истифодаи зӯроварӣ маҳкумкунии кирдори

ҳуқуқвайронкунандаро дар бар мегирад. Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар шакли маҳрумсозии дорои хусусияти шахсӣ, ташкилӣ ё молӣ ифода ёфтаанд.

Чун анъана дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ оқибати вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахс фаҳмида мешавад. Ба андешаи У.А. Азиззода, «... ҷавобгарӣ (дар мазмуни васеи иҷтимоияш) гуфта, зарурати воқеии ҷавобгарии шахси барои вайрон кардани меъёрҳои дар ҷамъият муқарраргардидаро меноманд, ки дар татбиқ кардани оқибатҳои ногувор нисбати ӯ ифода меёбанд (сарзаниш, танбеҳ, ҷарима, аз озодӣ маҳрум намудан, ҳукми қатл ва м.и.). Намудҳои гуногуни ҷавобгарии иҷтимоӣ вуҷуд доранд: ҷавобгарии сиёсӣ, маънавӣ, корпоративӣ, оилавӣ, динӣ, ҳуқуқӣ ва ғ. Вале дар низоми ҷавобгарии иҷтимоӣ мавқеи махсусро ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишғол менамояд» [116, с. 241]. Дар ҳамин радиф О.С. Иоффе ва М.Д. Шаргородский низ «ҷавобгарии ҳуқуқиро оқибати ҳуқуқвайронкунӣ, ҳамчун аксуламали давлат ба иҷро накардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахс баррасӣ карданд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба ақидаи онҳо, чораи маҷбуркунии давлатӣ дар асоси маҳкумкунии ҳуқуқӣ ва ҷамъиятии рафтори ҳуқуқвайронкунанда ва дар муқаррар намудани оқибатҳои муайяни манфӣ барои ӯ дар шакли маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ ифода меёбад» [16, с. 416]. Як гурӯҳи муаллифон ҷавобгарии ҳуқуқиро як навъ санксия мешуморанд. Гурӯҳи дигар ба мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷамъият таваҷҷуҳ дорад. Аммо дар ҳарду ҳолат, нуқта дар он аст, ки асос уҳдадориест, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда ба вуҷуд омадааст. Чунончи, қисмати зиёди муҳаққиқон ҷавобгарии ҳуқуқиро «вокуниш ё аксуламал ба ҳуқуқвайронкунии шахс, ки дар шакли маҷбуркунии давлат тавассути мақомоти салоҳиятдор ифода меёбад», номидаанд [124, с. 120].

Бояд гуфт, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ як қисми муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад. Дар натиҷаи он оқибатҳои ҳуқуқӣ байни ҳуқуқвайронкунанда ва давлат дар симои мақомоти салоҳиятдори он ба вуҷуд меоянд. Аммо ҷавобгарӣ ин гуна муносибатҳои нави ҳуқуқӣ нест, зеро ҳамон муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳамон уҳдадорие, ки қаблан вуҷуд дошт, ки он вайрон шудааст, иҷро нагардидааст, ё ба тариқи дахлдор амалӣ карда нашудааст. Уҳдадории умумии иҷро накардани амалҳои муайян дар муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас уҳдадорӣ нест. Бинобар ин, танҳо ҳангоми вайрон кардани ин уҳдадорӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд ва албатта уҳдадории дар он мавҷудбударо ихтиёран иҷро кардан мумкин аст. Ихтиёран иҷро накардани уҳдадорие, ки аз вайрон кардани мамнуъиятҳои умумӣ бармеояд, боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад.

Дар айни замон мақсади мо аз матраҳ намудани мавзуи мавриди назар аз он иборат нест, ки танҳо як нуқтаи назар ва ё як мавқеи мушаххаси илмиро дурусту дақиқ бишуморем ва нуқтаи назари шахсони дигарро нодида бигирем. Мо тарафдор ва алоқаманди он ҳастем, ки ба сифати асосу бунёд дар муқоиса бо консепсияҳои дигари алтернативии мавҷуд консепсияи ҳуқуқии аз ҷиҳати илмӣ бештар асоснокро қабул намоем ва бо ин имкони онро фароҳам оварем, ки ин консепсияи мукаммалу дорои асосҳои комилтари ҳуқуқӣ аз назари консепсияҳои дигари монанд ба он мавриди интиқоду баррасӣ қарор бигирад. Фақат бо истифода аз чунин равиш метавон ба ташаккули самти мушаххас дар кори таҳияву омодасозии мутахассисон ноил гардид. Бинобар ин, дар муайянсозии мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд тамоми андешаҳои пешниҳодшуда ва ҷанбаҳои мухталифи ҷавобгарӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳо ва фаҳмишҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушоҳида мегардад. Чи гунае, ки қаблан қайд

намудем, баъзе муаллифон онро ҳамчун раванди татбиқи санксияҳо мефаҳманд. Дигарон онро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии ҳимоявӣ пешниҳод мекунанд, ки байни ҳуқуқвайронкунанда ва мақомоти давлатӣ ба вуҷуд меояд [19, с. 31-37].

Бо вуҷуди ин, ҳамаи онҳо розӣ ҳастанд, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун уҳдадории мушаххаси дорои маҳдудиятҳои шахсӣ ё моддӣ барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда маънидод гардад, ки мувофиқи санксияи меъёри ҳуқуқии вайроншуда татбиқ карда мешавад. Минбаъд нуқтаи назари дигар ба миён меояд, ки мувофиқи он ҷавобгарии ҳуқуқӣ маънои татбиқи санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, тадбирҳои зикргардидаи ҷавобгариро дорад. Баъзе аз муҳаққиқон дар доираи мавзуи баррасишаванда бар он ақидаанд, ки «... ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин, пеш аз ҳама, чораи маҷбурии давлат нисбат ба шахсе мебошад, ки меъёр ва тартиби муқарраргардидаро вайрон кардааст. Дар навбати худ, таъкид кардан лозим аст, ки ин ҷавобгарӣ барои ҷомеа низ кафолати муайян буда, имкон медиҳад, ки барои ҳифзи аҳолӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳо шароит фароҳам оварда шавад» [123, с. 64].

Ҷавобгарии ҳуқуқиро дар доираи категорияҳои ҳуқуқии мавҷуда таҳлил намуда, онро ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқии муҳофизатӣ, ҳамчун уҳдадории мушаххаси ҳуқуқӣ, ҳамчун татбиқи санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ғайра маънидод мекунанд. Чунончи, В. Лазарев чунин пешниҳод кардааст: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин уҳдадории субъекти ҳуқуқ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шуда, ҳуқуқвайронкунандаро дучори оқибатҳои номусоиди ҳуқуқвайронкунӣ мегардонад» [60, с. 164]. Дар ин маврид ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки дар он ҳуқуқвайронкунанда ҳамчун тарафе баромад мекунад, ки ба душвориҳои муайян дучор мешавад. Бо вуҷуди ин, худи он ҳанӯз татбиқи чунин чораҳо нест. Ҷавобгарӣ худи маҷбуркунӣ нест, балки уҳдадории он аст, ки мувофиқи санксияҳои

меъёрҳои ҳуқуқӣ аз сар мегузаронад. Санксияҳо доираи ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян мекунанд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки аз уҳдадории гирифтор шудан ба маҳрум сохтан аз озодӣ иборат аст, бевосита аз воқеаи содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ба миён меояд, дар ҳоле ки татбиқи санксия фаъолияти муайяни мақомоти давлатӣ, аз қабили суд, прокуратура, милитсия, мақомоти тафтишотӣ, муассисаҳои корҳоиислоҳиро талаб мекунад.

Як қатор олимон ба ҳимояи нуқтаи назари васеъ ба тафсири сохтори ҷавобгарии ҳуқуқӣ шуруъ намуда, қайд карданд, ки «ҷавобгарӣ, ки танҳо ҳамчун низоми маҷбуркунии давлатӣ фаҳмида мешавад, ба мо имкон намедиҳад, ки зарурати объективии асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва умуман ҳуқуқро дарк кунем, чунин ҷавобгарӣ ҳамчун зӯроварӣ амал мекунад» [16, с. 285]. Мувофиқи ин андеша ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳам муносибати субъективии шахс ба кирдори ояндаи худ ва ҳам оқибатҳои воқеии рафтори ғайриқонуниро дар бар мегирад, ки дар татбиқи чораҳои маҷбурӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби давлат ифода мeёбад. Дар натиҷа, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ пайдо мешавад, ки ягонагии унсурҳои позитивӣ (мусбӣ) ва негативиро (манфӣ) муттаҳид мекунад.

Ба монанди гуфтаи боло Б.Т. Базилев чунин таърифро пешниҳод мекунад: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқи иҷтимоӣ институти махсуси муҳофизаткунанда буда, вазифаи ҷазо додани ҳуқуқвайронкунандаро иҷро мекунад» [19, с. 8]. О.Э. Кутафин «Ҷавобгарии ҳуқуқиро ин вокуниши манфии давлат ба содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ медонад, ки дар шакли татбиқи чораҳои давлатии таъсиррасонӣ нисбати шахси гунаҳгор ифода меёбад» [73, с. 432]. С.Н. Братус ба сифати ҷавобгарии ҳуқуқӣ иҷрои уҳдадориро медонад, ки он ба маҷбуркунии давлатӣ ё ба он баробар асос ёфтааст» [25, с. 85]. Д.А. Липинский мафҳуми васеи ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод намуда, қайд

мекунад, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин уҳдадории қонунӣ оид ба риоя ва иҷрои талаботи муқарраркардаи волоияти қонун мебошад, ки дар рафтори қонунии субъектҳо ба амал омада, аз ҷониби давлат тасдиқ ё ҳавасманд карда мешавад ва дар ҳолати вайрон кардани он - уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда барои муқовимат ба маҳкумият, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои дорои хусусияти моддӣ ё шахсӣ ва татбиқи он ба миён меояд» [166, с. 29].

Ҳамин тариқ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳама марҳилаҳои пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки асоси пайдоиши он ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Муайян кардан мумкин аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ уҳдадории қонунӣ оид ба риоя ва иҷрои талаботи пешбининамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар рафтори қонунии субъектҳои аз ҷониби давлат тасдиқ ё ҳавасманд гардонидашуда ба амал меояд ва дар ҳолати вайрон кардани он – уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда барои маҳдуд кардани ҳуқуқҳои дорои хусусияти моддӣ, ҳуқуқӣ ё шахсӣ ба вуҷуд меояд. Дар асоси таърифҳои дар боло овардашуда дар мафҳуми умумӣ ду нуқтаи назари асосиро барои фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст. Мафҳумҳои мавҷуда онро ё ҳамчун вокуниши давлат нисбат ба ҳуқуқвайронкунӣ (таъхири чораҳои ҷазо, татбиқи ҷазо ва ғ.) ё муносибатҳои махсуси ҳуқуқӣ мешуморанд, ки мувофиқи он ҳуқуқвайронкунанда вазифадор аст оқибатҳои манфии кирдори худро аз сар гузаронад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ уҳдадории мушаххас оид ба риояи меъёрҳои муқарраршуда, инчунин, иҷрои талаботе мебошад, ки номгӯйи онҳоро қонун муқаррар кардааст. Мақсади истифодаи маҳдудиятҳо ва чораҳои ҷазо бояд ҳамчун намунаи рафтори субъектҳо баррасӣ шавад, ки онро ҳам ҷомеа ва ҳам давлат тасдиқ мекунанд. Дар навбати худ, ҳангоми вайрон кардани меъёру тартиби муқарраргардида,

ногузир ҷавобгарӣ ба миён меояд, ки бо маҳдуд кардани ҳуқуқҳои дорои хусусияти моддӣ, шахсӣ ё ҳуқуқӣ ифода меёбад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор татбиқ намудани ҷазои ҷиноятӣ, азобу уқубати онҳо аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда, барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи ҷабрдида ва ҷазо додани шахси гунаҳкор бо мақсади пешгирии умумӣ ва махсус мебошад. Равишҳои асосии дарки моҳияти ҳуқуқии ҷавобгарӣ, ки дар назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар рафти баҳси дар боло зикршуда ташаккул ёфтаанд, то имрӯз дар адабиёти мо боқӣ мондаанд. Баъзе муаллифон нуқтаи назари анъанавӣ, ки ҷавобгариро бо ҳуқуқвайронкунӣ алоқаманд мекунанд, риоя мекунанд, дар баробари ин, ҷавобгариро ҳамчун унсури вазъи ҳуқуқӣ эътироф намуда, онро на барои вайрон кардани талаботи муқарраргардидаи меъёрҳои ҳуқуқи ниҳоии имконпазир, иқтидори «нигоҳ дошташуда», балки ҳамчун масъулияти хеле воқеӣ барои иҷрои дурусти уҳдадориҳои худ, «пеш аз» ва «ғайр аз ҳуқуқвайронкунӣ» мавҷуда мешуморанд.

Ҷавобгариии позитивӣ муносибати шахсро нисбат ба ҷамъият ва давлат, ба шахсони дигар аз нуқтаи назари иҷрои талаботи муайян, дарк кардан ва дуруст дарк намудани уҳдадориҳои (қарзи) худ нисбат ба ҷамъият, давлат ва шахсони дигар ифода мекунад [137, с. 252]. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун ҷанбаи субъективӣ тадбири (навъи) рафтори дурусти ҳуқуқвайронкунанда дар назди давлат ва (ё) иштирокчии дигари муносибатҳои ҳуқуқии ҳимоявӣ, кашидани маҳдудиятҳо, маҳрумиятҳо, ҷазои дорои хусусияти молумулкӣ ва ғайримолумулкии пешбининамудаи қонун ва (ё) шартнома бо мақсади адои ҷазо, пешгирии ҷиноятҳои нав ё ҷуброни (товони) зарари (зиёни) дигари расонидашуда аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда мебошад.

Аз нигоҳи ҳуқуқи маъмурӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба маънои пардохти ҷарима ва ғайра дониста мешавад. Чунин дидгоҳ ва нуқтаи назар дар

соҳаи назарияи ҳуқуқ дар айният ёфтани ҷавобгарӣ бо санксияҳои ҳуқуқӣ инъикос ёфтааст Дар бархе аз ҳолатҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба сифати маҷбурсозии давлатӣ ҷиҳати иҷрои талаботи ҳуқуқ ҳамчун на уҳдадории алоқаманд ба ҳодисаи ҳуқуқвайронкунӣ, балки ба муносибати қабули санади ҳуқуқтатбиққунӣ муайян мегардид [63, с. 55-62; 53, с. 98].

Илова бар ин, маъмулан, дар изҳори назар ва муҳокимарониҳои гуногун дар бораи ҷавобгарии ҳуқуқии позитивӣ падидаҳои ҳуқуқӣ ба таври назариявӣ бо чунин категорияҳои ахлоқ ва шуури ҳуқуқӣ, аз ҷумла «дарки зарурати рафтори қонунӣ», муносибати дилсӯзона нисбат ба уҳдадориҳои худ, «ҳисси ҷавобгарӣ» ва ғайра алоқаманд мебошанд.

Дар миёни донишмандони муосир аз қабили Н.А. Горбаток, В.А. Кучинский ва О.Н. Людвикевич ба мавзуи инкишофу рушди муқаррароти умуминазариявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. «Ҳарчанд ҷавобгарӣ бо рафтори гузаштаи анҷомдодаи субъект алоқманд аст, аммо он дар замони воқеӣ сурат мегирад ва на ба замони гузашта, балки ба замони оянда нигаронида шудааст. Илова бар ин, функсияи пешгирӣ ба замони оянда нигаронида шудааст» [144, с. 14-17]. Ҳамин тавр, муаллиф муносибат ва бархӯрди дуалистӣ нисбат ба муайян намудани мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро инкор менамояд.

Вақтҳои охир самти дигар – таҳлили ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи умумии иҷтимоӣ пайдо шуда, дар натиҷа консепсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадааст. «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусияти ҳар як зуҳуроти ҳуқуқӣ ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳоро инъикос мекунад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҳуқуқвайронкунӣ ҷудонашаванда буда, оқибати он мебошад. Он бо санксияи меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқаманд буда, бо фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, бо маҷбуркунии ҳуқуқии давлатӣ алоқаманд аст» [157, с. 137]. Ҳангоми муайян кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ

бо ин ё он тарз яке аз масъалаҳои баҳсбарангези ҳуқуқшиносӣ – хусусияти «дугона»-и ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ретроспективӣ (ҷавобгарӣ барои кирдори ғайриқонунии содиршуда) ва перспективӣ (дарки вазифаи худ дар назди ҷомеа, муносибати масъулиятшиносӣ ба вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда) бояд ба назар гирифта шавад. Тарафдорони тафсири васеъ ҷавобгарии ҳуқуқиро аз рӯйи мафҳуми дугона, мансуб ба назарияи ҷавобгарии «позитивӣ» меҳисобанд. Аз нуқтаи назари онҳо, ҷавобгарии ҳуқуқӣ на танҳо натиҷаи рафтори ғайриқонунӣ, вокуниши давлат ба ҳуқуқвайронкунии содиршуда, балки падидаи мусбатест, ки муносибати бошуурона ва масъулиятшиносии шахсро ба кирдор, тарзи дурусти зиндагии одамон, меҳнати софдилона ва м.и. пешбинӣ намуда, барои рафтори субъектҳо, ба истисноӣ вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқӣ, ҳамчун асос хизмат мекунад [184, с. 155; 68, с. 195].

Тарафдорони назарияи позитивии ҷавобгарии ҳуқуқӣ Н.В. Витрук, Н.И. Матузов, В.Н. Кудрявсев ва дигарон мебошанд. Бисёр олимони назариячиёни ҳуқуқшинос (И.А. Алексеев, Н.А. Слободчиков ва диг.) мавҷудияти ҷавобгарии позитивиро асоснок карда, ин равишро дар давраи гуманизатсияи танзими ҳуқуқӣ мувофиқ медонанд [184, с. 153-157]. Идеяи «дугона» будани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва муайян кардани унсури позитивии он дар асарҳои С.Н. Братус, О.Е. Лейст, Н.С. Малейн, М.И. Байтин, В.М. Баранов ва як қатор олимони дигар мавриди шубҳа қарор гирифтааст. Интиқоди асосноки ҷавобгарии ҳуқуқии позитивӣ аз ҷониби О.Е. Лейст дода шудааст [62, с. 156].

Набудани фаҳмиши ягонаи ҷавобгарии ретроспективии ҳуқуқӣ боиси чунин маънидод шудани он мегардад: чораи пешгирии давлатӣ ё ҳамчун ҷазо барои ҳуқуқвайронкунӣ; татбиқи санксияҳои меъёри ҳуқуқӣ; вокуниши ҷомеа ба ҳуқуқвайронкуниҳо ё баҳодиҳии фаъолияти ҳуқуқвайронкунанда, ки дар ҳукми суд ё мақомоти дигари салоҳиятдор

ифода ёфтааст; муносибатҳои ҳуқуқие, ки байни ҳуқуқвайронкунанда ва давлат (мақоми салоҳиятдор) ба вуҷуд меояд; иҷрои уҳдадории ҳуқуқӣ дар асоси маҷбуркунии давлатӣ ё ба он баробаркардашуда; уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда оид ба ҳисобот додан барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда; тадбирҳои маҷбуркунии давлатӣ оид ба риояи талаботи қонун, ки дорои маҳкумияти амали ҳуқуқвайронкунанда аз ҷониби давлат ва ҷомеа мебошад.

Вобаста ба ин, бояд эътироф кард, ки ҷавобгарии перспективӣ хусусияти ҳуқуқӣ дошта, бо дарки эҳсосӣ ва равонии фард аз вазифаи худ дар назди ҷомеа ва давлат алоқаманд аст. Ба андешаи мо, далелҳои ҷонибдорони ҷавобгарии ретроспективии ҳуқуқӣ ба муқоисаи мафҳумҳои вазифа ва ҷавобгарӣ асос ёфтаанд. Тахмин меравад, ки ин мушкилот дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ фаҳмиши нав пайдо мекунад. Аммо ҳоло, андешаи Л.А. Морозов дар айни замон дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ оид ба эътирофи мафҳуми танҳо ҷавобгарии ҳуқуқии манфӣ (ретроспективӣ) ҷой гирифтааст, метавон розӣ шуд [184, с. 157]. Тибқи мафҳуми ҷавобгарии негативӣ, эҳтимолияти ҷавобгарии то содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо вуҷуддошта асосан истисно карда мешавад. Ин ҷавобгарӣ барои рафтори гузашта аст, ки хилофи талаботи қонунии мавҷудаи ҷомеа мебошад. Он як аксуламали иҷтимоии берунии шахсе мебошад, ки ҷавобгариро ба дӯш дорад ва ранҷу азоби ногузир аз ин аксуламал аз ҷониби ӯ мебошад. Мафҳуми ҷавобгарии позитивӣ, баръакс, ҷавобгариро новобаста аз далели содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо бинобар мавҷудияти уҳдадориҳои субъектҳои дар қонун пешбинишуда эътироф мекунад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин замина ҳам муносибати субъективии шахсро нисбат ба кирдорҳои ояндаи худ, як навъ гунаҳкорӣ барои рафтори эҳтимолӣ ва ҳам оқибатҳои воқеии рафтори ғайриқонунӣ, ки ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбурии давлат нисбат ба шахси гунаҳгор ифода меёбад, фаро мегирад [137, с. 252].

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ як намуди махсуси ҷавобгарии иҷтимоӣ, як падидаи мушаххаси ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои сарчашмаҳои танзимкунанда ва ҳуқуқҳифзкунанда (қонунҳо, шартномаҳо, урфу одатҳои ҳуқуқӣ, муқаррарот, мамнуъиятҳо, санксияҳо) мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ асосҳои ҳуқуқӣ ва воқеӣ, шаклҳо, воситаҳо, тадбирҳои таъсиррасонии шахсони ваколатдори давлатиро ба вайронкунандагони ҳуқуқи оммавӣ ва хусусии тибқи уҳдадориҳои ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидашуда муайян мекунад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз чораҳои (санксияҳои) маҷбурии давлатии дорои хусусияти молумулкӣ ва (ё) шахсӣ (ғайримолумулкӣ)-ро дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии ҳимоявӣ бо тартиб ва асосҳои пешбининамудаи қонун иборат буда, бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектони ҳуқуқ, ноил шудан ба пешгирии умумӣ ва махсус бо риояи принсипҳои қонуният, эътибори ҳуқуқӣ, адолат ва мутаносибӣ нигаронида шудааст.

Номуайянии доктриналӣ дар дарки моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ асосан ба таври сунъӣ, ҳамчун як навъ арҷгузорӣ ба анъанаҳои назариявии замони гузашта нигоҳ дошта мешавад. Маҳз дар ҳуқуқи шуравӣ ба негативӣ ва позитивӣ тақсим кардани ҷавобгарӣ, ҳамчун кӯшиши таъмини ҳисобот ва назорати ҳақиқии мақомотҳо ва шахсони мансабдори дастгоҳи ҳизбӣ ва давлатӣ васеъ паҳн гардид. Ба ин маънӣ нуқтаи назари Е.И. Колюшин мувофиқ мебошад, ки ҷавобгарии позитивиро ҳамчун ҷавобгарии «бегуноҳӣ» баъзе мақомоти давлатӣ дар назди дигарон ҳисоб мекард [54, с. 22]. Ҳамаи хислатҳои дар боло зикршудаи ҷавобгарии «позитивӣ» ва «негативӣ», ки аз тарафи тарафдорони фаҳмиши васеи ҷавобгарӣ ба он дода шудаанд, шубҳаҳои муайянеро ба миён меоранд.

Бояд тазаккур дод, ки худи мафҳуми «ҷавобгарӣ», пеш аз ҳама, нишондиҳандаеро дарбар мегирад, ки он «ҷавоб» ба чизе, аксуламал ба чизе, ки аллакай анҷом ёфтааст, мебошад Ин барои ҳуқуқшинос набояд

шубҳа бошад, ки ин вокуниш, вокуниши ҷомеа ва давлат ба ҳуқуқвайронкунии содиршуда – кирдори (интизомӣ, маъмурӣ, маданӣ ё ҷиноятӣ) мебошад [72, с. 458-459; 80, с. 668].

Ҳамин тавр, зимни таҳлили андешаҳои олимон мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро чунин қайд кардан мумкин аст: ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуркунии давлатии бо қонун муқарраршудае мебошад, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои он (барқарор намудан ва ё сазо кашидан аз кирдори худ) ба шахси ҳуқуқвайронкунанда нигаронида шудааст.

Тавре таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ нишон медиҳад, мафҳум, функсияҳо, принсипҳо ва дигар ҷанбаҳои муҳимми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ягон санади дахлдор муқаррар нашудааст. Қонунгузории соҳавӣ танҳо мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷазоро муқаррар кардаанд, вале мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд намебошад.

Ҷавобгарии ҳуқуқиро асосан хусусият ва аломатҳои он равшану возеҳ менамоянд, ки дар як маврид ифодакунандаи моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Оид ба хусусият ва аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ё аниқтараш унсурҳои таркибии мафҳуми он дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад. Аз ҷумла, ба ақидаи баъзе муаллифон, мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд хусусиятҳои зеринро дар бар гирад:

«1) маҳкумкунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар шакли талаб дар бораи татбиқ ё истифодаи бевоситаи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ташкилию шахсӣ;

2) содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, яъне ҳуқуқвайронкунии конститутсионӣ бо шартҳои муҳимтарин - гунаҳгории объективӣ;

3) муносибатҳои ҳуқуқии байни ҳуқуқвайронкунанда ва давлат аз лаҳзаи содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, ки бо пайдоиши муносибатҳои махсуси муҳофизатӣ хос тавсиф мешавад».

М.И. Байтин чунин нишонаҳои муҳимми ҷавобгарии ҳуқуқиро қайд намудааст, ки қобили қабул мебошад:

«1) ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ҳамчун амали (беамалии) ғайриқонунии гунаҳкор, ки ба ҷамъият ё шахс зарар мерасонад;

2) асоси ҷавобгарии ҳуқуқиро меъёри ҳуқуқӣ ташкил медиҳад;

3) барои ҳуқуқвайронкунанда фаро расидани оқибатҳои вазнини дорои хусусияти моддӣ, ҷисмонӣ ё равонӣ, ки дар санксияи меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст;

4) хусусияти маҷбурии давлатӣ, иштироки давлат дар татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, маҳкумкунии давлатию ҳуқуқии рафтори ҳуқуқвайронкунанда» [20, с. 226-227].

Дигар муҳаққиқон чунин нишонаҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҷудо кардаанд:

«1) ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ, яъне вайрон кардани меъёри мушаххаси ҳуқуқӣ, ки дар сарчашмаи расман эътирофшуда пешбинӣ шудааст, ба вуҷуд омадааст;

2) ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаро расидани оқибатҳои вазнин (маҳдудиятҳо) дар соҳаҳои шахсӣ, молумулкӣ ва ташкилӣ (аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳим), манфиатҳо ва вазъи ҳуқуқвайронкунандаро дар назар дорад;

3) ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат ё бо иҷозат, таҳти назорат ва кафолат (таъмини воқеият, ногузирӣ ва қонунӣ будани он) аз ҷониби давлат муқаррар, таъмин ва амалӣ карда мешавад» [157, с. 138].

Профессор И.А. Галаган атрофи муносибати комплексии фаҳмиши моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ андешаронӣ намуда, тамоми хусусиятҳо ва нишонаҳои асосии он, аз ҷумла, унсурҳои объективӣ ва субъективиро чунин муайян намудааст: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин: 1) чораи маҷбуркунии давлат, ҷазо додани шахси дар содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ

гунаҳгор, ки дар санксияи меъёри ҳуқуқӣ муқаррар шудааст; 2) ба миён омадани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои ҳуқуқӣ; 3) ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо маҳкумияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, танқид кардани кирдор ва шахсияти гунаҳкор; 4) татбиқ бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавӣ (шакли мурофиавӣ)» [33, с. 95]. Ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ Н.И. Матузов ва А.В. Малко хосиятҳои зеринро шомил месозанд: «1) дар қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шудааст; 2) танҳо барои ҳуқуқвайронкунӣ ба амал меояд; 3) такя ба маҷбуркунии давлат, санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ, татбиқи чораҳои ҷазо нисбати гунаҳгор; 4) дар оқибатҳои номусоид барои ҳуқуқвайронкунӣ, дар маҳрум шудан аз маҷмуи муайяни неъматҳои иҷтимоӣ зоҳир мешавад; 5) дар шакли мурофиавии пешбининамудаи қонун ба амал бароварда мешавад; 6) аз номи давлат ва аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ мегардад» [68, с. 454-455].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи масъала, нуқтаҳои назари олимону муҳаққиқони ҳуқуқшинос, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ бо нишонаҳои зерин тавсиф кардан мумкин аст:

1) танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад;

2) ба таври расмӣ муайян карда шуда, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос шудааст;

3) асос барои татбиқи он ҳуқуқвайронкунӣ – кирдори зиддиҳуқуқӣ ё ҷиноят аст;

4) ба рафтори одамон, фаъолияти давлат ва мақомоти он зич алоқаманд аст;

5) дар муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунанда, ҳимоявӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад;

6) имконияти истифодаи маҷбуркунии давлатиро таъмин менамояд;

7) ҳуқуқвайронкунандаро гирифтори маҳрумиятҳои шахсӣ ва молу мулкӣ мегардонад;

9) ба ташаккул ва таъмини рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, бартараф кардан ва рафъи рафтори ғайриҳуқуқии аз ҷониби ҷомеа маҳкумшуда равона карда шудааст.

Ҳамаи ин аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ мазмуни онро ошкор намуда, хусусияти онро муайян мекунанд ва имкон медиҳанд, ки он аз дигар намудҳои ҷавобгарии иҷтимоӣ фарқ карда шавад.

Ба фикри мо, хусусиятҳои зерини ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян кардан мумкин аст:

1. Маҷбуркунии давлатиро пешбинӣ мекунад. Он дар санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар гардида, роҳи муассири маҷбур кардани шахсони гунаҳкор ба риоя ва иҷрои онҳо мебошад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун чораи ҷавобии давлат ба иҷро накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ва вайрон кардани меъёри мушаххаси ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад.

2. Танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ба миён меояд. Ба ҳуқуқвайронкунанда танҳо ҳамон ҷазоҳое татбиқ карда мешаванд, ки дар санксия барои меъёри вайроншуда пешбинӣ шудаанд. Хусусият ва андозаи маҳрумкуниҳо дар санксияи меъёри ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад, бинобар ин мақоми татбиқкунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад дар доираи санксияи меъёри ҳуқуқии вайроншуда чораи ҷазоро интихоб намояд.

3. Маҳкумкунии давлатии ҳуқуқвайронкунӣ ва шахсе, ки онро содир кардааст. Нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир кардааст, аз ҷониби мақоми босалоҳияти давлатӣ чораҳои ҷавобии муқаррарнамудаи давлатӣ таъин карда мешавад.

4. Он дар оқибатҳои муайяни манфӣ барои ҳуқуқвайронкунанда, таъини ҷазо ба ӯ ифода меёбад.

5. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ танҳо барои ҳуқуқвайронкунии содиршуда ба миён меояд. Зарур аст, ки ҳама унсурҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар кирдори содиршуда мавҷуд бошанд. Ҳуқуқвайронкунанда медонад, ки ӯ кирдорҳои бо қонун манъшударо содир мекунад ва бошуурона иродаи худро ба иродаи давлат мухолиф месозад, яъне ғайриқонунӣ ва гунаҳкорона рафтор мекунад.

Дар натиҷаи таҳлилу баррасии мафҳум ва нишонаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои муҳимми илми назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, дар ҳама давру замон мубраммияти худро нигоҳ доштааст. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ мафҳуми васеъ буда, вобаста ба намудҳои алоҳида, мафҳуму мазмуни дигарро касб менамояд. Аз ин ҷост, ки то кунун дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ мафҳуми умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой надорад. Таҳқиқот низ нишон медиҳад, ки дар илмҳои ҳуқуқшиносӣ то кунун таърифи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешниҳод нашудааст, ки фарогирандаи тамоми ҷанбаҳо, хусусият ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад.

2. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда дар мафҳуми умумӣ ду нуқтаи назари асосиро барои фаҳмиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян кардан мумкин аст. Мафҳумҳои мавҷуда онро ё ҳамчун вокуниши давлат нисбат ба ҳуқуқвайронкунӣ (таъхири чораҳои ҷазо, татбиқи ҷазо ва ғ.) ё муносибатҳои махсуси ҳуқуқӣ мешуморанд, ки мувофиқи он ҳуқуқвайронкунанда вазифадор аст оқибатҳои манфии кирдори худро аз сар гузаронад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ уҳдадории мушаххас оид ба риояи меъёрҳои муқарраршуда, инчунин, иҷрои талаботе мебошад, ки номгӯйи онҳоро қонун муқаррар кардааст. Мақсади истифодаи маҳдудиятҳо ва чораҳои муҷозот бояд ҳамчун намунаи рафтори субъектҳо баррасӣ шавад, ки онро ҳам ҷомеа ва ҳам давлат тасдиқ мекунанд. Дар навбати худ, ҳангоми вайрон кардани

меъёру тартиби муқарраргардида, ногузир ҷавобгарӣ ба миён меояд, ки бо маҳдуд кардани ҳуқуқҳои дорои хусусияти моддӣ, шахсӣ ё ҳуқуқӣ ифода меёбад.

3. Зимни таҳлили андешаҳои олимон мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро чунин қайд кардан мумкин аст: ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуркунии бо қонун муқарраршудае мебошад, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои он (барқарор намудан ва ё сазо кашидан аз кирдори худ) ба шахси ҳуқуқвайронкунанда нигаронида шудааст.

4. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ бо нишонаҳои зерин тавсиф карда мешавад: танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад; ба таври расмӣ муайян карда шуда, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос шудааст; асос барои татбиқи он ҳуқуқвайронкунӣ - кирдор ё ҷиноят аст; ба рафтори одамон, фаъолияти давлат ва мақомоти он зич алоқаманд аст; дар муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунанда, ҳимоявӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад; имконияти истифодаи маҷбуркунии давлатиро таъмин менамояд; ҳуқуқвайронкунандаро гирифтори маҳрумиятҳои шахсӣ ва молу мулкӣ мегардонад; ба ташаккул ва таъмини рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, бартараф кардан ва рафъи рафтори ғайриҳуқуқии аз ҷониби ҷомеа маҳкумшуда равона карда шудааст. Ҳамаи ин аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ мазмуни онро ошкор намуда, хусусияти онро муайян мекунанд ва имкон медиҳанд, ки он аз дигар намудҳои ҷавобгарии иҷтимоӣ фарқ карда шавад.

### 1.2. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Маҳз дар натиҷаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мақсадҳои ҷавобгарӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди назар дар адабиёти ҳуқуқии дахлдор тавассути олимони ҷудогона ба таври мухталиф баррасиву арзёбӣ мегардад. Ва ин дар навбати худ боиси ба миён омадани дарку фаҳмишҳои мухталиф нисбат ба ниҳоди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки дар заминаи таҳлили масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар аз ҳар чизи дигар таваҷҷуҳи моро функсияи ба истилоҳ ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз дидгоҳи эътироф ва ё рад намудани он ба худ ҷалб месозад. Чунин эҳтимол медиҳем, ки дидгоҳ ва нуқтаи назари олимонро дар мавриди эътироф намудан ва ё (эътироф накардани) функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон ба гурӯҳҳо ҷудо намуд.

Омӯзиши мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки моҳияти онҳо ошкор карда шуда, робитаи байни функсияҳои сазодиҳӣ, тарбиявӣ, барқарорсозӣ ва пешгирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад.

Бинобар ин, самаранокии татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, аз функсияҳои он вобаста мебошад. И.И. Ализода, масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳқиқ намуда, ёдовар шудааст, ки «Маҳз дар натиҷаи мавҷудият ва амалисозии функсияҳои он институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мукаммал мегардад. Агар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда нашаванд, пас мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ амалӣ намегардад ва институти мазкур аҳаммияти худро гум менамояд. Бинобар ин, амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз як нигоҳ иҷро намудани институти ҷавобгариро ифода менамояд. Масалан, агар функсияи пешгирӣ ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ иҷро нагардад, пас

татбиқи чунин намуди ҷавобгарӣ самаранок нахоҳад буд, балки аз мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ берун мемонад» [195, с. 6].

Тавре маълум мегардад, дар татбиқи босамари ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши функсияҳои он хеле калон мебошад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам буда, метавонад дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ бошад.

Атрофи мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар адабиёти илмӣ гуногунандешӣ ҷой дошта, чунин ҳолат боиси баҳсҳои илмӣ байни олимон гардидааст. Мутаассифона, бо ин далел, проблемаҳои мубрами функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳалли худро пурра наёфтааст. Тавре И.И. Ализода қайд намудааст: «Проблемаҳои мубрами функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, олимони тоҷик мафҳумҳои гуногуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод намудаанд» [195, с. 23]. Ба андешаи И.А. Кузмин, «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун «самтҳои муайяни таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ҳамчун институти ҳуқуқӣ ва воситаи муҳофизатӣ) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки ба воситаи онҳо ҳадафҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд, моҳият ва мақсади иҷтимоии он ошкор карда мешаванд» муайян карда мешаванд» [57, с. 88]. Аксар вақт таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳамдигар хеле монанданд, аз ин рӯ зикри шумораи зиёди онҳо аҳаммияти амалӣ надорад.

Д.Ю. Михайлова ибрози андеша намудааст, ки «функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсири ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки бо қонунҳои рушди ҷамъият муайян гардида, ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ошкор намудани моҳият, ва таъиноти иҷтимоии он нигаронида шудаанд» [173, с. 139]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ як қатор таърифҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой доранд. Яке аз муаллифони

шинохтаи соҳа С.С. Алексеев дуруст қайд мекунад, ки: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз табиати иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ҳуқуқӣ вобастагӣ дошта, пеш аз ҳама, таъсири давлат ба ҳуқуқвайронкунӣ мебошад, ки мақсади он дар тарбияи шахси гунаҳгор дар рӯҳияи тарбияи ахлоқӣ ифода меёбад» [14, с. 174]. Аз мафҳумҳои додашуда бармеояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳри тарбия ва ислоҳи шахси ҳуқуқвайронкунанда нигаронида шудаанд. Аз ин ҷост, ки моҳияти асосии функсияҳоро таъсиррасонӣ ташкил медиҳад. Анҷом додани таҳқиқоти илмӣ дар бораи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва муайян намудани мафҳуму махсусиятҳои он муҳим аст, зеро аз функсияҳо моҳият ва мақсадҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста мебошанд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз рӯи мақсадҳои он муайян ва равона карда мешаванд. Агар мақсад ҳамчун оянда ва ҳозира, пешгӯии натиҷаи мувофиқ фаҳмида шавад, пас функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ҳамчун самтҳои асосие фаҳмида шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарӣ ба даст оварда мешаванд. Ин аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таҳқиқи масъалаи мазкур олимону муҳаққиқони зиёд пардохтаанд. Ҳар кадоме аз муҳаққиқон мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба таври хос қайд намудаанд.

М.А. Бестугина, А.А. Мусаткин функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун соҳаҳои мушаххаси таъсирасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ маънидод менамояд, ки ноил шудан ба мақсадҳои танзими ҳуқуқиро таъмин менамоянд [125, с. 147; 69, с. 284; 57, с. 88]. Ба андешаи онҳо функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтори одамон, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанг мебошанд, ки моҳият, мақсади иҷтимоии онро ошкор мекунанд ва ба воситаи онҳо мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд. Дар ин маврид функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои муайяни таъсиррасонии ҳуқуқӣ (ҳамчун институти ҳуқуқ ва чораи муҳофизатӣ) ба

муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Тавассути он мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд, моҳият ва таъиноти иҷтимоии он ошкор карда мешаванд.

Д.А. Липинский дар асари худ, ки ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудааст, чунин таърифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод мекунад: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ - ин самтҳои асосии таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтори одамон, ахлоқ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанг мебошад, ки таъиноти иҷтимоӣ ва моҳияти он ошкор шуда, бо воситаи он мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъмин мегардад» [165, с. 25]. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз таъиноти махсус дар низоми огоҳсозӣ ва мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ сарчашма мегирад. М.А. Бестугина бошад, пешниҳод мекунад, ки дар зери мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ - «самтҳои махсуси таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини комёбшавии мақсади танзими ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад» [125, с. 147]. Аз таҳлили андешаҳои баррасигардида чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тарзу воситаҳои таъсиррасонанда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф гардида, зимни чунин таъсиррасонӣ мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Яъне, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мақсадҳои ҷавобгарӣ вобастагии зич дошта, якдигарро пурра менамоянд.

Пас маълум мегардад, ки вобаста ба таърифҳои додаи муҳаққиқони болозикр функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро чун таъсиргузории мустақим ва ғайримустақими ҳуқуқӣ ба шахсест, ки ҷавобгарӣ нисбати он таъин мешавад, номид. Худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи зарурати таъсиргузорӣ ба миён меояд, ки он усулҳо ва роҳу воситаҳои татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ин маҷмуи самтҳои таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки ба рафтори субъектони ҳуқуқ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалигардонии намудҳои ҷудогонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ

равона шудаанд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои мазмуну моҳият ва хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Муайян намудани ҷузъҳои таркибии мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки ин категорияи ҳуқуқӣ амиқтар омӯхта шуда, робитаи байни функсияҳои сазодиҳӣ, тарбиявӣ, ҳуқуқбарқарорсозӣ ва пешгирии ҷавобгариии ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. А.Л. Бредихин изҳори назар мекунад, ки агар моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян кардан имконнопазир бошад, рушди функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дурнамои хос надорад. Гузашта аз ин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун институти ҳуқуқ, дар муқоиса бо ҳуқуқ, объекти махсуси таъсири ҳуқуқии худро надорад [134, с. 21]. Тамоми маҷмуи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад ба вазифаҳои мушаххас: пешгирӣ ва рафъи рафтори ғайриқонунӣ, инчунин баробар кардани шароити иқтидори ғайриқонунӣ таъсиргузор бошанд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи мазмуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян кардани ҷузъҳои сохтории онҳоро дарбар мегирад:

1. Объектҳои функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ. Ин унсур аз ҷиҳати мазмуни худ якхела нест ва шуури ҳуқуқвайронкунанда, рафтори ӯ ва муносибатҳои ҷамъиятии вайроншавандаро дарбар мегирад. Ғайр аз он, усулҳои зерини таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятиро ҷудо кардан мумкин аст: танзим, қатъ кардан (масалан, ҳангоми мусодираи молу мулк бо ҳукми суд, муносибатҳои молумулкии субъекти ҳуқуқвайронкунанда қатъ мегардад), тағйир додани доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси ҳуқуқвайронкунанда, пайдоиши муносибатҳои нави ҳуқуқӣ бо татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

2. Асосҳои пайдоиши ҷавобгарии ҳуқуқӣ. Одатан, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ду гурӯҳи асосҳоро ҷудо мекунанд: расмӣ, яъне мавҷудияти меъёрҳои ҳуқуқие, ки таркиби ҳуқуқвайронкуниро муайян намуда, ҷавобгарии ҳуқуқиро муқаррар менамоянд ва фактҳои воқеӣ,

яъне фактҳои ҳуқуқие, ки боиси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегарданд (ҳуқуқвайронкуниҳо).

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳри ба сомон расидани мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ шуда, хусусиятҳои зерин доранд: баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд; дар робита бо мақсадҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли самтҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мегарданд; вобаста ба чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тамоили маҷбурсозӣ, тарбиявӣ, барқароркунӣ, муҳофизавӣ касб мекунанд; тарзҳои махсуси амалишавӣ доранд. Ба назари мо, хусусиятҳои зерин ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хосанд: хусусияти мақсаднок, муқаррароти давлат дар меъёрҳои ҳуқуқӣ, татбиқ дар шаклҳои мурофиавӣ, таъмини қувваи маҷбурии давлат.

Бояд қайд кард, ки баъзе хусусиятҳое, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун самти асосии таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, муайян мекунанд, инҳоянд:

1) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз моҳияти он бармеоянд ва бо мақсади он дар ҷамъият дар марҳилаи муайяни инкишофи худ муайян карда мешаванд.

2) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири фаъолонаи онро ба як намуди муайяни муносибатҳои ҷамъияти ифода мекунанд.

3) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самти таъсири он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати татбиқи он мебошад, ки аз зарурати мавҷудият ва татбиқи мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

4) Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусиятҳои муҳимтарин ва асосии ҷавобгариро ифода намуда, аз табиати он бармеоянд ва ба татбиқи мақсадҳои асосии он нигаронида шудаанд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар асоси шаклҳо ва усулҳои гуногун мавриди амалисозӣ қарор дода мешаванд. Усулҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инҳоянд:

– дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ба қайд гирифтани маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ, ҳавасмандкунӣ барои рафтори қонунӣ, инчунин, уҳдадории барқарор кардани зарари расонидашуда;

– маҳкум кардан ва танқиди ҷамъиятии рафтори ҳуқуқвайронкунанда;

– маҳдуд кардани вазъи ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунанда, маҳрум намудани ӯ аз имтиёзҳо ва ҳуқуқҳои субъективии муайян;

– ногузирии ҷазои гунаҳгор барои содир намудани кирдори ғайриконунӣ.

Муҳаққиқони ватанӣ, ба монанди А.З. Куканов чунин фаҳмиши функсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод намудааст: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар амалишавии тамоми функсияҳои ҳуқуқ иштирок мекунад. Ҳамин тариқ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро вобаста аз он, ки онҳо дар доираи кадом функсияҳои ҳуқуқ иҷро мешавад, ба гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст. Масалан, функсияи сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқарорсозӣ ва огоҳсозӣ дар доираи функсияи муҳофизатӣ амалӣ мегардад. Функсияи тарбиявӣ бошад дар доираи танзими таъсиррасонии ҳуқуқ иҷро мешавад. Илова бар ин, он функсияҳое, ки қайд гардиданд ҳатман инъикоси худро дар намуди алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ меёбанд» [162, с. 46]. Ҳамин тавр, аз андешаҳои зикршуда бармеояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои мазмуну моҳият ва хусусиятҳои хоси худ буда, дар асоси усулҳои муайян амалӣ карда мешаванд. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ раванди таъсиррасонӣ буда, дар умум, чунин натиҷаҳо ба даст меоянд: 1) сазо додани ҳуқуқвайронкунанда (функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ); 2) ислоҳи ҳуқуқвайронкунанда, ташаккули рафтори қонунӣ дар ӯ (функсияи

тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ); 3) барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, адолати иҷтимоӣ (функсияи ҳуқуқбарқарорсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ); 4) пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав (функсияи пешгирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ).

Яке аз мавзуъҳои ҳуқуқие, ки атрофи он баҳсу мунозираҳо байни олимону муҳаққиқон мушоҳида мегардад ин таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Таҳқиқоти сарчашмаҳо, ки ба мавзуи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бахшида шудаанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки номгӯйи ягонаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой надорад.

Бисёре аз муаллифон ба ҷудо намудани функсияҳои зерини ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз қабили ҷаримавӣ, огоҳсозӣ ва ҳуқуқбарқарорсозӣ такя мекунанд. Масалан, А.А. Иванов функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро нисбатан васеъ нишон дода, онро ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҷаримавӣ ва сазодиҳанда, ислоҳӣ ва тарбияи шахс, ҳуқуқбарқарорсозӣ ва огоҳсозӣ ҷудо мекунад [154, с. 67]. В.Д. Перевалов бошад функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ба ҷаримавӣ-сазодиҳанда, ҳуқуқбарқарорсозӣ [89, с. 269], огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва танзимӣ ҷудо мекунад. С.С. Алексеев [14, с. 151], А.И. Петилин, П.А. Варул [27, с. 50], А.А. Собчак [182, с. 50] функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо ба сазодиҳанда ва ҳуқуқбарқарорсозӣ ҷудо менамоянд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифодаи ҷанбаҳои алоҳидаи ҳадафи он пешбинӣ шудаанд. Муҳаққиқон дар пажӯҳишҳои худ оид ба дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ ёдовар шудаанд, ки на ҳамаи онҳоро функсияи мустақил номидан мумкин аст. Чунончи, функсияҳои идеологӣ, педагогӣ, аз нав тарбия кардани гунаҳкор (И.А. Галаган), репрессивӣ ва сигнализатсия (огоҳсозӣ) (Н.С. Малейн), таъкидсозӣ ва ташкилӣ (И.И. Ализода) [32, с. 133-134; 65, с. 29-30; 195, с. 50-53].

Сарфи назар аз ихтилофоти ночиз, муҳаққиқон оид ба ин масъала дар бораи эътироф кардани функсияҳои зерин ба сифати ҷавобгарии

ҳуқуқӣ розӣ ҳастанд: функсияи сазодиҳӣ (подоши амал); функсияи ҷубронсозӣ (барқарорсозӣ); функсияи пешгирисозӣ (профилактикӣ). Ҳама далелҳои олимони ҳуқуқшиноси муосир дар атрофи ин се функсия гирд меоянд. Аммо ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои дигаре низ дорад, ки нодида гирифтани онҳо ҷиҳати расидан ба мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ монеъ мешавад.

Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода, «функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияи сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ, огоҳсозӣ, тарбиявӣ, муҳофизатӣ ва танзимӣ ҷудо мешавад» [83, с. 689-690]. Н.Л. Соломеник, И.А. Кузмин ва диг. ба ин назаранд, ки «нақши ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии манфӣ бо муҳаққиқон роҳи пешбинӣ гардидани меъёрҳои ҳуқуқии уҳдадории шахси ҳуқуқвайронкунанда доир ба барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва муқаррар гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳои мақомоти дахлдор оид ба маҷбурсозии шахси ҳуқуқвайронкунанда барои барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва маҷбурсозии воқеии шахси ҳуқуқвайронкунанда бо мақсади барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ ва татбиқ мегардад» [81, с. 7; 57, с. 90-92]. Онҳо аслан бо дар назар гирифтани хусусияти таъсиргузорӣ ва тарзҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба сифати функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба функсияҳои сазодиҳӣ, пешгирӣ, тарбиявӣ, ҷубронсозӣ ва ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ишора мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳар як муҳаққиқ тибқи назарияи худ намудҳои ҷудогонаи функсияҳоро ҷонибдорӣ кардаанд, вале таснифоте, ки куллан аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд, нишона ва хусусиятҳои умумиро фаро нагирифта бошанд, кам ба назар мерасад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи намудҳои алоҳидаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳсу мунозираҳои илмӣ ҷой дорад. Аз ҷумла, оид ба функсияи ҷубронсозӣ чунин андешаҳо ба назар мерасад. Хусусияти ҷубронсозӣ доштани ҷавобгарӣ дар он ифода мешавад, ки имкони

коҳиш додани ҷаримаи аз дараҷаи воқеии зарари расонидашуда хеле боло вуҷуд дорад. Ба андешаи У.А. Азиззода ва Ф.А. Аламшозода, «яке аз масъалаҳои баҳсталаб ин истилоҳи ҳуқуқии (ҷуброн, товон) вобаста ба масъалаи ҷавобгарӣ мебошад. Дар забони тоҷикӣ мафҳуми «компенсация» ҳамчун ҷуброн, подош, товон тарҷума шудааст, ки фаҳмиши ягонаи ин мафҳумро душвор мегардонад» [115, с. 223].

Ҳангоми татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши муассир надорад ва шакли амалисозии он танҳо ихтиёрӣ буда метавонад. Функсияи ҷубронсозие, ки дар қонунҳои гуногуни марбут ба ҳуқуқи маъмурӣ истифода мешавад, тавассути истифодаи нишондодҳои қонунгузории маданӣ амалӣ карда мешаванд, на ҷавобгарии маъмурӣ [196, с. 94]. Ҷуброни ихтиёрии зарари молумулкӣ аз он иборат аст, ки шахс бе ягон маҷбурӣ зарари молумулкии расонидаашро (баргардонидани ашёи дуздидашуда, маблағи пулӣ пардохташуда, узр пурсидан ва ғайра) ҷуброн мекунад. Вобаста ба зарари воқеии расида, мо метавонем дар бораи пешгирӣ ё ҷуброни пурраи он сӯҳбат кунем. Ҷуброни ихтиёрии зарари молумулкӣ ва маънавии расонидашуда метавонад бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла сабук кардани гуноҳ сурат гирад, ки узрпурсии оммавии фаъол ҳисобида мешавад ва дар баробари дигар шартҳо барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардани шахси ҷиноятсодиркарда асос шуда метавонад. Дар ин ҳолат факти ихтиёран ифода кардани ирода ва ҷуброни моддӣ аҳаммияти калон дорад.

Ба андешаи У.А. Азиззода, яке аз масъалаҳои дигари баҳсталаб ин шаклҳо ва андозаи пулии ҷуброни зарари маънавӣ мебошад, ки муҳаққиқонро ба як баҳси калони ҳуқуқӣ кашонидааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ду усули ҷуброни зарар ба таври анъанавӣ фарқ карда мешаванд:

1) дар шакли аслӣ (ҷуброн дар шакли аслӣ) дар рафъи зарар ба амвол, пешниҳоди амволи ба он баробар ва ғ.;

2) дар ифодаҳои арзишӣ (ҷуброни пулӣ) ҳангоми ситонидани зарари ифодаёфта: арзиши молу мулки гумшуда ё вайроншуда, инчунин, даромади аздастрафта, фоидаи аздастрафта, хароҷоти беасос ва м.и [115, с. 226].

Ҳамин тариқ, функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шаклҳои зикргардидаи татбиқи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар соҳаҳои асосии ҳуқуқ тавассути роҳу усулҳо ва тартиби муайяни хоси соҳаҳои ҳуқуқ амалӣ карда мешавад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки атрофи масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқ гуногунандешӣ ҷой дошта, нуқтаи назари умумиэътирофшуда, ки аз ҷониби аксари олимон дастгирӣ ёфта бошад, ба назар намерасад.

В.Л. Кулапов ва А.В. Малко «ба се намуди функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ сазодиҳӣ, тарбиявӣ ва пешгирӣ ишора менамояд [58, с. 326]. Аслан муҳаққиқ мубрамият ва муҳиммии функсияи пешгириро қайд намудааст. Ё муаллифи дигари ватанӣ З.Х. Зокирзода, «функсияи ҷаримавӣ» - и ҷавобгарии ҳуқуқиро муҳимтар меҳисобад. Албатта он барои соҳаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маъмурӣ бештар маъмул мебошанд. Ба андешаи муаллиф «махсус будани чунин функсия дар он ифода мегардад, ки мисли баъзе функсияҳои дигар на дар ҳама намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад. Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар чунин функсия бештар дар намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ ба назар мерасад» [150, с. 213].

Воқеан ҳам дар низоми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи ҷаримавӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Зеро дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқӣ фаъолона амалӣ карда мешавад. Дар ин робита ба ин масъала бояд иброз дорем, ки дар воқеъ ҷавобгарии ҳуқуқиро натиҷаи амали содиршавии ҳуқуқвайронкунӣ ва нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда

вогузор кардани маҳрумиятҳои дорои хусусияти шахсӣ, молумулкӣ ва ташкилотчигӣ арзёбӣ мекунад. Яъне санксияҳои чунин намуди ҷавобгарӣ аз ҷуброн намудани зарари расонидашудаи молумулкӣ тавассути шахси ҳуқуқвайронкунанда ва барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда иборат мебошанд. Аз нигоҳи мо, дар ҳолати мазкур, сухан ҳадди ақалл дар бораи ду функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ – функсияҳои ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳӣ меравад.

Дар таҳқиқотҳои худ олимони ватанӣ мафҳумҳои «сазо» ва «сазодиҳӣ»-ро низ истифода бурдаанд, ки ба воқеияти соҳавӣ-ҳуқуқӣ мувофиқат менамояд. Мавҷудияти ин унсури ҷавобгарии ҳуқуқиро дар асарҳои худ У.А. Азиззода У.А. Абдурашидов З.Х. Зокирзода Т.Ш. Шарипов [202; 191; 192; 104] ва дигарон таҳқиқ намудаанд. Мувофиқи арзёбии муҳаққиқони мазкур, ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳрумиятҳои мушаххасе пешбинӣ менамояд, ки шахс барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ онҳоро бояд таҳмил намояд, яъне ӯ сазои ҷазоро мебинад. Аз сӯи дигар, муҳаққиқони мавриди назар ҷавобгарии ҳуқуқиро бо иҷрои ихтиёрии уҳдадориҳои алоқаманд бо барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда (ҷуброни зарари расонидашуда ва ғайра) баробар медонанд [38, с. 420-421]. Дар айни замон бояд қайд намуд, ки на ҳамаи ҳуқуқвайронкуниҳо, балки фақат ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ сазоро дар пай доранд.

Функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин функсияе мебошад, ки аз таъини ҷазо мувофиқ ба кирдори содиркардааш ба шахси гунаҳгор барои ҳуқуқвайронкунии содиркардааш иборат аст. Яъне сазои кирдори гунаҳгорона ҷазо ё муҷозот мебошад. Бо рушди ҷомеа ва таҳкими озодиҳо ва ҳуқуқҳои табиии шаҳрвандон функсияи сазодиҳӣ ба талаботи инсонпарварӣ ва баробарӣ бештар майл мекунад. Барои аз таъсиротҳои сангини функсияи сазодиҳӣ озод шудан, ҷазоро дар асоси принсипҳои муосири ҷавобгарии ҳуқуқӣ баррасӣ кардан лозим аст. «Функсияи

сазодиҳӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин сохтор дорад: асосҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ; субъектҳои таъсир; усулҳои (роҳҳои) таъсиррасонӣ; натиҷаҳои таъсир; объектҳои таъсир. Амали сазодиҳӣ асосан ба тағйир додани мақоми ҳуқуқии субъект нигаронида шудааст. Бо «маҳдуд» кардани ҳуқуқҳои мухталифи субъект, ки боиси тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқ мегардад» [173, с. 139-140]. Функсияи сазодиҳӣ аз лаҳзаи содир гардидани ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо мекунад. Мақсади ин функсия баргардонидани товони кори анҷомдодашуда мебошад. Аммо сазо додан ба ҳуқуқвайронкунанда худ аз худ мақсад намешавад. Он инчунин, ҳамчун воситаи пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав амал мекунад.

Бояд зикр намуд, ки функсияи сазодиҳӣ чун дигар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳолати баанҷомрасӣ дошта бошад. Масалан, ҳангоми таъини корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як сол, таъсири сазо ба шахси гунаҳкор давоми як сол боқӣ мемонад. Аммо ҷазоҳое дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳастанд, ки дар онҳо таъсири сазо ҳолати анҷомёбӣ надошта, муддати тӯлонӣ идома мекунанд. Чунин ҳолат, таъсири ҷазоро дукарата мегардонад ва ба мақсаду принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқ намебошад. Аз ҷумла, дар м. 51 КҶ ҶТ чунин муқаррар шудааст: «Шахсе, ки рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвони ифтихории Тоҷикистонро дорад, дар ҳолати барои ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин маҳкум шуданаш суд метавонад бо назардошти шахсият ва кирдори содиркардааш ӯро аз чунин рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон маҳрум намояд» [2]. Тавре маълум мегардад, чун дигар намудҳои ҷазо, дар ин навъи ҷазои ҷиноятӣ муҳлати дақиқ муқаррар нашудааст. Чунин ҳолат, таъсири сазоро бемӯҳлат ва беохир мегардонад.

Бояд хотирнишон сохт, ки бо ҳам омехта кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва чораҳои ҳуқуқиро метавон дар таҳқиқотҳои анҷомдодаи дигар муаллифон низ мушоҳида намуд. Аз ҷумла гурӯҳе аз муаллифон қайд мекунанд, ки «ба кор бурда шудани маҷбурсозии давлатӣ, яъне чораҳои ҷазодиҳӣ (истифодаи чораҳои ҷазои ҷиноятӣ (барои мисол, маҳрум сохтан аз озодӣ), ҷаримаи маъмурӣ, танбеҳи интизомӣ) ё дорои хусусияти ҳуқуқбарқарорсозӣ (маҷбуран рӯёнидани зарари расонидашуда, вогузории уҳдадории барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшудаи шахсони дигар) яке аз аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад» [30, с. 181].

Ба гуфтаҳои боло монанд андешаҳои Р.В. Енгибарян ва Ю.К. Красноврo қайд кардан мумкин аст, ки пайгирона амал накарда, дар қатори функсияи сазодиҳӣ, «... функсияҳои профилактикӣ, тарбиявӣ ва эҳтиётиро ҷудо месозанд ва ҳамзамон қайд менамоянд, ки ҳадафи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар натиҷаи содир шудани кирдори зиддиқонунӣ вайрон мегарданд...» [39, с. 507]. Чунин андешаро олимони дигар низ зимни ҷудо сохтани ду намуди функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ васеътар назар мекунанд. Ҳар як аз ин ду намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба назари онҳо бо хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ ва мазмуни санксияҳое, ки барои содир намудани он муайян мегарданд, яъне «... сазодиҳӣ (ҷаримавӣ) ва ҳуқуқбарқароркунӣ мувофиқат мекунанд» [61, с. 136-169; 67, с. 828-829; 75, с. 544-545].

Аслан агар хусусияти хоси функсияи барқарорсозии ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳлил намоем, он аз ду қисм – ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ иборат мебошад. Барқарорсозии тартиботи ҳуқуқӣ, қонуният, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқии рафтори қонуниро ба гурӯҳи аввал дохил намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи дуюми функсияи барқарорсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳолати аввала баргардонидани

муносибатҳои ҷамъиятии тавассути ҳуқуқ ба танзим даровარданашуда, оромии руҳию психологии ҷамъият ва аъзоёни он, адолати иҷтимоӣ, қонеъгардонии талаботи ҷамъият ва барқарорсозии манфиатҳои поймолгардидаи шахс, ҷамъият ва давлат шомил мегарданд.

Вале на ҳама вақт тавассути ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳолати қаблии муносибати ҷамъиятӣ ва ё манфиати поймолшударо барқарор намудан мумкин аст. Дар ин хусус М.П. Трофимова дуруст қайд менамояд, ки: «... дар баъзе ҳолатҳо ҷуброни зарари расонидашуда аз хусуси барқарорсозии муносибатҳои ҷамъиятӣ дарак намедиҳад, агар масалан, предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври баргаштнопазир талаф ёфта бошад ва ё ба таври ҷинояткорона субъект аз байн бурда шуда бошад, саломатии барқарорнашаванда, аз ҳаёт маҳрум намудан, нобуд сохтани амволи ягона ва коллексионӣ ва м.и.» [207, с. 6].

Ҳамин тавр, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиргузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикосу ифода меёбанд. Ҷанбаҳои умуминазариявӣ ва соҳавии вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин пажуҳиш мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ба ғайр аз ин, бояд зикр намуд, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро набояд бо муносибатҳои ҳуқуқӣ ва на бо уҳдадории махсуси ҳуқуқӣ айният дод. Зеро дар ҳолатҳое, ки ҳуқуқвайронкунӣ аз сӯи давлат ба мушоҳида нарасад ва ё шахси ҳуқуқвайронкунанда таъқиб нагардад, шахси ҳуқуқвайронкунанда бо ҳеҷ гуна маҳрумият рӯ ба рӯ намегардад ва ҳеч чизро аз сар намегузаронад. Баръакс, ӯ, дар чунин ҳолат, метавонад аз манфиатҳои ҳуқуқвайронкунии содиршуда истифода барад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ «ҷавобгарии конститутсионӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, молиявӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи маданӣ,

меҳнатӣ (интизомӣ ва моддӣ) ҷудо карда мешаванд [167, с. 264]. Тавре У.А. Азиззода қайд намудааст, «функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусияти умумиҳуқуқӣ дошта, дар ҳама шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар татбиқи ҷазо, ҳолатҳои сабуккунанда, вазнинкунанда ва дигар чораҳои хусусияти тарбиявидошта ифода мегардад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маданӣ дар иҷрои уҳдадориҳои тарафайн аксаран дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ифода меёбад» [114, с. 13]. Ба андешаи Р.Ш. Шарофзода «Функсияи тарбиявӣ бо мақсади ислоҳи ҳуқуқвайронкунанда, тарбияи онҳо, тарбияи ҳуқуқии дигарон ба сомон мерасад» [82, с. 624]. Яъне ӯ низ ин функсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро умумиҳуқуқӣ меномад ва дар натиҷаи татбиқ гардидани ҳама намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ноил гардидан ба онро мақсади асосӣ меҳисобад.

Дар асоси таҳқиқи масъалаи ба функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ чунин мазмуну муҳтавои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро номбар намудан мумкин аст:

1) мақсади функсияи танзимнамоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ба низом даровардан ва муназзам намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат мебошад. Мақсади дигари он аз ташаккул додани одати рафтори қонунӣ ва эҳтиром ба қонунгузорӣ аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, хосатан субъектони ҷавобгарии ҳуқуқӣ иборат мебошад. Дар баробари ташаккул додани рафтори қонунӣ, он бояд ба рафтори фаъоли иҷтимоии шахс табдил дода шавад. Ва баъдан бо ба тартиб овардани муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташаккул додани танзими дурусти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва рушди минбаъдаи он ҳамчун фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ мукаммал гардонида мешаванд.

2) функсияи огоҳсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки бо мақсади пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ пешбинӣ мешавад, хусусияти умумӣ ва

махсус дорад. Мақсади огоҳсозӣ ва пешгирии махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин тарбия намудани шахси алоҳида ва дар зеҳни ӯ ҷой намудани эҳтиром ба қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ иборат мебошад. Хусусияти огоҳсозии умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад пеш аз ҳама аз иттилоотонии аҳолӣ аз ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ ва татбиқи ҷавобгарӣ нисбати ӯ ва дар ин замина ташаккул ва таъмини рафтори қонунии миёни шаҳрвандон мебошад, ки даст ба ҳуқуқвайронкунӣ мезананд ва онҳо аз ин амал дар оянда худдорӣ намоянд.

3) Ҷазо ва маҳкум намудани шахс, ки аслан хоси ҷазои маъмурӣ ва ҷиноятӣ мебошад, дар навбати худ ин мақсади ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Он тавассути татбиқ намудани оқибатҳои мухталифи номатлуб, ки дар низоми ҷазоҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ муқаррар гардидаанд, нисбати шахе, ки ҳуқуқвайронкунӣ содир намудааст татбиқ карда мешавад. Ба ин тартиб, низоми зерини мурофиавии мақсади ҷазодиҳӣ ё сазои кирдор низ онро меноманд, ки дар назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакл мегирад: ногузирии ҷазо, маҳкумнамоӣ, яъне ба зиммаи шахси гунаҳгор вогузор намудани маҳрумсозӣ ва оқибатҳои номатлуб дар шакли ҷазо. Таркиби унсурҳои ҷазо ва дигар вазифаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз табдил шудани ҷазо ба мақсади асосӣ ва иқдоми репрессивӣ (сазодиҳӣ) нисбат ба шахси гунаҳкор иборат мебошад.

Ҳамин тавр, зимни таҳқиқи масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Аз таҳқиқот бармеояд, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун тарзу воситаҳо ва самтҳои асосии таъсиррасонӣ ба раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахс ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикосу ифода меёбанд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияҳои огоҳсозӣ, пешгирӣ, ҳуқуқбарқарорсозӣ, сазодиҳӣ ва тарбиявӣ мебошад.

2. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар моҳият, таъйинот ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Ҷанбаҳои умуминазариявӣ ва соҳавии вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин пажуҳиш мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

3. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин таъсиргузории мустақим ва ғайримустақими ҳуқуқӣ ба шахс, аъзоёни ҷомеа ва дар баъзе мавридҳо ба ташкилотҳо ва шахсони ҳуқуқӣ низ мебошад. Худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар натиҷаи зарурати таъсиррасонӣ ба рафтор, муносибат ва оқибатҳои дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ ба миён меояд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути усулҳои хос ба амал бароварда мешаванд. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чунин шакл пешниҳод намудан мумкин аст: «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин маҷмуи самтҳои таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки ба рафтори субъектони ҳуқуқ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дар амалигардонии намудҳои ҷудогонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд».

4. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ раванди таъсиррасонӣ ба субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, дар натиҷаи татбиқ намудани он чунин оқибатҳои ҳуқуқӣ ба амал меоянд: татбиқи чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбати шахси ҳуқуқвайронкунанда (функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ); ислоҳ намудани шахси ҳуқуқвайронкунанда, ташаккул додани рӯҳияи рафтори қонунӣ дар рафтори ӯ (функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ); барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ (функсияи барқарорсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ); пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои нав аз ҷониби шахси гунаҳгор (огоҳии фардӣ) ва аъзоёни дигари ҷомеа (огоҳии умумӣ) (функсияи пешгирисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ).

### 1.3. Намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ

Институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим буда, дар илми ҳуқуқшиносӣ на танҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқони назарияи давлат ва ҳуқуқ, балки аксари олимону муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи ҳуқукро ба худ ҷалб намудааст. Мавриди зикр аст, ки дар илм натанҳо масъалаҳои мафҳуму моҳият ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки атрофи намудҳои ҷавобгарӣ низ баҳсу мунозираҳои зиёд ҷой дорад. Дар баробари андешаҳо оид ба намудҳои нав арзи вуҷуд намудаи ҷавобгарӣ, атрофи намудҳои маъмули ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ гуногунандешӣ ҷой дорад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ, молиявӣ, экологӣ, маъмурӣ ин намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқие мебошанд, ки дар илм мавҷудият ва моҳияту хусусиятҳои онҳо то андозае таҳқиқ гардидаанд. Вале ин маънои онро надорад, ки дигар проблемаҳои мавзуи баҳс атрофи онҳо мавҷуд нест. Имрӯзҳо вобаста ба рушди илм, қонунгузорӣ, пайдо гардидани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки танзими хоси ҳуқуқиро талаб мекунанд, муносибатҳои ҳуқуқӣ низ рушд намуда истодаанд. Ҳамзамон амалӣ гардидан ва ё вайрон намудани онҳо низ ҳамчун намудҳои нави муносибатро оид ба ҷавобгарии мусбӣ ва манфӣ талаб менамоянд. Дар ин миён ба ҳайси намуди мустақил эътироф намудани баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле баҳснок ва душвор буда, таҳқиқоти алоҳидаро талаб менамояд.

Дар доираи таҳқиқоти мазкур мушкилоти намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва паҳлуҳои баҳсноки он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад. Барои аз ҷиҳати илмӣ исбот кардани ин ё он намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун унсури сохтории низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ на танҳо мустақилияти сифатии соҳа, балки муносибати ҳар як намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро бо хусусиятҳои махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ сохтори низоми ҷавобгарии ҳуқуқиро нишон додан лозим аст.

Бояд қайд намуд, ки омӯзиши намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои назарияи ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ аҳаммияти калон дорад, зеро, аввалан, он имкон медиҳад, ки мафҳум, моҳият, хусусиятҳои ҳар як намуди ҷавобгарӣ ҳамчун институти ҳуқуқӣ ошкор карда шавад, баъдан, он сатҳ ва дараҷаи татбиқи чораҳои маҷбурсозии давлатиро, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва кирдори мушаххас муқаррар карда мешаванд, сатҳи самаранокии татбиқи он, оқибатҳо ва имконияти татбиқи алтернативии чораҳои татбиқшаванда ва дигарро нишон медиҳад. Дар ин раванд таҳқиқи дуруст ва ҳамаҷонибаи масъала бо мақсади барқарор намудани волоияти қонун, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятию идоракунӣ ва дурустии чораҳои қонунии таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Аз ин рӯ ҳангоми омӯзиши масъалаи таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, таҳқиқ ва таҳлили нуқтаҳои назари мухталифи муҳаққиқон бояд меъёри муайянкунандаи ба намудҳо ҷудо кардани низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои объективию субъективии муносибатҳои ҳуқуқӣ, усули танзими меъёрию ҳуқуқӣ, хосатан танзими меъёрии соҳавӣ ба инобат гирифта шавад.

Оид ба меъёрҳои муайянкунандаи гуногунрангии ҷавобгарии ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Чунончи, ба андешаи Т.В. Воротилина, аломатҳое, ки мустақилияти як намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян мекунанд, бояд инҳоро дар бар гиранд: 1) мавҷуд будани санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсияшуда, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд; 2) хусусиятҳои амалисозии мурофиавӣ; 3) мавҷудияти ҳуқуқвайронкунии мустақил бо объекти мушаххаси он; 4) намудҳои оқибатҳои номатлуби кирдори содирнамуда, ки давлат муқаррар намудааст, инчунин факти тағйир ёфтан ё наёфтани мақоми ҳуқуқии шахсе, ки ба ягон намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шудааст

[142, с. 139]. Вале на ҳама олимон ин мавқеъро дастгирӣ мекунанд. Аз ҷумла, Е.Л. Васянина чунин мешуморад, ки «... намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд на танҳо аз рӯи принсипи соҳавӣ муқаррар карда шаванд, чунки хусусияти чораҳои таъсиррасонии манфӣ метавонанд нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда новобаста аз соҳаҳои ҳуқуқ фарқ карда шаванд» [138, с. 24].

Дар воқеъ, новобаста аз муқаррароти меъёрии соҳавӣ моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли ҷарима якранг ва монанд аст. Яъне он аз пардохт намудани маблағи муайяни пулӣ барои вайрон кардани ҳуқуқвайронкунии содир карда ба манфиати давлат иборат мебошад, ки танҳо вобаста ба сатҳи вазнинии зарари ба ҷамъият расонидашуда (ҷиноят, кирдори маъмурӣ ва ғ.) ва намуди чораи татбиқшаванда (ҷазои ҷиноятӣ, ҷазои маъмурӣ ва ғ.) аз ҳам фарқ мекунанд. Дар ин маврид ба андешаи муҳаққиқ розӣ шудан мумкин аст. Ҳамин хусусиятро ба дигар намудҳои чораҳои маҷбурсозии давлатӣ, ба монанди мусодираи амвол ё воситаи содиркунии ҳуқуқвайронкунӣ, корҳои ислоҳӣ, корҳои ҳатмӣ, ва м.и., ки моҳиятан ба ҳам монанд мебошанд.

Вале чизи дигарро бояд қайд намоем, ки аз ҳам ҷудо намудани гурӯҳӣ ва соҳавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ натиҷа ва ҳосили раванди дарку маърифати илмӣ маҳсуб мешавад, чун дар раванди таҳқиқу баррасӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ метавонад таъсири мусбат дошта бошад. Дар ин хусус Н.В. Витрук дуруст қайд менамояд: «тафриқасозии гурӯҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои қонунгузор ва татбиққунандагони ҳуқуқ дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад» [28, с. 155]. Ин андешаро Ю.И. Абдурашитова дастгирӣ намуда, чунин хулосабарорӣ намудааст: «Якум, бо назардошти меъёрҳои соҳавӣ ҷавобгарии конститутсионӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, маданӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, молиявӣ, мурофиаи маданӣ ва мурофиавии ҷиноятиро муайян намуда, онҳоро метавон намудҳои мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ

ҳисоб кард. Сониян, ҳар кадоми онҳо имкон доранд, ки ба натиҷаи мусбати мутамаркази низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ - таъмини сатҳи ҳуқуқвайронкуниҳо, ки ба фаъолияти беҳтарини давлати демократию ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ мувофиқанд, тобеъ шаванд» [108]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз доираи чаҳор намуди анъанавӣ васеътар нишон дода шудааст. Аммо, мо фикр мекунем, ки ин андешаи ниҳоӣ шуда наметавонад ва андешаи дигар муҳаққиқонро дар ин хусус баррасӣ кардан лозим мебошад. Зеро рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ боиси рушди қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқӣ, назарияи илмӣ ва дигар омилҳо ба ин раванд низ бетаъсир буда наметавонад.

Ба монанди моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ, дар масъалаи таснифи навъҳои он низ илм равиши ягонаро ба вуҷуд наовардааст. Мавқеи чунин олимон, ба монанди Н.В. Витрук ва В.М. Сирих оид ба таснифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба чор намуд – ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва интизомӣ [85, с. 139], ки дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ муқаррар шудааст, нопурра мебошад, зеро чунин таснифот воқеияти сиёсию ҳуқуқӣ, рушди қонунгузорӣ, пайдо гардидани муносибатҳои нави ҳуқуқӣ ва дигар ҳолатҳои ба шароити муосири рушди ҷомеа вобаста ба инобат гирифта нашудааст. Муҳаққиқон ҷой доштани дигар навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: конститутсионӣ, ҷавобгарии мурофиавӣ, ҷавобгарии мусбӣ, ҷавобгарии манфӣ ва дигарро исбот мекунанд. Агар таснифи шаклҳои маъмулии ҷавобгарӣ вобаста ба соҳаҳои ҳуқуқ ташаккул ва рушд намуда бошанд, дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ он метавонад хусусияти байнисоҳавӣ дошта бошад ва нишондодҳои меъёрии чанд соҳаи ҳуқуқро дар бар гирад (мурофиавӣ, конститутсионӣ). Ҳамзамон он метавонад аз нишондодҳои меъёрии институтҳои соҳаи ҳуқуқ, соҳаҳои ҳуқуқи хусусияти комплексӣ дошта ба миён оянд (экологӣ, аграрӣ, техникӣ). Ташаккули минбаъдаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар асарҳои худ

таҳқиқ намудаанд, ки он дар асоси дигар меъёрҳо, институтҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ ба вуҷуд омаданашон мумкин аст [153, с. 109].

Бисёре аз муҳаққиқони ватанӣ низ бештар дар хусуси чорунсура ва ва баъзан панҷунсураи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ қайд мекунанд. Чунончи, Р.Ш. Шарофзода ва У.А. Азиззода чунин намудҳои ҷавобгарии ҷиноятиро номбар намудаанд: ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ, конститутсионӣ [10; 13; 83]. З.Х. Зокирзода ва Ф.А. Аламшозода низ баъзе паҳлуҳои ҷавобгарии ҷиноятию маданиро дар ҳамбастагӣ ва фарқият бо дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (маъмурӣ, интизомӣ, конститутсионӣ) мавриди таҳлил қарор додаанд [45; 151]. Дар ҷойи дигар муҳаққиқи ватанӣ Ф.А. Аламшозода ва муҳаққиқи рус С.М. Воробёв ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун институти комплексӣ-ҳуқуқӣ таҳлил намудаанд, ки андешаи ҷолиб мебошад. Дар ин маврид онҳо доираи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро нисбатан васеъ нишон додаанд [140; 141; 46]. Ш.М. Исмоилов дар низоми намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷавобгарии молиявиро илова менамояд [49, с. 264, 273].

Бояд ёдовар шуд, ки чунин таснифбандии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар асарҳои муҳаққиқони зиёд ба назар мерасад, ки аз назарияи ҳуқуқии классикии чорунсураи он фарқ менамоянд. Навъҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ба таври дар қонунгузорӣ фарқ мекунанд, бо се аломати асосии гурӯҳбандӣ тавсиф карда мешаванд:

– хусусияти мансубияти соҳавии меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва сабти онҳо дар матнҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– амалӣ намудани ҳамаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони махсусе, ки барои татбиқи чораҳои ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ таъин шудаанд;

– татбиқи чораҳои намудҳои дахлдори ҷавобгарӣ дар асоси расмиёти мушаххаси ҳифзи ҳуқуқ: мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва ҳакамӣ.

Масъалаҳои муайян намудани дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ мавриди баҳс қарор доранд: мурофиавии ҷиноятӣ, конститутсионӣ, экологӣ, молиявӣ ва м.и. ба ҳамин монанд, як қатор муаллифон намудҳои молиявию экологӣ, иқтисодӣ-ҳуқуқӣ [212, с. 18], оилавӣ-ҳуқуқӣ, ҷавобгарии молумулкӣ (моддӣ), маданӣ-мурофиавӣ [148, с. 20], ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва дигар намудҳои ҷавобгариро фарқ мекунанд [199, с. 18].

Бояд қайд намоем, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ як намуди ҷавобгарии (масъулияти) иҷтимоӣ буда, аз ҷавобгарии (масъулияти) ахлоқӣ ва ғайра бо як қатор аломатҳояш фарқ мекунад. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқ (дар санксияҳои меъёрҳо) пешбинӣ мешавад. Асоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ҳуқуқвайронкунӣ мебошад ва ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти давлатӣ ва ашхоси мансабдори босалоҳият бо тартиби махсуси пешбиникардаи қонун татбиқ менамояд (суд, прокурор, роҳбари корхона ва ғайра). Дар натиҷаи татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқвайронкунанда ба як қатор маҳдудиятҳо ва маҳрумнамоиҳо дучор мешавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусияти меъёрӣ доштани он, ба соҳаи муайяни ҳуқуқ ва соҳаи қонунгузорӣ тааллуқ доштани он дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ аксар вақт намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқиро пешниҳод менамоянд. Вале ин намудҳои ҷавобгарӣ на аз ҷониби ҳама муҳаққиқон ҷонибдорӣ карда мешавад. Чунончи, ҷавобгарии моддӣ, молиявӣ, андозӣ, буҷетӣ, асъорӣ, корпоративӣ ва м.и. [178, с. 41]. Аксарияти олимон ин намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро қисмати таркибии намудҳои алоҳидаи ҷавобгариҳои ҷиноятии маъмурӣ, маданӣ, интизомӣ медонанд.

Бояд гуфт, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ таснифоти густурда дорад, ки мавҷудияти он ба зарурати ҳифзи тамоми низоми муносибатҳои иҷтимоии бо қонун танзимшаванда вобаста аст; муносибатҳои ҷамъиятӣ

босуръат инкишоф ёфта, навъҳои нави онҳо ба вуҷуд меоянд ва такмил меёбанд. Аз андешаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки аксари олимон чаҳор намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро (ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва интизомӣ) ҷудо намуда, онҳо ҳамчун намудҳои умумиэътирофшуда мавқеи худро дар илм пайдо намудаанд. Аммо чунин андеша далели он нест, ки намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ин чаҳор намуд ба анҷом мерасад. Зеро дар замони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ бо суръат тараққӣ карда, намудҳо ва шаклҳои нави муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ пайдо шуда истодаанд, ки таҳқиқотҳои илмии ҷудогонаро тақозо менамоянд. Яке аз чунин гурӯҳи муносибатҳо ин намудҳои нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар илм ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ мақоми худро дарёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки асоси ташаккулёбии намудҳои нави ҷавобгарии ҳуқуқиро инкишофи қонунгузорӣ ва меъёрҳои хоси соҳавӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин илми ҳуқуқшиносӣ низ пайваста дар ҳолати рушд қарор дорад. Дар ин маврид Р.Л. Хачатуров ва Д.А. Липинский қайд менамоянд, ки агар «... соҳаи ҷудогонаи ҳуқуқ (агар он ба таври ҷудогона ташаккул ёфта бошад), бояд дорои намуди алоҳида ва хоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ бошад» [100, с. 812]. Далелҳои овардаи муаллифон ба таври пурра қонеъкунанда намебошанд ва ба ин нукта Н.В. Витрук таваҷҷуҳ зоҳир менамояд [28, с. 156-157]. Ӯ қайд мекунад, ки «чунин тақсимот бо сохтори соҳавии ҳуқуқ ба ин далел мувофиқат намекунад, ки намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар муқоиса бо соҳаҳои ҳуқуқ камтар мебошанд ва барои риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқи соҳаҳои гуногун имкон дорад як намуд ҷавобгарӣ ба кор бурда шавад. Дар ҳудуди як соҳаи ҳуқуқ имкон дорад намудҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба кор бурда шаванд» [164, с. 24]. Аз нигоҳи мо, асоснок шумоoridани мустақил будани ин ё он намуди нави ҷавобгарӣ бидуни дарк намудани ду нуктаи калидӣ имконнопазир аст. Нахустин

омили аслӣ дарки он аст, ки ҷавобгарӣ мушаххасан дар чӣ ифода мегардад.

Бояд эътироф намуд, ки моҳияти ҷавобгариро фаро расидани оқибатҳои барои шахси ҳуқуқвайронкунанда ногувор ташкил медиҳад ва ин дар маҳдудсозии озодиҳои фардӣ ва молумулкии он зоҳир мегардад. Ҳамчун натиҷа, ҳар гуна чораи ҷавобгарӣ аз рӯи мазмуну муҳтавои худ аз маҳдуд ё маҳрумсозии ин ё он ҳуқуқу озодиҳои субъективии шахси ҳуқуқвайронкунанда иборат мебошад. Чунончи, ҷарима дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маъмурӣ ё пардохти ҷарима ё ҷуброни зарар дар ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи молумулкии шахси ҳуқуқвайронкунанда, яъне ҳуқуқи субъективии молумулкии шахси гунаҳгорро маҳдуд мекунад. Маҳрум сохтан аз озодӣ, ҳуқуқи ҳаракати озодонаи шахсро маҳдуд месозад. Он ҳамчунин, бо маҳрум ва маҳдуд намудани дигар ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванд (ҳуқуқи интихоби озоди меҳнат, ҳуқуқи дахолатнопазирӣ, сирри мукотиба ва ғайра) ҳамроҳ аст. Вале ин ҳама чораҳои қонуниест, ки дар натиҷаи вайрон намудани талаботҳои қонунгузорӣ нисбати шахси гунаҳгор дар ҳуқуқвайронкунӣ бо мақсади ислоҳ намудани шахси гунаҳгор, огоҳонидани ҷомеа аз маҳдудияти қонунӣ нисбати чунин амалҳо ва пешгирии минбаъдаи содиршавии чунин кирдорҳо дар ҷомеа татбиқ карда мешавад.

Нуктаи муҳим ин аст, ки намудҳои якхелаи ҷазо метавонанд муҳтавои мухталифи ҷавобгарӣ, аз ҷумла намудҳои ҷавобгарии «классикӣ»-ро ташкил диҳанд. Илова бар ин, онҳо метавонанд ҳангоми татбиқ намудани намудҳои нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор бигиранд, зеро ҳеҷ гуна маҳдудият дар ин замина вуҷуд надорад [174, с. 39]. В.Ф. Яковлев ба ин назар аст, ки «... дар ҳар яке аз соҳаҳои ҳуқуқ, чораҳои дорои хусусияти маҷбурсозӣ самту ҳадафи ягонаи ба худ хосро мегиранд» [107, с. 155-180]. Аз мазмуни андешаҳои дар боло

зикргардида маълум мешавад, ки амалан тамоми талошу кӯшишҳо барои дарёфти меъёри ҷудосозии намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ равона гардидааст. Онҳоро аз рӯйи таъиноти функсионалӣ, мақсади онҳо, ҳолати ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, вобаста ба хусусиятҳои маҷбуркунӣ ва намудҳои чораҳои истифодашаванда ва дигар маҳакҳо ҷудо намудан мумкин аст. Ҳамзамон барои ҷудо намудани намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самт ё соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ низ ба инобат гирифта мешавад. Ҳолати ҳуқуқии субъектоне, ки нисбати онҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода мегардад дар мавриди муайян намудани намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар маврид ҷудо намудани намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷудо намудани соҳаҳои ҳуқуқ ба умумӣ ва хусусӣ низ метавонад таъсир расонад. Н.В. Витрук «ҷавобгарии конститутсионӣ, мунисипалӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомиро ба намудҳои ҷудогонаи ҷавобгарӣ дар илми ҳуқуқи омма нисбат медиҳад» [28, с. 167]. Сухан сари он меравад, ки ба мисли меъёрҳои муайянкунандаи соҳаи мустақили ҳуқуқ, меъёрҳои ҷудокунандаи намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд мушаххас бошад. Дар ин сурат бисёре аз баҳсҳо оид ба масъалаи мазкур то андозае ҳалли худро меёбанд. Вобаста ба ин ба осонӣ метавон мушоҳида намуд, ки ба чаҳор соҳаи тахассусии (моддии) соҳаҳои ҳуқуқ чаҳор намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ ва интизомӣ, ки дорои вижагиҳои махсус мебошанд, хос мебошад. Аз сабаби он ки бисёре аз муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳарчанд тавассути соҳаи муайяни ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шаванд ҳам, вале тавассути намудҳои мухталифи ҷавобгарӣ ҳифз мегарданд. Аз ин рӯ, як намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро ба як намуди муайяни соҳаи ҳуқуқ шомил кардан хеле душвор ва баҳснок менамояд.

Барои дақиқан равшан намудани паҳлуҳои баҳсноки баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил

қарор медиҳем. Яке аз шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷавобгарии маданӣ мебошад. Муҳаққиқон ин категорияро тафсирҳои гуногун медиҳанд. Аз ҷумла В.М. Грибанов мафҳуми ҷавобгарии маданиро ҳамчун «... яке аз шаклҳои маҷбуркунии давлат, ки бо татбиқи ҷазои молумулкӣ алоқамандбуда, ба барқарор намудани ҳуқуқи моликият ва ҳавасмандгардонии муносибатҳои муътадили иқтисодии байни иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, ки аз баробарҳуқуқи муомилоти маданӣ бармеояд, нигаронида шудааст» [36, с. 89] шарҳ додааст.

Ҷавобгарии маданӣ тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Вобаста ба намуди ҳуқуқвайронкуниҳои маданӣ ва намуди зарар қонунгузории маданӣ дар боби 30 (Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадорӣ), боби 66 (Уҳдадориҳо бинобар расонидани зарар) ва дар қисматҳои дигар вобаста ба вайрон намудани талаботҳои дигари қонунгузорӣ, шартҳои шартнома ва уҳдадориҳои алоҳида шакл, намуд ва мазмуни ҷавобгарии маданиро пешбинӣ накардааст. Вале дар меъёри алоҳида мафҳуми ҷавобгарии маданӣ пешниҳод нагардидааст. Вобаста ба хусусиятҳо, нишонаҳо, моҳият ва мазмуни ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ агар мафҳуми он дар Кодекс ҷой дода мешуд ба андешаи мо барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ боманфиат мебуд. Умуман вобаста ба хусусияти ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мафҳуми онро чунин манзур намудан мумкин аст: «Ҷавобгарии маданӣ ин уҳдадории ҳуқуқвайронкунанда барои иҷро намудани уҳдадорӣ, талаботҳои шартнома, ҷуброн намудани зарарҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ба оқибатҳои манфии дорои хусусияти молумулкидошта мебошад, ки дар санксияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ё шартҳои шартнома муқаррар гардида, дар шакли мурофиавии маданӣ татбиқ карда мешавад».

Дар илми ҳуқуқи ватанӣ ҳамчун яке аз шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ҷавобгарии ҷиноятӣ низ инкишоф ёфта истодааст. Мувофиқи нуқтаи

назари хеле паҳншуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ ин уҳдадории шахси ҷиноятсодирнамуда барои иҷрои чораҳои маҷбурии давлатӣ мебошад [59, с. 11]. Ба андешаи мо, ҷавобгарии ҷиноятӣ ин уҳдадории шахси ҷиноятсодирнамуда оид ба иҷрои чораҳои маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки дар санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати чораи татбиқшаванда нисбати кирдорҳои ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст.

Шакли маъмултарини ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷавобгарии маъмурӣ мебошад. Мутахассисони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ низ таърифҳои гуногуни ин падидаро пешниҳод мекунанд. Ҳамин тариқ, А.П. Алехин чунин мешуморад, ки ҷавобгарии маъмурӣ як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар татбиқи ҷазои маъмурӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор ё шахси мансабдор нисбат ба шахси ҳуқуқвайронкунанда ифода карда мешавад [17, с. 324]. Ҷавобгарии маъмурӣ намуди паҳнгашта буда, тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Баъзе намудҳои нави ҷавобгарӣ, ки даъвои мустақилият доранд, асосан ба ҳуқуқи маъмурӣ дохил мешавад.

Дигар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷавобгарии интизомӣ аст, ки яке аз шаклҳои асосии ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба вайронкунандагони интизоми меҳнат мебошад. Дар назарияи ҳуқуқ ҷавобгарии интизомӣ ҳамчун масъулияти шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки бо иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ, хизматӣ ва вазифавии ӯ алоқаманд аст [74, с. 255]. Ба андешаи мо, ҷавобгарии интизомӣ ин уҳдадории шахси ҳуқуқвайронкунанда барои таҳаммули оқибатҳои номатлуби дорои хусусияти шахсӣ ва ташкилӣ мебошад, ки дар санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқии Кодекси меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилии корхона, қонунгузории махсус барои категорияҳои алоҳидаи кормандон, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии интизомӣ бо тартиби муайяни мурофиавӣ муқаррар шудааст.

Дар бораи хусусиятҳои ҷавобгарии интизомӣ сухан ронда, мо бояд хусусиятҳои онро ба назар гирем, зеро ин имкон медиҳад, ки онро мо аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ фарқ намоем [132, с. 172]. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, мо бояд дар бораи шарти фаро гирифтани ҷавобгарии интизомӣ аз ҷониби муносибатҳои меҳнатӣ, яъне мавҷудияти робитаи махсуси ҳуқуқии байни корманд ва корфармо дар асоси шартномаи меҳнатии басташуда сухан ронем. Мавқеи навбатӣ ин аст, ки ҷавобгарии интизомӣ ба зиммаи корфармое гузошта мешавад, ки корманд бо ӯ шартномаи меҳнатӣ дорад. Татбиқи чораҳои интизомӣ бо истифодаи ба истилоҳ ҷазоҳои ваколатдор вобаста аст, ки танҳо шахси мансабдорми мақомот (роҳбар) ҳуқуқ дорад татбиқ намояд, ки ба он ҳуқуқи ба кор қабул кардан (интихоб кардан, тасдиқ кардан, таъин кардан) ва аз кор озод кардани кормандон дода мешавад.

Бояд гуфт, ки ҷавобгарии интизомӣ на аз ҷониби мақоми давлатӣ (шахси мансабдори ваколатдор), балки бевосита аз ҷониби корфармое амалӣ карда мешавад, ки корманд бо ӯ шартномаи меҳнатӣ дорад ва ба сифати намояндаи ваколатдори давлат баромад мекунад. Асос барои ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан содир намудани ҳуқуқвайронкунии интизомӣ аз ҷониби корманд, яъне бо сабаби ғайриқонунӣ иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро накардани уҳдадориҳои меҳнатӣ мебошад. Шакли татбиқи ҷавобгарии интизомӣ аз ҷониби корфармо ба корманде, ки интизоми меҳнатро вайрон кардааст, ҷазоҳои интизомӣ ва дигар чораҳои интизомӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «ҳоло метавон дар бораи ҷавобгарии интизомии на фақат кормандон, балки ҳамчунин дар хусуси ҷавобгарии интизомии хизматчиёни давлатӣ, адвокатҳо, вакилҳо, судяҳо, маҳбусон ва дигар гурӯҳҳои шаҳрвандон низ сухан гуфт. Сарфи назар аз идома доштани баҳсҳои доимӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ доир ба табиату муҳтавои ҳуқуқии намудҳои мазкури ҷавобгарӣ, вуҷуд доштану мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифтани онҳо имкони

ба таври равшан тағйирёбии ҳуқуқ ва вокуниши ҳуқуқ нисбат ба тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятиро нишон медиҳад» [15, с. 220].

Бар асоси он чи ки дар боло қайд шуд, метавон таъкид намуд, ки ҳеҷ гуна монеаҳои рафънашаванда дар ташаккулёбии намудҳои нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла интизомӣ дар дохили соҳаи ҳуқуқи меҳнатӣ вуҷуд надорад. Ҳамзамон, дар қонунгузории меҳнатӣ мафҳуми ҷавобгарии интизомӣ ба назар намерасад, ки метавонад дар татбиқсозии ҳуқуқ монеаҳоро ба вуҷуд оварад. Ҳарчанд, дар моддаи якуми Кодекси меҳнатии ҶТ [4] аз санаи 23.07.2016, №1329 мафҳумҳои асосӣ ва дар м. 62 ҷазои интизомӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, вале дар онҳо мафҳуми ҷавобгарии интизомӣ муқаррар нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки мафҳум ба таври зайл ифода карда шавад: «Ҷавобгарии интизомӣ чораи маҷбуркунии давлатиест, ки корфармо нисбат ба корманде, ки ҳуқуқвайронкунии интизомӣ содир кардааст, бо роҳи таъин намудани ҷазои интизомӣ ва (ё) дигар чораҳои интизомӣ татбиқ менамояд».

Дигар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби олимони ватанӣ низ эътироф мешавад ин ҷавобгарии молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҳоли ҳозир масъалаи марбут ба эътироф кардани ҷавобгарии молиявӣ баҳсталаб боқӣ мемонад. Бархе аз муҳаққиқон ҳамоно ҷавобгарии молиявиро яке аз намудҳои ҷавобгарии маъмурӣ меҳисобанд. Аз ҷумла, Н.В. Витрук «... бо вуҷуди эътироф кардани гуногунӣ дар таркиби ҳуқуқвайронкуниҳо ва чораҳои ҷазодиҳӣ, тартиби муқаррар намудани онҳо ва вуҷуд доштани дигар хусусиятҳо дар муносибатҳои марбут ба буҷету молия ва андоз, бо вуҷуд доштани далелҳои асоснок барои ҷудосозии дохилии ҷавобгарии маъмурӣ ба маъмурӣ-молиявӣ, маъмурӣ-буҷетӣ, маъмурӣ-молиявӣ ва ғайра ишора мекунад» [28, с. 212]. Д.Л. Комягин дар ин хусус қайд менамояд, ки санксияҳои махсусе, ки дар қонунгузории буҷетӣ ба мушоҳида мерасанд, ба сифати чораҳои

пешгирӣ ва таъминкунанда баромад мекунанд. Бар ин асос муаллифи мазкур мустақил будани ҷавобгарии молиявӣ ва зернамуди он – ҷавобгарии буҷетиро рад менамояд. Дар айни замон бояд гуфт чунин ба назар мерасад, ки нуқтаи назари ин муаллиф дар ин робита ба таври собит пайгирӣ намешавад, зеро дар идома муаллиф чунин натиҷагирӣ менамояд, ки барои риоя нашудани қонунгузории буҷетӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва ҷавобгарии буҷетӣ пешбинӣ шудааст [126, с. 15-19]. Чунин парокандагӣ дар изҳори назари олимон ва мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда ҷавоб ба ин суол метавонад бошад, ки чаро то кунун ҷавобгарии ҳуқуқии молиявӣ дар миёни дигар намудҳои анъанавиву умумипазируфташудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой ва мақоми хосси худро надорад.

Дар бораи ҷавобгарии буҷетӣ сухан ронда, Е.В. Шевченко «аз ҷумла таъкид менамояд, ки чунин ҷавобгарӣ бояд фақат ҳамчун қисми ҷудонопазири ҷавобгарии маъмурӣ бинобар табиати ҳуқуқи маъмурӣ худи ҳуқуқи молиявӣ пазируфта шавад» [211, с. 11]. Андешаи мазкур қобили қабул буда, иловатан қайд намудан мумкин аст, ки дар ҳеҷ гуна адабиёти молиявӣ-ҳуқуқӣ ифодаи «ҷазои молиявӣ» ба назар намерасад. Албатта, КҶ ҶТ дорои навъҳои ҷазоҳое мебошад, ки хусусияти молиявӣ доранд, вале онҳо ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, ҷавобгарии молиявӣ низ ҳамчун намуди алоҳидаи ҷавобгарӣ қобили дастгирӣ намебошад.

Новобаста ба андешаи мо, оид ба навъи алоҳидаи ҷавобгарӣ будани ҷавобгарии молиявӣ баъзе олимони андешаи худро иброз доштаанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунии молиявӣ дорои хусусияти молиявӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Ин намуди ҷавобгарӣ як намуди махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки аз чунин намудҳои ҷавобгарӣ, ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ фарқ мекунад [131, с. 465]. Ҷавобгарии молиявӣ чораи

маҷбурсозии давлатӣ мебошад, ки дар шакли пулӣ ифода ёфта, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо нисбат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи муносибатҳои молиявӣ татбиқ мегардад [131, с. 464-467]. Ин намуди ҷавобгарӣ мансубияти соҳавӣ дорад, зеро он на танҳо андоз, балки муносибатҳои буҷетиро низ танзим мекунад. «Мо инчунин метавонем ҷавобгарии молиявиро ҳамчун унсури сохтории низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дохил кунем, ки он низ бо назардошти меъёрҳои соҳавӣ ҷудо карда мешавад. Ҷавобгарӣ дар соҳаи муносибатҳои буҷетӣ, асъорӣ, андоз, бонкӣ намудҳои мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ набуда, ба ҷавобгарии молиявӣ дохил мешаванд. Ҷавобгарии молиявиро дар байни дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз рӯи аломатҳои зерин дидан мумкин аст: мустақилияти ин соҳаи ҳуқуқ; хусусияти муносибатҳои ҷамъиятии идорашаванда; мустақилият ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии молиявӣ; хусусиятҳои фарқкунандаи чораҳои ҷавобгарии молиявӣ ва тартиби махсуси татбиқи онҳо; ҳайати субъектҳое, ки барои татбиқи чораҳои ҷавобгарии молиявӣ ваколатдор шудаанд» [108].

Чораи ҷавобгарии ҳуқуқии дигаре, ки муҳаққиқон даъвои мустақилияти онро доранд ин ҷавобгарии экологӣ мебошад. Дар айни замон ҷавобгарии ҳуқуқии экологӣ дар ҳуқуқи экологӣ ва назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавқеи махсусро ишғол карда истодааст [135, с. 39-48]. Ин шакли ҷавобгарӣ аз он иборат аст, ки он дорои чораҳои махсуси экологӣ ва ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ мебошад. «Моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқии экологӣ барқароркунӣ мебошад. Тавре ки омӯзиши адабиёти соҳавӣ нишон медиҳад, дар бештари мавридҳо истилоҳи «ҷавобгарии экологӣ» баробар бо «ҷавобгарии оилавӣ» ва «ҷавобгарии молиявӣ» ба сифати як истилоҳи маҷмуӣ, ки намудҳои ҷавобгарии мазмуну муҳтавои мухталифи

ҳуқуқиро дар бар мегирад, ба кор бурда мешавад» [47, с. 71; 146; 163]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки ҷавобгарии ҳуқуқии экологиро ҳамчун шакли махсуси мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ, ки бо меъёрҳои соҳа муайян карда мешавад, фаҳмидан лозим аст. Моҳияти ин муносибат аз он иборат аст, ки ба ин шакли ҷавобгарӣ дар тамоми низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист мавқеи олӣ дода шавад. Асоси ин ақида аз инҳо иборат аст: 1) воқеан бесамар будани шаклҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ; 2) мураккабии ин институти ҳуқуқи экологӣ; 3) асоси назариявии мафҳуми ҷавобгарии экологӣ ва ҳуқуқӣ қонунгузорӣ ва дар навбати аввал Конститутсия мебошад. Ин равиш ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-экологӣ як самти нави илмӣ ва амалӣ мебошад, ки донишҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқро муттаҳид мекунад [153, с. 112]. Дар асоси ин метавон дар бораи хусусияти комплексии байнисоҳавии ниҳоди (институти) дахлдор ба хулосаи муайян омад, ки дар ин асос мустақил ва ҷудогона будани ниҳоди мазкур рад карда мешавад. Бешубҳа, зарурат ва имкони таҳқиқу омӯзиши ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чаҳорчӯби ин ё он соҳа ҳамчун ниҳоди комплексӣ касе аз муҳаққиқон инкор ва рад накардааст. Анҷом додани чунин таҳқиқот метавонад дар маҷмуъ ба афзоиши самаранокии кори институти мазкур мусоидат намояд.

Дар ин миён ҷавобгарии экологӣ дар муқоиса бо дигар намудҳои ҷавобгарӣ эътирофи камтари илмиро доро мебошад. Як қатор донишмандон то кунун зарурати чунин намуди нави ҷавобгариро инкор мекунанд. Аз ҷумла, ба назари С.А. Боголюбова, ҷавобгарии ҳуқуқии экологӣ дар ибтидо ба кӯшиши ҷавобгарии ҷудогонаву мустақил донистани ҳуқуқи экологӣ вобаста буд. Дар марҳалаи кунунӣ, ки ҳуқуқи экологӣ дар ҳама ҷо эътироф гардидааст, ҳеҷ гуна зарурате барои вуҷуд доштани ҷавобгарии экологӣ боқӣ намондааст [22, с. 162-163]. Муаллифоне низ вуҷуд доранд, ки дар ин хусус бо чунин қатъият изҳори

назар намекунанд. Аз ҷумла, Н.В. Кичигин қайд менамояд, ки дар қонунгузорӣ доир ба экология баъзе махсусиятҳо барои ҷуброн кардани зарари расонидашуда ба муҳити зист пешбинӣ шудааст. Ин муаллиф бо баҳсбарангез хондани мавзуи мавриди назар, ба зарурати аз ҷиҳати назариявӣ бозбинӣ шудани он ишорат мекунад [158, с. 211-212]. Бино ба назари А.А. Иванов, «раванди ҷудосозии ҷавобгарии экологӣ аз низоми умумии қонунгузорӣ шурӯъ шудааст, аммо он ҳанӯз ба итмом нарасидааст» [155, с. 111-112]. Дар хулоса, бояд гуфт ки муаллифи мазкур барои исботи назари худ ҳеҷ гуна далели қонеъкунандае пешниҳод намесозад.

М.М. Бринчук қайд менамояд, ки «ҳифзу ҳимояти муносиби муҳити зист ва рифоҳу некӯаҳволии экологӣ, ки тавассути муқаррароти қонунгузории экологӣ ба танзим дароварда мешавад, ҷузъи манфиатҳои умумӣ мебошад ва он аз ҳимояву таваҷҷуҳи афзалиятноки ҳуқуқӣ бархӯрдор аст» [136, с. 35-37]. Риоя нашудани манфиатҳои умумии мавриди назар, наметавонад мавзуъ ва асоси ҷавобгарии маданиро ташкил диҳад. Мазмуну муҳтавои ҷавобгарии ҳуқуқии экологиро, пеш аз ҳама, ду намуди ҳуқуқвайронкунии экологӣ ташкил медиҳад ва мавзуи онҳо иборат аст: ҷуброни зарари расонидашуда ба табиат, яъне зарари экологӣ, иҷро накардан ва ё ба таври шояду бояд иҷро накардани уҳдадориҳое, ки дар қарордод доир ба истифодаи табиат ва муҳити зист пешбинӣ шудаанд. Ба зарурати ҷудосозии ҷавобгарии маданӣ ва экологӣ В.Г. Мелникова ва Е.М. Суранова [171, с. 196] низ ибрози назар намудаанд. Таҳлили андешаҳои олимон ба мустақил будани ҷавобгарии экологӣ ҳамчун намуди нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ он қадар ишораи ҷиддӣ намекунанд. Аммо ба назари мо ин ҳанӯз маънои ҷавобгарии алоҳида будани ҷавобгарии экологиро инкор ва ё маҳдуд намесозад, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар арсаи ҷаҳон мушкилоти экологӣ ба яке аз мушкилотҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Чунин ҳолат метавонад, дер ё зуд

мустақилияти ҷавобгарии экологиро ба миён оварад. Ҳамин тавр, асоси ташаккулёбии ҷавобгарии экологиро ҳимояи ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба истифодаи муҳити зисти мусоиди экологӣ ташкил медиҳад, ки расидан ба ин мақсад бо роҳи барқарор намудани вазъи муҳити зисти матлуби экологӣ имконпазир аст.

Ин намуди ҷавобгарӣ бояд ҳамчун уҳдадории шахс дар мавриди дучор шудан ба оқибатҳои номатлуби дорои хусусияти экологӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми вайрон кардани қонунгузории экологӣ, ки дар санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ бо тартиби муайяни мурофиавӣ татбиқ мешаванд, фаҳмида шавад.

Яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ – ҷавобгарии конститутсионӣ мебошад, ки дар илми ҳуқуқшиносии ватанию хориҷӣ доираи муайяни баҳсро ба вуҷуд овардааст. Ба андешаи Ш.З. Шеров, дар низоми демократӣ аҳаммияти ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ рӯз то рӯз ба падидаи маъмулӣ табдил ёфта истодааст. Дар раванди гузариш ба ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ волоияти қонун ва демократия, фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва ҷазои одилонаи гунаҳгоронаи субъектҳои ҳуқуқи конститутсионӣ барои вайрон кардани конститутсия аҳаммиятнокии ин намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро ифода менамояд [188, с. 146-149]. Ҷавобгарии конститутсионӣ ҳамчун як намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илм нисбатан ба наздикӣ зоҳир шудааст. Асоси ҷавобгарии конститутсионӣ вайрон кардани меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳое мебошад, ки барои онҳо чораҳои ҷавобгарии конститутсионӣ пешбинӣ шудаанд. Н.В. Витрук қайд намудааст, ки «тадбирҳои ҷавобгарии конститутсионӣ комилан мушаххасанд, аз ҷумла мо метавонем қайд кунем: истеъфои ҳукумат, пеш аз муҳлат қатъ кардани ваколатҳои мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор, барҳам додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғ.» [177, с. 6-64]. Бояд гуфт, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷавобгарии конститутсионӣ ё давлатӣ-ҳуқуқиро ҳамчун шакли махсуси

мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбатан вақтҳои охир на танҳо аз ҷониби мутахассисони ҳуқуқи конститутсионӣ, балки намояндагони назарияи ҳуқуқ низ эътироф карда мешаванд. Дар баробари ин на ҳама назариячиён ҷонибдори эътирофи ин ниҳод мебошанд [87, с. 415-434]. Ҳарчанд чунин андешаҳо ҷой дошта бошад ҳам, ҷавобгарии конститутсионӣ ҳамчун институти ҳуқуқи конститутсионӣ ташаккули пуррраи худро наёфтааст.

Азбаски ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои асосии ташкили иҷроиши дурусти (дахлдори) нишондодҳои санадҳои ҳуқуқӣ, огоҳкунӣ ва пешгирии кирдори аз ҷиҳати қонун ғайримақбули субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, он ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ба ҳуқуқи конститутсионӣ хос аст. Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷавобгарии ҳуқуқии конститутсионӣ як намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Он як намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, инчунин шакли махсуси ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад. Ҷавобгарии конститутсионӣ ҳамчун як намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ таҷассуми таъсири бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ, воқеияти сохти конститутсионӣ ҳамчун ифодаи сиёсии сохтори иҷтимоӣ, ки ба принсипҳои демократия ва давлати ҳуқуқӣ асос ёфтааст, мебошад. Ҷавобгарии конститутсионӣ, ки як навъ ҷамъкунандаи тамоми намудҳои ҷавобгарии иҷтимоӣ буда, ҳамчун намуди муҳимтарини он баромад мекунад. Оид ба ҷавобгарии конститутионӣ Н.В. Витрук боварӣ дошт, ки мазмуни ҷавобгарии конститутсионӣ метавонад ду роҳи инфиродии амали шахсиро ифода кунад [29, с. 164]. Ба андешаи А.Х. Бобоев, ҷавобгарии ҳуқуқию конститутсионӣ, ки яке аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ҳамаи аломатҳоеро, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро аз дигар зуҳуроти ҷамъиятӣ фарқ мекунонад, дар бар мегирад. Он чун дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ чораи маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки ба маҳкумкунии ҳуқуқӣ ва ҷамъиятии ҳуқуқвайронкунӣ асос ёфта, дар

муқаррар намудани оқибатҳои номусоиди (манфии) муайян барои шахси ҳуқуқвайронкунанда зоҳир мешавад. Ин масъала вақтҳои охир дар назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ низ аҳаммияти махсусро касб карда истодааст [129, с. 113]. Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ ҷавобгарии конститутсионӣ метавонад ба низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун унсури сохторӣ дохил карда шавад.

Қобили зикр аст, ки дар ҶТ ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ кайҳо боз эътирофи илмӣ гирифтааст ва воқеияти ҳуқуқӣ мебошад. Аз ҷумла А.М. Диноршоев қайд мекунад, ки институти ҷавобгарии конститутсионӣ муҳимтарин институти фаъолияти давлат ва механизми асосии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон мебошад [145, с. 87-91]. Бояд гуфт, ки дар амалияи сохтмони давлатию ҳуқуқии ҶТ проблемаи ҷавобгарии конститутсионӣ мавқеи муҳим дорад. Сарфи назар аз ин, мавриди зикр аст, ки чи дар илми ватанӣ ва чи дар илми ҳуқуқи дигар давлатҳои пасошуравӣ масъалаи ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ нисбатан ба наздикӣ пайдо шуда, ҳанӯз ба қадри кофӣ инкишоф наёфтааст. Бинобар ин, худи институти ҳуқуқии ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ҳанӯз пурра ташаккул наёфтааст.

Оид ба муайян намудани номгузории ин намуди ҷавобгарӣ байни олимон фикри ягона вуҷуд надорад. Н.М. Колосова [160, с. 90] ва Д.С. Сафаров [181, с. 9] истилоҳи «ҷавобгарии конститутсионӣ»-ро истифода мебаранд. С.А. Авакян [110, с. 9-32] бошад ҳам истилоҳи «ҷавобгарии конститутсионӣ» ва ҳам истилоҳи «ҷавобгарии ҳуқуқию конститутсионӣ»-ро мавриди истифода қарор медиҳад. Олимон Е.И. Козлова, О.Е. Кутафин [52, с. 33] мафҳуми «ҷавобгарии ҳуқуқию конститутсионӣ»-ро қобили қабул мешуморанд. Азбаски «ҷавобгарии конститутсионӣ» - ҷавобгарии дар меъёрҳои Конститутсия пешбинишуда аст, он дар сурати вайрон намудани меъёрҳои конститутсионӣ ба миён меояд. «Ҷавобгарии ҳуқуқию конститутсионӣ» бошад дар меъёрҳои

ҳуқуқи конститутсионӣ пешбинӣ гардида, метавонад дар сурати вайрон намудани уҳдадориҳои дар меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ муқараргардида татбиқ шавад. Дар айни ҳол ҳуқуқи конститутсионӣ дар худ на танҳо меъёрҳои дар Конститутсияи ҶТ мустаҳкамшуда, балки дигар сарчашмаҳои конститутсиониро низ дар бар мегирад. Ба андешаи А.Х. Бобоев, мафҳуми «ҷавобгарии ҳуқуқию конститутсионӣ» нисбат ба мафҳуми «ҷавобгарии конститутсионӣ» васеътар буда, ҳама паҳлӯҳои масъаларо дар бар мегирад ва истифодаи он ба мақсад мувофиқ аст [129, с. 113-114]. Ба андешаи мо, чунин фаҳмиш қобили қабул намебошад. Зеро таснифи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар дар асоси соҳаҳои ҳуқуқ ва чораҳои таъсиррасонӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳар як соҳаи ҳуқуқ дорои сарчашмаҳои гуногун мебошад, вале номи ҷавобгарии он вобаста ба соҳаи ҳуқуқ гузошта шудаанд, на ин ки дар асоси санадҳои ҳуқуқии он. Агар ҷавобгарии конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дуруст бошад, пас дигар намудҳои ҷавобгарӣ ғайриҳуқуқӣ мебошанд? Бо ин назардошт, ҷавобгарии конститутсионӣ мувофиқ ва бебаҳс мебошад.

Баъзе муҳаққиқон ҷавобгарии моддиро аз рӯи ҳуқуқи меҳнат як навъи мустақил мешуморанд. Дигар олимон бар ин назаранд, ки он ба мафҳуми ҷавобгарии интизомӣ шомил шудааст, зеро он дар натиҷаи расонидани зарари моддӣ ба корфармо дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии интизомӣ ба амал меояд [178, с. 41]. Ҷавобгарии моддӣ бо ҷавобгарии интизомӣ фаро гирифта мешавад. Дар муносибатҳои меҳнатӣ асос барои татбиқи он ҳуқуқвайронкунии интизомӣ, вайрон кардани интизоми меҳнат мебошад, ки боиси зарари моддие мебошад, ки корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш ба корфармо расонидааст. Дар ин ҳолат бояд корманд гунаҳкор бошад. Ин мавқеъ метавонист қаблан ҷой дошта бошад, зеро танҳо корманде, ки амали ғайриқонунии ӯ ба корфармо зиён расонидааст, ҷавобгарии молиявӣ ба дӯш дошт. Бо вуҷуди ин, Кодекси меҳнати ҶТ мафҳуми дигари ҷавобгарии моддиро дарбар мегирад.

Тибқи қонунгузорӣ онро на танҳо корманд, балки корфармо, яъне ҳарду тарафи шартномаи меҳнатӣ низ ба дӯш мегирад.

Атрофи масъалаи ҷавобгарии оилавӣ низ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, О.А. Турусова қайд менамояд, ки: «... ҷавобгарии ҳуқуқии оилавӣ дар миёни субъектҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ташаккул ёфта, дар шакли оқибатҳои барои шахси ҳуқуқвайронкунанда номатлуб зоҳир мегардад. Аз ин нуқтаи назар муаллиф, аломатҳои лозим ва кофӣ барои ҷудо намудани ҷавобгарии ҳуқуқи оилавӣ ба сифати ҷавобгарии мустақил инҳо ба ҳисоб мераванд: чунин ҷавобгарӣ дар қонунгузорӣ доир ба оила пешбинӣ шудааст; бар асоси чораи маҷбурсозии давлатӣ устувор аст; шакли татбиқи санкияи меъёри ҳуқуқӣ мебошад; дар шакли мурофиавӣ вогузор мешавад; дар шакли маҳрумсозии дорои хусусияти фардӣ ва молумулкӣ инъикос меёбад; фақат дар ҳолати содиршавии ҳуқуқвайронкунии оилавӣ фаро мерасад» [208, с. 10]. Аммо ба назари мо омилҳои зикршуда ҳануз барои ҳамчун ҷавобгарии мустақил эътироф шудани ҷавобгарии оилавӣ басанда намебошанд. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ мустақиман ҷавобгариро муқаррар намекунанд, балки ин масъала тибқи қонунгузории маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ ҳал карда мешаванд. Асоси ҷавобгарӣ ин татбиқи чораи маҷбуркунии давлатӣ мебошад. Дар муқоиса ба дигар намудҳои маъмули ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷавобгарии оилавӣ дорои чунин хусусиятҳо намебошад, ки дар ин асос ҷавобгарии оилавиро мустақил гуфтан чандон дуруст намебошад.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқиро низ ҷудо менамоянд, ки ба онҳо ҷавобгарии мурофиавӣ, корпоративӣ ва дигарро дохил менамоянд. Асоси ин намуди ҷавобгариҳои ҳуқуқиро намудҳои чораҳои ҳуқуқии дар доираи он меъёрҳо татбиқшаванда ташкил менамоянд. Дар байни онҳо, масалан, ҷавобгарии мурофиавии маданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ [206, с. 66], ҷавобгарӣ барои вайрон

кардани меъёрҳои корпоративӣ [37, с. 616-634], ҷавобгарии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ҷавобгарии ҳуқуқии давлат ва ҷавобгарии ҳуқуқии байналмилалиро ва дигарро фарқ мекунанд. Ҷавобгарии моддию мурофиавӣ низ ба назар мерасад. Дар баробари ин, чунон ки зикр гардид, масъалаи ҷавобгарии мурофиавӣ ҳамчун як намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳуқуқшиносии дохилӣ ҳалли заруриро нагирифтааст. Ҷавобгарии ҳуқуқии субъектҳои коллективӣ, субъектони фаъолияти соҳибкорию тиҷоратӣ низ мавриди пажуҳиш қарор дорад [153, с. 115]. Ҳамин тавр, дар марҳалаи кунунӣ раванди ташаккулёбии намудҳои нави ҷавобгарӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар ҳоли такмилёбӣ қарор дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи таснифи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳснок маҳсуб ёфта, чунин ҳолат ба илмҳои соҳавӣ низ тааллуқ доранд. Баҳси асосӣ сари намудҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои хоси онҳо, ҳолат ва сатҳи истифодабарии онҳо, самаранокии татбиқ кардан ва ҳолатҳои татбиқи намудҳои алтернативии чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷой дорад. Албатта, ба ҳайси намуди мустақил эътироф намудани баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле баҳснок ва душвор буда, таҳқиқоти алоҳидаро талаб менамояд. Мавриди зикр аст, ки ба таври анъанавӣ дар қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ намудҳои мухталифи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ пешбинӣ мешаванд. Ҳамзамон, оид ба мустақилияти намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ба монанди, ҷавобгарии конститутсионӣ, экологӣ, молиявӣ, мурофиавӣ, соҳибкорӣ, корпоративӣ ва дигар нуқтаҳои назари илмӣ пешниҳод шудаанд.

2. Натиҷаи таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки то кунун меъёри дақиқу ягона барои тафриқасозии намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вуҷуд

надорад. Баъзе аз муҳаққиқон соҳаи мустақили ҳуқуқ буданро ҳамчун меъёр ва асос медонанд. Вале ҳастанд олимоне, ки ин андешаро ҷонибдорӣ намекунанд. Аз сабаби он, ки бисёре аз муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳарчанд тавассути соҳаи муайяни ҳуқуқ ва қонунгузории соҳавӣ ба танзим дароварда шаванд ҳам, вале тавассути намудҳои мухталифи ҷавобгарӣ, ки аз доираи соҳаи ҳуқуқ берун мебароянд ҳифз, карда шуда ва барқарор карда мешаванд. Аз ин рӯ, як намуди ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо ба як намуди муайяни соҳаи ҳуқуқ шомил кардан хеле душвор ва баҳснок мебошад.

3. Аксари олимон мавҷудияти намудҳои анъанавии ҷавобгарии ҳуқуқиро (ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва интизомӣ) эътироф намуда, онҳоро ҳамчун намудҳои умумиэътирофшуда меҳисобанд. Аммо чи гунае, ки аз таҳқиқи масъала бармеояд, чунин андеша далели он нест, ки намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ин чаҳор намуд ба анҷом мерасад. Зеро дар замони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ бо суръат тараққӣ карда, намудҳо ва шаклҳои нави муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ пайдо шуда истодаанд, ки таҳқиқотҳои илмии ҷудогонаро тақозо менамоянд. Яке аз чунин гурӯҳи муносибатҳо ин ҷудо гардидани зерсоҳаҳои ҳуқуқ ба соҳаҳои мустақил, рушд ёфтани соҳаҳои комплексии ҳуқуқ ва дар ин замина пешниҳод гардидани намудҳои нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба рушди ин соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Рушди қонунгузории соҳавӣ низ ба ин ҷараён таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, дар баробари ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ, намудҳои дигари он пешниҳод гардида истодаанд. Ба монанди, ҷавобгарии конститутсионӣ, экологӣ, молиявӣ, моддӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, байналмилалӣ ва м.и.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН НАМУДИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

## 2.1. Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз мавзуи бунёдӣ ва хеле муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқу омӯзиши институти давлатии ҳуқуқӣ дар баробари категорияҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ омӯхта мешаванд. Ҳамзамон зерсохторҳои институти «ҳуқуқвайронкунӣ» ва «ҷавобгарии ҳуқуқӣ», ки дар илми ҳуқуқшиносӣ аллакай ҳамчун институтҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфтаанд, ин категорияҳои «ҷиноят», «ҷавобгарии ҷиноятӣ» ва «ҷазо» мебошанд.

Омӯзиши падидаи мазкури ҳуқуқӣ хусусияти умуминазариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқи масъалаи мазкур имконият медиҳад мафҳум, моҳият, таркиб, хусусиятҳо, намудҳо, усули татбиқ ва амалишавӣ, сарҳади татбиқнамоӣ ва ҳолатҳои ба ин монанд аз ҷиҳати назариявӣ баррасӣ карда шаванд. Аз лиҳози амалӣ ва ҳуқуқтатбиқсозӣ низ муқаррар намудани паҳлӯҳои мухталифи он хеле муҳим мебошад, чун сатҳу дараҷаи қонуният ва самаранокии кору фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин вазъи тартиботи ҳуқуқӣ ва дараҷаи ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои аъзои ҷомеа аз ҳар гуна кирдорҳои зараровари зиддиҳуқуқии шахсони алоҳида ва худсарии мақомоти давлатӣ, аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он аст, ки чи гуна мушкилоти мавҷуда дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷомеа ҳаллу фасл карда мешаванд.

Дар миёни намудҳои гуногуни кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва ё ҳуқуқвайронкунӣ мавқеи муҳимро вобаста ба сатҳи ба ҷамъият хавфнокӣ ҷиноят ишғол менамояд. Дар муқобили он намуди асосӣ ва нисбатан вазнини чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ меистад. Чун институти асосии ҳуқуқӣ ва мушкилоти

замони муосир дар самти ҳуқуқтатбиқсозӣ омӯзиши мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, мушкилот ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он мебошад, ки таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқиро талаб менамояд.

Дар таҳқиқоти бештари муҳаққиқон ҳуқуқшинос таъкид шудааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад танҳо дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошад ва татбиқ гардад. Аз ин рӯ, «... субъекти онҳо аз як тараф, шахси ҳуқуқвайронкунӣ содирнамуда ва аз ҷониби дигар, давлат, мақоми салоҳиятдори давлатӣ ва шахси мансабдор маҳсуб меёбанд» [93, с. 82] .

Бояд зикр намуд, ки дар робита ба фаҳмиши ҷавобгарии ҷиноятӣ ва моҳияти он дар илми ҳуқуқшиносӣ миёни муҳаққиқон ягонафикрӣ вуҷуд надорад. Зарурати таҳқиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба он вобаста аст, ки тавассути ин институт таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷамъият ба роҳ монда мешавад. Қисме аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ – ин уҳдадории шахси ҷиноятсодирнамуда мебошад, ки дар муқобилаш чораҳои маҷбурсозӣ аз ҷониби давлат истифода бурда мешаванд (У.А. Азиззода, Р.Ш. Шарофзода, Я.М. Брайнин, М.И. Карпушин, В.И. Курляндский) [116, с. 241; 24, с. 25]. Яъне, дар сурати содир намудани ҷиноят, шахси ҷиноят содир намуда бо чораҳои дахлдори маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба худ рӯ ба рӯ мегардад.

Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ мухталиф арзёбӣ мегардад. Аввалан он чун фаҳмиши умумии ҷавобгарӣ хусусияти иҷро намудани масъулият ва уҳдадории иҷро намудан ё худдорӣ намудан аз амалеро дорад. Баъдан он хусусияти маҷбурӣ ва ҳатмӣ дорад, ки аз ҷониби субъектони босалоҳият татбиқ карда мешавад. Сониян нисбати шахсоне, ки кирдори ҳуқуқвайронкунӣ содир намудаанд татбиқ карда мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ин

масъала фикрҳои ягона вуҷуд надорад. Ба андешаи Ш. Исмоилов, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ – ин як намуди масъулият аст, ки дар татбиқи чораҳои маҷбурсозии ҳуқуқӣ ба шахси дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ гунаҳкор барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ ифода меёбад» [49, с. 115]. Р.Ш. Шарофзода бар он назар аст, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ – намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ мебошад, ки барои ҳуқуқвайронкунӣ ва бо истифодаи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷониби субъектони босалоҳият татбиқ мешавад» [83, с. 315]. Ба андешаи У.А. Азиззода, «ҷавобгарӣ (дар мазмуни васеи иҷтимоияш) гуфта, зарурати воқеии ҷавобгарии шахси барои вайрон кардани меъёрҳои дар ҷамъият муқарраргардидаро меноманд, ки дар татбиқ кардани оқибатҳои ногувор нисбати ӯ ифода меёбанд (сарзаниш, танбеҳ, ҷарима, аз озодӣ маҳрум намудан, ҳукми қатл ва м.и.)» [116, с. 241].

Аз таърифҳои зикргардида маълум мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ низ ҳама хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро доро буда, аз дигар намудҳои ҷавобгариҳои ҳуқуқӣ бо хусусиятҳои хоси худаш фарқ мекунад. Чунончи, В.И. Гойман-Червонюк дар ин маврид қайд мекунад ки: «... ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки ҳуқуқу озодиҳои субъекти ҷиноят тавассути ҷазо маҳрум ва ё маҳдуд мешавад. Вай барои гунаҳгор уҳдадории нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад, ки барои ин, пеш аз ҷиноят вуҷуд надошт, субъекти ҷиноят ҳатман бояд ҷазоро таҳаммул намояд» [35, с. 35]. Нуқтаи назари зикргардида баҳсталаб аст, зеро, аз он метавон чунин хулоса баровард, ки ҷавобгарӣ – таҳаммул намудани чораҳоест, ки аз тарафи суд нисбат ба субъекти ҷиноят таъйин мегарданд ва аммо ҷазои амалии содир намудани ҷиноят, сарзаниш ва оқибатҳои қарорҳои қабулнамудаи суд ҷузъи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб намеравад. Ба ин далел, ҳақ ба ҷониби С.Н. Братус аст, ки чунин изҳори назар менамояд: «Ҷавобгарӣ – ин алаккай иҷрои уҳдадорӣ бо роҳи маҷбуркунӣ мебошад. Уҳдадорӣ метавонад ҳам иҷро гардад ва ҳам

метавонад иҷро нагардад. Вале вақте ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаро мерасад, механизми маҷбуркунӣ фаъол мегардад, барои шахси уҳдадор дар баробари иҷроиши он интихоби дигар боқӣ намемонад. Дар чунин ҳолат, шахси уҳдадор наметавонад амал ва ё беамалиеро, ки ҷузъи муҳтавои уҳдадории амалишаванда аст, иҷро намояд» [51, с. 39].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳастанд олимоне, ки мафҳуми «ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ва «ҷазоро» ҳаммаъно меҳисобанд. Муҳаққиқоне, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо бо ҳам айният медонанд И.С. Самошенко, М.Х. Фарукшин мебошанд [25, с. 103]. Ба андешаи онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ истифодаи санксияи дар меъёри ҳуқуқ муқарраргардида мебошад. Чунин фаҳмиш ва дарки ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо инкишоф ва рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асри XIX мутобиқат дорад. Имрӯз қонуни ҷиноятӣ, зимни аз ҳам ҷудо шумурдани озод будан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, категорияҳои мазкурро ду категорияи аз ҳам фарқкунанда меҳисобад.

Вобаста ба назарияи ҷавобгарии мусбат ва манфӣ дар ҷавобгарии ҷиноятӣ андешаҳо вуҷуд доранд, ки аксаран ба ҳамдигар мухолифанд. Чунончи, бархе аз муаллифон ва донишмандон, вуҷуд доштани ҷавобгарии ҷиноятии позитивиро инкор менамоянд. Вале баръакси чунин муаллифону донишмандон, гурӯҳи дигари муҳаққиқон ба ин нуқта таъкид менамоянд, ки дар марҳалаи ибтидоӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар шакли падидаи позитивӣ зоҳир мегардад ва дар ин миён ҷавобгарии ҷиноятии ретроспективӣ, бояд ҳамчун яке аз шаклҳои ғайримуқаррарии амалишавии падидаи позитивӣ арзёбӣ гардад. Дар баробари ин, муаллифоне низ вуҷуд доранд, ки табиати ягонаи ҷавобгарии ҷиноятиро эътироф менамоянд. Ба назари онҳо, «... табиати ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам асоси позитивӣ (мусбат) ва ҳам унсури негативиро (манфиро) дарбар мегирад» [25, с. 103].

Ҷазо унсури асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳисоб мешавад. Ба ғайр аз ҷазо, ҷавобгарӣ, ҳамчунин унсурҳои дигаре, аз ҷумла, сарзаниши амали

шахси гунаҳгорро, ки дар мисоли содир гардидани ҳукми айбдоркунии эътибори қонунӣ гирифтаи суд зоҳир мегардад, дарбар мегирад. Ҳукме, ки аз номи давлат тавассути суд содир мешавад, амали содиршудаеро, ки ҷиноят номида мешавад ва ҳамчунин шахси содирнамудаи кирдори ҷиноятиро, ки ҷинояткор номида мешавад арзёбӣ мекунад. Ҳукми айбдоркунанда новобаста аз андоза ва намуди ҷазо, таъсири маънавию ахлоқии худро ба ҷинояткор мегузорад, дар чаҳорчӯбаи даъвои маданӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷавобгарии маъмурӣ, ба масъалаҳои вобаста ба ҷуброни зарари моддӣ таъсири тарбиявӣ, иттилоотонӣ ва пешгиринамоӣ мерасонад.

Қисми зиёде аз муаллифон, доштани доғи судиро, ҳамчун яке аз сифатҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ арзёбӣ менамоянд, зеро доғи судӣ, барои шахс оқибат ва натиҷаҳои ҳуқуқии нисбатан зиёдтар, аз ҷумла оқибатҳои ҳуқуқии вобаста ба маҳдудкунии ҳуқуқро ба миён меорад. Шахсони дорои доғи судӣ, аз ҳаққи кор дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва агар дар қарори суд масъалаи манъ кардани машғул шудан ба фаъолияти муайян ва ё ишғоли мансаби муайян бошад, нисбати шахси маҳкумшуда маҳрумиятҳои дигареро низ ба бор меорад. Ба онҳо иҷозатнома оид ба доштани силоҳи оташфишон дода намешавад, ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб гардиданро мумкин аст ба бор орад, доштани доғи судӣ, метавонад дар ҳолати содир намудани кирдорҳои муайян боиси эътирофи ретсидиви ҷиноят ва дигар гардад.

Нуқтаҳои назари бештар паҳншуда нисбат ба нишонаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаҳмиши он ҳамчун маҷбуркунии давлатӣ мебошад. Ин андешаро С.С. Алексеев, Р.Ш. Шарофзода, У.А. Азиззода, С.Н. Братус ва дигарон ҷонибдорӣ намудаанд. Ба андешаи У.А. Азиззода «... ҷавобгарӣ, асосан, татбиқи маҷбуркунии давлатӣ нисбат ба шахси гунаҳгор барои содир намудани ҳуқуқвайрокунӣ фаҳмида мешавад» [116,

с. 243]. С.С. Алексеев, «асоси ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳуқуқвайронкунии гунаҳгорона меҳисобад, ки дар натиҷа ба маҳдудкунии ҳуқуқҳои шахси кирдори зиддиҳуқуқӣ содир намудае, ки ба маҷбуркунии давлатӣ асос ёфтааст» меҳисобад [14, с. 184-189]. Олими дигари рус С.Н. Братус қайд мекунад, ки «... ҷавобгарии ҳуқуқӣ масъулияти иҷрои уҳдадориҳои муайян тавассути маҷбуркунии давлатӣ мебошад. Маҷбуркунии давлатӣ асоси ҷавобгарии ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Дар ҷое, ки маҷбуркунӣ набошад, он ҷо ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ буда наметавонад» [25, с. 85-86].

Чораҳои маҷбурсозии давлатӣ дар шакл ва намудҳои гуногун ва бо истифода аз роҳу воситаҳои хоси намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд. Чунончи, институте, ки дар амалӣ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ татбиқ мегарданд ва ба ҳайси яке аз чораҳои маҷбуркунии давлатӣ дониста мешаванд, ин чораҳои дорои хусусияти маҷбурии дорои хусусиятҳои тиббӣ дошта ба шумор меравад. Вале тарафдорони он, ки ин намуди чораи ҳуқуқӣ ҷазои ҷиноятӣ аст ё не андешаҳои гуногун миёни муҳаққиқон мавҷуд аст. Чунончи, қисме аз олимон ба ин бováранд, ки чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ ҷузъи чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд, зеро он «... хусусияти маҷбуркунии давлатист ва тибқи қарори суд барои содир намудани кирдори муайяни ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Ба ғайр аз ин он ҳамчун намуди чораи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардидааст» [104, с. 205]. Қисме аз муҳаққиқони дигар онро ҷазои ҷиноятӣ намеҳисобанд, зеро мақсади аслии онҳо «... на ҷазо додан, балки тарбият ва табобату муолиҷаи шахс мебошад» [18, с. 17]. Чунин чораҳо маъмулан дар нисбати шахсони номукаллафи дорои мушкилоти равонӣ ва ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки шароб ва маводи мухаддир истеъмол менамоянд, ба кор бурда мешаванд. Дар сурати татбиқи чунин чораҳо нисбат ба шахсони номукаллаф, ҳеҷ зарурате нест, ки дар хусуси доштани ҷавобгарии ҳуқуқӣ сухан гуфта шавад. Зеро шахси

ҳуқуқвайронкунанда, дар чунин вазъият қобилияти дарки хусусият ва мақсади ниҳоии чораҳои таъйиншавандаро надорад.

Вале дар қонунгузорӣ онро ҳам ҷазо эътироф мекунад ва ҳам чораи дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятиро ба ҳолатҳои содиркунии ҷиноят алоқаманд меҳисобад. Ба ҳамин тариқ, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро мумкин аст ҳамчун шакли ҳуқуқи ҷиноятии маҷбуркунии давлатӣ муайян кард, ки мазмуни он дар табобати маҷбурии шахсони номукаллаф ва дигар шахсоне, ки дар қ. 1 м. 97 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ифода мегардад [2]. Аз рӯи табиати ҳуқуқиашон чораҳои хусусияти тиббидошта ҷазо нест (аломати негативӣ), ё ин ки тасдиқ карда мешавад, ки аз рӯи табиати ҳуқуқиашон ин чораҳо, чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ба ҳисоб мераванд (аломати позитивӣ).

Новобаста аз шакл ва мазмуни чораи ҷавобгарӣ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ намудҳои маҷбурсозии давлатӣ ҷудо нагардидаанд. Вале дар назария ва амалияи соҳаҳои ҳуқуқ, ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиавӣ маҷбуркунии давлатӣ ба чораи асосии ҷазо ё ҷавобгарӣ ва чораҳои дигари маҷбуркунии ҳуқуқӣ тақсим карда шуданд. Чунончи, чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тиббӣ ва чораҳои маҷбуркунии тарбиявӣ, дар баробари ҷазо будан, ҳамчунин як шакли ба худ хоси татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Дар қонунгузорӣ, чораҳои мазкур, ҳамчун «чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ» муайян гардидаанд. Шартан татбиқ накардани ҷазо, мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то 8-сола доранд низ ба ин гурӯҳи чораҳои ҷавобгарӣ дохил мешаванд.

Аз рӯи далелу асосҳои истифода, чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятиро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: 1) чораҳое, ки онҳо дар ҳолати содир гардидани ҷиноят ба кор бурда мешаванд. Ба таври дигар, чораҳое, ки онҳо татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд; 2)

чораҳое, ки аз рӯи дигар асос ва далел ба кор бурда мешаванд ва онҳо робитае ба ҷавобгарии ҷиноятӣ надоранд.

Аз ҷумла, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ва чораҳои маҷбурии дорои таъсири тарбиявӣ метавонанд ба сифати яке аз шаклҳои амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-маъмурӣ шинохта шаванд. Асоси ба кор бурдани онҳо, содир гардидани кирдори дарбаргирандаи тамоми аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунӣ ба ҳисоб меравад. Чораҳои мазкур метавонанд нисбат ба шахсоне, ки аз рӯи дигар асосҳо ҷиноят содир менамоянд, яъне ноболиғоне, ки аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мебошанд ва ҳамчунин нисбат ба касоне, ки баъд аз содир намудани ҷиноят мушкили равонӣ пайдо намудаанду ба ин далел татбиқи ҷазо нисбат ба онҳо номумкин аст, амалӣ гардонида шаванд. Бинобар ин, мафҳуми «чораи дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ», дар муқоиса бо мафҳуми «татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ» як мафҳуми нисбатан васеътар ва умумӣ мебошад.

Ба назари бархе аз муаллифон, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври куллӣ як навъ муносибати ҳуқуқӣ мебошад, ки таркибан ба муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил мешаванд. Дар айни ҳол лаҳзаи оғози муносибатҳои ҷавобгарӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба лаҳзаи эълон гардидани ҳукми айбдоркунӣ аз ҷониби суд нисбат дода мешавад [149, с. 35]. Бар асоси нуқтаи назари дигар, лаҳзаи фарорасии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун давраи муносибати ҳуқуқӣ, аз лаҳзаи содир гардидани кирдори хавфнок аз ҷониби шахс, яъне содир намудани ҷиноят шуруъ мегардад. Аз як ҷиҳат лаҳзаи оғози муносибати ҳуқуқӣ маҳз аз ҳамин замон миёни шахси гунаҳгор ва давлат ҳамчун муносибати ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул меёбад. Аз ҷониби дигар дақиқан дар ҳамин замон мақомоти тафтишотӣ, судӣ ва дигар мақомоти татбиқи ҷазо вуҷуд доштани тамоми унсурҳои ҷиноятро ҳангоми содир намудани ҷиноят, ретсидиви ҷиноят ва дигар шароиту ҳолатҳои зарурӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

кашидани шахси гумонбар ва таъини ҷазои сазовор нисбат ба вайро муайян менамоянд, ва аз пайи татбиқи он мегарданд.

Нуқтаи назаре, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ мутобиқи он оғози муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз лаҳзаи содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ ба вуҷуд меоянд ва содиршавии кирдор факти ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад ва оғози муносибатҳои ҳуқуқӣ мегардад, мо низ дуруст арзёбӣ менамоем. Дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, хосатан ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбатан вазъият дигар аст. Чунки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар чаҳорчӯби муносибати ҳуқуқӣ татбиқ мегардад, вале бо он тафовут дорад. Зеро яке аз субъектҳои муносибати ҳуқуқӣ – ҷинояткор аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани муносибати ҳуқуқӣ аз сӯи давлат уҳдадор барои иҷрои ҷазо мегардад, вале ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавре, ки қаблан ишора шуд, на аз уҳдадорӣ, балки аз таҳмили амалии ҷазо ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид ҷавобгарии ҳуқуқӣ як қисми муносибати ҳуқуқиро ташкил медиҳад ва он аз замони эътибори қонунӣ гирифтани ҳукми айбдоркунӣ фаро мерасад. Муносибати ҳуқуқӣ он вақт хотима меёбад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дар он замон ба итмом мерасад. Яъне он пас аз бардоштани доғи судӣ, иҷрои ҷазо ва пурра амалӣ гаштани чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба поён мерасад.

Дар робита ба моҳияти муносибати ҷиноятӣ, дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ ду нуқтаи назари аслӣ вуҷуд дорад. Мувофиқи назари аввал муносибатҳои шаклгирифта дар миёни давлат ва ҷинояткор муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ эътироф мегарданд. Баъзе аз муаллифон ин муносибатро муносибатҳои муҳофизатии ҷиноятӣ меҳисобанд. Муҳтавои нуқтаи назари дуюм аз он иборат аст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ғайр аз доштани хусусияти муҳофизатӣ ҳамчунин нақши танзимкунандагиро низ иҷро менамоянд. Чунончи, М.П. Карпушин ва В.И. Курляндский ба нақши батанзимдарории муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таъкид менамоянд: «Меъёри ҳуқуқие, ки ҷанбаи маҷбуркунӣ

надошта бошад, меъёр нест ва он арзише надорад. Қувваи ҳуқуқии меъёр на фақат аз эътибори маънавию ахлоқии он, балки гоҳҳо аз эътибори аз ин ҳам баландтар – имкони ҷавобгарӣ барои риоя нашудани он иборат мебошад. Дар ғайри ин сурат, қисмати танзимкунандагии меъёр заъиф хоҳад буд ва мустаҳкаму қавӣ ба назар намерасад. Санксия ва ҷавобгарӣ, ба меъёр ҷанбаи ҳатмӣ будани онро медиҳад... Меъёри рафтор аз ин ҷиҳат натиҷабахшу самаранок мегардад, ки барои риоя накардани он ҷавобгарӣ муқаррар шудааст. Аз ин ҷиҳат, набояд чунин тасаввур шавад, ки фақат як қисми меъёр (ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муқарраршаванда) муносибатҳои иҷтимоиро танзим менамояд. Аммо як қисми меъёре, ки барои риоя накардани он ҷавобгарӣ пешбинӣ менамояд, муносибатҳои иҷтимоиро танзим намекунад. Ҳолати мазкур, хосси тамоми меъёр ва соҳаҳои ҳуқуқ мебошад» [50, с. 45].

Нуқтаи назари дигар дар робита ба табиати ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз он иборат аст, ки бар асоси он таъсиррасонии маҷбурии давлатӣ метавонад ҳамчун ҷавобгарии ҷиноятӣ баррасӣ шавад [51, с. 12]. Агар чунин бошад, бояд чораҳои мурофиавии ҷиноятие, ки ба маҷбуркунии давраи тафтишоти пешакӣ алоқаманданд, бояд ҳамчун унсури ҷавобгарии ҷиноятӣ шуморид. Бархе дигар аз муаллифон, пешниҳод менамоянд, ки ба сифати таъсиррасонии давлатии маҷбурӣ фақат ҷазои таъиншуда тавассути ҳукми суд ва ё дар муҳокима будан бидуни ҷазо ва доғи судӣ шуморида шавад [55, с. 36]. Дар воқеъ маҷбурсозии давлатӣ, ки дар асоси кирдори ҷиноятӣ ба вуҷуд меояд ва дар давраҳои гуногуни тафтишот, баррасии судӣ, таъин ва иҷрои ҷазо, назорати баъди адои ҷазо ва м.и. ба вуҷуд меоянд, аз доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ берун мебарояд. Дар ин маврид Л.В. Багрий-Шахматов қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун муносибати ҳуқуқӣ аз рӯйи ҷузъиётҳои зерин бояд баҳо дод: «... аз рӯйи хислатҳои хосси худ ҷавобгарии ҳуқуқӣ шакли маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки ба меъёри қонун асос ёфтааст

ва шахсро барои ҷавоб гуфтан барои ҳаракат ё беҳаракатии зиддиҳуқуқии худ дар назди давлат, мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахси мансабдори давлатӣ вазифадор мекунад; - аз рӯйи моҳият ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҷмуи муносибатҳои ҳукуқие мебошад, ки дар заминаи поймол шудани меъёрҳои ҳуқуқ ба вуҷуд омада, дар чораҳои маҷбуркунии давлатӣ ифода ёфтааст; - аз рӯйи мазмун ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобили субъектҳои ин муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд» [18, с. 243]. Ин хусусиятҳо хоси муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ низ мебошанд.

Ба андешаи С. Азимӣ, «Аз нигоҳи мафҳуму маънои маҳдуд, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аксуламали давлат нисбат ба содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин маъно, ҷавобгарии ҳуқуқӣ вазифа ва уҳдадории шахс барои таҳаммул намудани як навъ маҳрумияти дорои ҷанбаи маҷбуркунии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки он тавассути қонун ва меъёрҳои ҳуқуқӣ барои қонуншиканӣ ва ҳуқуқвайронкунии содиршуда пешбинӣ шудааст» [193, с. 107].

Ҳастанд муҳаққиқоне, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро (аз он ҷумла ҷавобгарии ҷиноятиро низ) ҳамчун масъулияти иҷтимоӣ мешуморанд. Ш.М. Исмоилов, Р.Ш. Шарофзода қайд менамоянд, ки: «Ҷавобгарии ҳуқуқӣ як намуди ҷавобгарии (масъулияти) иҷтимоӣ буда, аз ҷавобгарии (масъулияти) ахлоқӣ ва ғ. бо як қатор аломатҳояш фарқ мекунад» [49, с. 268]. Чунин нуқтаи назар аз асос ва далели назариявӣ бархӯрдор аст. Аз нигоҳи муҳаққиқи шӯравӣ С.Н. Братус талоши сохти мафҳуми умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои тамоми соҳаҳои ҳуқуқ дар сурате метавонад натиҷаи мусбат диҳад, ки агар ин категория ҷанбаи умумии ҷавобгарии ҳуқуқиро новобаста ба соҳаи муайяни ҳуқуқ ҳамчун вокуниш ё аксуламал ба ҳама намуди ҳуқуқвайронкунӣ инъикос намояд [133, с. 33]. Бо назардошти оне, ки ҳама намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ, интизомӣ, мурофиавӣ, конститутсионӣ, экологӣ,

молиявӣ ва ғ.) хислатҳои татбиқ намудани маҷбурсозии давлатӣ ва ё ҷамъиятӣ барои иҷрои уҳдадориҳои ба зиммадоштаи шахс, ки дар натиҷаи содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ ба вуҷуд меояд, маҳкум намудани ин рафтори ғайриқонунии шахс аз ҷониби давлат ва м.и. мебошад, бояд унсурҳои умумии ҷавобгарии ҳуқуқиро хоси ҳама соҳаҳои ҳуқуқ донист. Тавре ки Д.Н. Бахрах таъкид менамояд, ки хусусиятҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз инҳо иборат мебошанд: 1) воситаи ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, воситаи татбиқи қудрат ва ҳокимияти давлатӣ маҳсуб мешавад; 2) аз лиҳози меъёр муайян буда, аз истифодаи татбиқи санксияҳои меъёрҳои ҳуқуқ зоҳир мегардад; 3) натиҷаи амал ва рафтори зиддиқонунӣ барои ҷамъият зараровар мебошад; 4) бо маҷбурсозии давлатӣ ва маҳкумнамоии давлатӣ ва ҷамъиятӣ шахси ҳуқуқвайронкунанда ва кирдори содирнамудаи ӯ ҳамроҳ аст; 5) бо оқибатҳои барои шахси ҳуқуқвайронкунанда манфӣ алоқаманд аст (дорои хусусияти моддӣ ва ахлоқӣ) ки онро шахси гунаҳкор бояд таҳаммул; 6) дар шаклҳои мурофиавии дахлдор татбиқ мегардад [121, с. 98].

Таърифи шабеҳи ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятиро бо чораи маҷбурсозии давлатӣ алоқамандро, бо татбиқи оқибатҳои манфии барои шахси вайронкунандаи меъёрҳои ҳуқуқӣ алоқамандро И.А. Галаган [32, с. 39], О.С. Иоффе ва М.Д. Шаргородский [47, с. 314], Р.О. Халфина [99, с. 316] ва дигар муаллифон низ матраҳ месозанд. Аммо тавре ки дар боло ёддовар шудем, дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеаи демократӣ ва шаклгирии давлати ҳуқуқбунёд назарияи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар маҷмуъ, бархӯрди комилан дигарро нисбат ба мафҳуму мазмуни худ тақозо менамояд. Дар ин ҷо метавон бо андешаи З.А. Астемиров дар бораи он ки ҳеҷ кас аҳаммияти манфӣ (негативӣ)-и ҷанбаи ҷавобгарии ҳуқуқиро инкор намекунад, розӣ шуд. Вале дар баробари ин набояд дар

ин маврид танҳо ба мазмун ва муҳтавои зоҳиршавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба татбиқи чораҳои маҷбурӣ ва ретроспективӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунӣ бояд маҳдуд гардад [119, с. 62]. Ба ин хотир, В.А. Тархов «ҷавобгарии ҳуқуқиро ба мақоми ҳуқуқии шахсият ҳамчун унсури муҳимми он ворид месозад ва ҷавобгариро ҳамчун «тавон»-и шаҳрванд, муассиса, мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор дар бораи огоҳ будан аз анҷоми амали ғайриқонунӣ ва барои ин таҳаммул намудани чораи давлатии маҷбурӣ дар шакли маҳрум гардидан аз имконот ва озодиҳоро муайян менамояд» [211, с. 40].

Дар ҳамин радиф вобаста ба мавҷудияти ҷавобгарии мусбат ё перспективӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳсҳо зиёданд. Яке аз назариячиёни ҳуқуқ, муҳаққиқи машҳури мавзӯи ҷавобгарии ҳуқуқӣ О.Л. Лейст чунин қайд мекунад, ки: «... ҷавобгарии мусбат дар ҳуқуқи ҷиноятӣ буда наметавонад, чунки намуд ва ҳадди ҷазои ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ мутлақо муқаррар карда шудааст. Ҳангоми таъин ва татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ мумкин нест аз доираи он берун баромад. Яъне қонунгузорӣ, ки татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқиро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ танзим менамояд, ҷавобгариии мусбатро дар қонунгузории ин соҳа пешбинӣ накардааст» [61, с. 227].

Ҳамзамон махсусияти ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба функсияҳои иҷтимоии он таҳқиқ намудан мувофиқи мақсад мебошад. Агар функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз амалӣ намудани фишор ё маҷбурсозии давлатӣ-ҳуқуқӣ иборат бошад, он ба амалӣ гардидани мақсад ва ҳадафҳои он бурда мерасонад. Таъмин намудани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ҳадафи асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади ҷазои ҷиноятӣ низ барои расидан ба ҳамин ҳадафҳо нигаронида шудааст. Чунончи, З.Х. Зокирзода дар ин хусус дуруст қайд менамояд: «Зери мафҳуми мақсади ҷазо натиҷаи ниҳоии иҷтимоие дар назар дошта мешавад, ки тавассути он давлат

чораи маҷбурие ҳамчун ҷазои ҷиноятиро амалӣ мекунад» [43, с. 118]. Мақсадҳои ҷаовбгарии ҷиноятӣ низ аз таъмин намудани муназзамӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарбия ва ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, ташаккули муносибати боэҳтиромона нисбат ба қонун, ҷазо додан ва ё ба ҳолатҳои ногувори ҳуқуқӣ гирифтор намудани шахсони ҳуқуқвайронкунанда, барқар намудани муносибатҳои ҷамъиятии вайронгардида иборат мебошад. Дар ин радиф Н.И. Матузов таъйиноти ҷаримавии ҷавобгарии ҷиноятиро низ зам месозад [68, с. 598].

Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аз татбиқ ва истифодаи амалии санксияи меъёри ҳуқуқ иборат мебошад, ки дорои хусусиятҳои зерин мебошад: 1) ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои чораҳои маҷбурсозӣ ба ҳисоб меравад; 2) ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ кашида шудани шахс боиси маҳкумгардӣ аз ҷониби давлат ва ҷамъият мегардад; 3) дар натиҷаи татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ шахси гунаҳгор бо оқибатҳои ногувор рӯ ба рӯ мешавад; 4) иҷро намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ин уҳдадории шахси ҳуқуқвайронкунанда барои таҳаммул намудани оқибатҳои манфии дорои ҷанбаҳои мухталиф тавассути қонун муайянгардида мебошад; 6) чун дигар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ асосу далели ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятиро ҳуқуқвайронкунӣ ташкил медиҳад, ки унсури ҷудонопазири он гуноҳ эътироф мегардад; 7) доираи кирдорҳое, ки нисбати онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ мегарданд дар қонунгузорӣ мутлақо муайян гардидаанд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши масъалаи мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Тамоми ҷанбаҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамеша бо талаботи кори амалӣ алоқаманд мебошанд. Аз сӯи дигар, вазифаи таҳқиқоти назариявӣ аз он иборат аст,

ки талаботи мазкурро пеш аз ҳама дар масъалаҳои вобаста ба такмили қонунгузорӣ ва истифодаи ҳуқуқ қонеъ гардонад. Масъалаҳои назариявӣ доир ба дарки ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба он алоқаманд мебошанд, ки то имрӯз фаҳмиши умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ, равишҳои мухталифи қонунгузорӣ барои муайян намудани мафҳум, моҳият, мақсад ва шаклҳои амалишавии ҷавобгари ҳуқуқӣ ба гузаронидани таҳқиқотҳои илмиро тақозо менамояд.

2. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бархе аз муаллифон ва донишмандон, вуҷуд доштани ҷавобгарии ҷиноятии позитивиро инкор менамоянд. Вале баръакси чунин муаллифону донишмандон, гурӯҳи дигари муҳаққиқон ба ин нуқта таъкид менамоянд, ки дар марҳалаи ибтидоӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар шакли падидаи позитивӣ зоҳир мегардад ва дар ин миён ҷавобгарии ҷиноятии ретроспективӣ, бояд ҳамчун яке аз шаклҳои ғайримуқаррарии амалишавии падидаи позитивӣ арзёбӣ гардад. Дар баробари ин, муаллифоне низ вуҷуд доранд, ки табиати ягонаи ҷавобгарии ҷиноятиро эътироф менамоянд. Ба назари онҳо, табиати ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам асоси позитивӣ (мусбат) ва ҳам унсури негативиро (манфиро) дар бар мегирад.

3. Дар робита ба моҳияти муносиботи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ ду нуқтаи назари аслӣ вуҷуд дорад. Мувофиқи назари аввал муносибатҳои шаклгирифта дар миёни давлат ва ҷинояткор муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ эътироф мегарданд. Баъзе аз муаллифон ин муносибатро муносибаҳои муҳофизатии ҳуқуқи ҷиноятӣ мешуморанд. Муҳтавои нуқтаи назари дуюм аз он иборат аст, ки муносибатҳои ҷиноятӣ ғайр аз доштани хусусияти муҳофизатӣ ҳамчунин нақши танзимкунандагиро низ иҷро менамоянд.

## 2.2. Принсипҳои умумӣ-хуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ

Институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол менамояд, зеро низоми муносибатҳо дар ҷомеа ва давлат, дар занҷираи умумии ҳуқуқӣ ҳалқаи муҳим арзёбӣ мегардад. Татбиқ ва амалисозии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҷараёни фаъолиятҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ яке аз шартҳои зарурии таъмини ҳуқуқу озодиҳои шахс ва шаҳрванд, дуруст ва самаранок ба амал баровардани адолати судӣ, татбиқи қонуният ва таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва умуман дуруст ва ҳаматарафа таъмин намудани адолати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз татбиқи дурусти принсипҳои ҳуқуқӣ, ки қисмате аз онҳоро принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ташкил менамоянд, асосу заминаи эъмори давлати ҳуқуқбунёдро фароҳам меоварад.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста доир ба риоя ва таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ ва масъулияти баланди иҷтимоии шаҳрвандон, алалхусус шахсони мансабдор таъкид мекунанд. Дар Паёми навбатии худ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз санаи 20-уми апрели соли 2012 таъкид мешавад: «Ташаккул ва такомули ҳақиқии инсон, раванди пайгир ва огоҳонаи рушди маънавӣ ва ахлоқии ӯ дар робита ба такмили мазмуни инсонгароии низоми иҷтимоист... Бинобар ин, зарур аст, ки дар зеҳну шуури афроди ҷомеа сатҳи мувофиқ ва муассири масъулияти иҷтимоӣ тарбия карда шавад, то ҳар фард дар назди Ватан ва сарнавишти он, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ масъулияти хоса эҳсос намуда, барои иҷрои қарзи фарзандии худ ҳамеша омода бошад» [215]. Дар ҳамин маврид баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, хосатан фарҳанги ҳуқуқии касбӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад. Дар ин асос метавон таъкид намуд, ки масъала таъмини принсипҳои ҳуқуқӣ дар кору

фаъолияти субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ, бахусус кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ва таҳкими давлати ҳуқуқбунёд ниҳоят зарур мебошанд.

Масъалаҳои назариявии мафҳум, моҳият, хусусиятҳо, намудҳои принсипҳои ҳуқуқӣ дар умум ва принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар алоҳидагӣ масъалаи мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Дар низоми ҳуқуқи романиву олмонӣ, ки Тоҷикистон ба ин оилаи ҳуқуқӣ шомил аст принсипҳои ҳуқуқ асоси ҳалли кор бо истифодаи қиёси ҳуқуқ мебошанд. Ин меъёр ва талабот дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардида, барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии соҳавӣ хидмат менамоянд. Чунончи, дар моддаҳои 3-10 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои принсипҳои умумии ҳуқуқ ҳамчун принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудаанд. Ин принсипҳо ҳангоми татбиқ намудани нишондодҳои қонуни мазкур ҳатман ба инобат гирифта мешаванд [2]. Ин принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондӯстӣ ва демократизм мебошанд. Ин принсипҳо асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ва заминаи татбиқи меъёрҳои қонуни ҷиноятиро ташкил медиҳанд.

Принсипҳои мазкур инъикоси принсипҳои конститутсионӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ мебошанд. Принсипҳои умумии ҳуқуқ, аз қабили қонуният, низоми мартаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, имконпазирии қувваи бозгашти қонунҳои муқарраркунандаи ҷазои вазнинтар ва дигар дар Конститутсия муқаррар карда шудаанд. Чунончи, дар м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, принсипи табиати фитрӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон мустаҳкам гардидааст [1]. Ё ин ки, дар қ.2 м. 14 муқаррар карда шудааст, ки мазмуни қонунҳоро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Ҳангоми қабул намудани қонунҳо, татбиқ

кардани онҳо, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳама зина ва самтҳо бояд мувофиқ ба талаботҳои принсипи мазкур бошанд. Яъне ҳуқуқу озодиҳои инсон мазмуни татбиқи қонунҳоро бояд ташкил диҳад. Дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон мазмуни асосии фаъолияти онҳоро ташкил намояд. Ҳукуку озодиҳои инсон заминаи ҳалли кор, аз ҷумла ҳалли судии парвандаҳои ҳуқуқиро бояд ташкил диҳанд.

Принсипи дигари конститутсионӣ, ки дар татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҳангоми татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ низ бояд ба инобат гирифта шаванд, ин нишондоди қ. 2. м. 10 Конститутсия мебошад, ки дар он принсипи қонуният пешниҳод шудааст. Принсипи конститутсионии қонуният заминаи ифодаи қонуният дар соҳаҳои дигари ҳуқуқи кишвар, аз он ҷумла, ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва намудҳои алоҳидаи фаъолияти давлатиро (судӣ, прокурорӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва диг.) ташкил медиҳад.

Принсипҳои ҳуқуқӣ асос ва заминаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, дар рафти коркард ва қабул намудани қонунҳо, такмил додани онҳо самаранок истифода бурда мешаванд. Чунончи, принсипҳои асосии фаъолияти қонунгузориро принсипҳои мутобиқат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонуният, ошкорбаёнӣ, касбият, илмият ва диг. ташкил медиҳанд, ки ҳангоми коркард ва қабул намудани қонунгузории ҷиноятӣ низ истифода гардидаанд. Ин принсипҳо ба амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин самт, яъне ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷазо низ таъсир мерасонанд. Зеро агар дар рафти қабули қонуни ҷиноятӣ принсипҳои болозикр риоя гардида бошанд, ҳангоми дар амал татбиқ намудани онҳо ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ онҳо ба адолатнокии онҳо ва қонунӣ буданашон таъсир мерасонанд.

Як қатор принсипҳои умумии ҳуқуқ, ба монанди, принсипи қонуният, адолат, инсондӯстӣ, ошкорбаёнӣ, демократизм, эътироф ва риояи эътиборнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва м.и. ба ҳама соҳаҳои ҳуқуқ таълуқ дошта, ҳангоми ба танзим даровардани муносибатҳои соҳавӣ-ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд. Чунончи, дар ба амал баровардани мурофиаи судии ҷиноятӣ ва маданӣ истифодаи принсипи адолат асоси татбиқи адолати судиро ташкил медиҳад. Аслан ҳангоми истифодаи қиёси ҳуқуқ суд талаботи адолат, хирад ва поквиҷдониро истифода мебарад.

Аз муқаррароти қонунгузорӣ ва назарияи илми ҳуқуқшиносӣ маълум мегардад, ки маънои истилоҳи «принсип» ҳамчун «ҳолати асосӣ ва ибтидоии ҳар гуна назария, таълимот, илм ва ғ.» муайян гардидааст [71, с. 24]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода, «принсипи ҳуқуқ гуфта ақидаҳо, арзишҳо, асосҳои пешабарандаи ҳуқуқро меноманд, ки фарогири ақидаҳои баробарӣ, озодӣ ва адолат мебошад, ки дар ниҳоят моҳияти ҳуқуқро инъикос менамояд» [42, с. 15]. Мафҳуми фалсафии принсип аз нигоҳи «маънои субъекивӣ нуктаи асосӣ, замина ва пешшарт мебошад; аз нигоҳи объективӣ он маънои мабдаъ, шуруъ, нахустин ва асли асосро мефаҳмонад» [97, с. 143].

Яъне принсипҳои умумии ҳуқуқ ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррароти асосӣ, асоси роҳбарикунанда ва арзишҳоеанд, ки ҳангоми татбиқ намудани ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд. Ин муқаррарот асосҳои тамоми меъёрҳои қонунгузорӣ буда, мазмуни ҳам ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам институтҳои алоҳидаи он, алалхусус ҷазои ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятиро муайян мекунанд. Вазифаҳои муҳофизатӣ ва пешгирикунандаи қонунгузории ҷиноятӣ танҳо дар сурати риояи қатъии ин принсипҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд [70, с. 104-127]. Принсип як вазъияти бунёдист, ки набояд аз он канорагирӣ кард, баръакс бояд дар амал риоя шавад.

Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асоси фаъолияти ҳам қонунгузорӣ ва ҳам мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноят ташкил медиҳанд. Қобили зикр аст, ки принсип ҳамчун ғояи асосӣ, замина, асоси роҳбарикунандаи ягон хел назария, таълимот, илм, ҷаҳонбинӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо бармеояд, ки принсипҳои ҳуқуқ, аз он ҷумла принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ғояҳои асосии роҳбарикунанда, ҳолатҳои бунёдие мебошанд, ки дар конунгузории ҷиноятӣ ифода гардида, мазмун ва самти ҳуқуқи ҷиноятиро муайян менамоянд. Ин андешаро С.А. Шоткинов ҷонибдорӣ намуда қайд мекунад, ки: «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ин низоми ғояҳои роҳбарикунандаи таърихан муқарраршуда мебошанд, ки моҳияти мусбати маънавӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доранд ва аз ҷониби аксарияти субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода карда мешаванд» [189, с. 46]. Н.А. Лопашенко иброз доштааст, ки «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ғояҳои роҳбарикунанда, сиёсӣ ва ахлоқии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, ки аз табиати ҷомеа бармеоянд ва моҳияти қонуни ҷиноятиро ҳамчун танзимгари мушаххаси як гурӯҳи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода намуда, ба татбиқи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ ва иқтисодии шаҳрванд, озодиҳои хусусӣ молумулкии онҳо равона шудаанд» [64, с. 28].

Дар адабиёти ватанӣ низ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун «... ғояҳои роҳбарикунандае шарҳ дода шудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ифода гардида, мазмуни ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври куллӣ ва дар самтҳои алоҳидаи он муайян месозанд [78, с. 31]. Низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ моҳияти консепсияи ғоявии ҳуқуқи ҷиноятии муосирро таҷассум мекунад. Вай ба анъанаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятии мамлакат, ба таҷрибаи пешқадами қонунгузории ҷиноятии ҷаҳон такя менамояд. Андешаҳои сершумори илмӣ-назариявӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар шакли асосҳои роҳбарикунанда, ки ба

қонуният, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкорӣ, адолат, башардӯстӣ, демократизм муқаррар намудаанд [172, с. 195]. Яъне принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ талаботи асосӣ, ҳатмӣ ва муқарраршудае мебошанд, ки дар қонуни ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбати фаъолияти қонунгузорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва рафтори шаҳрвандон ифода ёфта, муқаррароте мебошанд, ки мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро муайян намуда, онҳоро дар як низоми ягона муттаҳид мекунанд. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми ягона вуҷуд надорад.

Ҳамзамон В.Д. Филимонов доир ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии принсипҳои умумии ҳуқуқ ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд мекунад, ки: «... принсипи ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки ифодакунандаи мазмун ва роҳу воситаҳои амалинамоии дақиқи мазмуни онҳо мебошанд». Хусусиятҳое, ки усули татбиқи принсипи қонуни ҷиноятиро муқаррар мекунанд чунин мебошанд: «1) принсипи ҳуқуқӣ асосҳои заминавии қонуни ҷиноятӣ мебошад, ки мазмуни меъёрҳои ҳуқуқ дар асоси онҳо ташаккул меёбад; 2) ин талаботи меъёрӣ ва заминавиест, ки барои қонунгузор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандон дар соҳаи мубориза бар зидди ҷиноят ҳатмист; 3) ин муқаррароте мебошад, ки асосҳо ва хусусиятҳои қонуни ҷиноятиро фаро мегиранд ва ташаккули минбаъдаи меъёрҳои ҳуқуқиро дар ҳамин асос талаб менамоянд; 4) принсипи ҳуқуқи ҷиноятӣ муқарраротест, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ифодаи расмӣ-ҳуқуқӣ пайдо кардааст» [96, с. 28-32]. Таҳти мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои ибтидоӣ, ғояҳои роҳбарикунандае фаҳмида мешавад, ки дар асоси онҳо мазмун ва самти ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар гардида, онҳо ҳамчун мукарррароти меъёрӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам карда мешаванд. Дар сурати муқаррар гардидани онҳо ҳамчун меъёри қонунгузорӣ онҳо

барои мақомоти қонунгузор, ҳуқуқтатбиқкунанда ва шаҳрвандон дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва амалисозии адолати судӣ хусусияти ҳатмиро касб менамоянд.

Дар таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ғояҳо ва асосҳои роҳбарикунанда дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам карда шудаанд. Онҳо дар рафти амалӣ намудани нишондодҳои қонуни ҷиноятӣ ва институтҳои алоҳидаи он (ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ, озод намудан аз ҷаввобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ) истифода бурда мешаванд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ моҳияти консепсияи ғоявии ҳуқуқи ҷиноятии муосирро таҷассум мекунанд. Онҳо ба анъанаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятии мамлакат, ба таҷрибаи пешқадами қонунгузории ҷиноятии ҷаҳон такя мекунанд [187, с. 299]. Ба андешаи мо, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун дастури универсалӣ ё бунёдии собитшудаи меъёрию ҳуқуқӣ, қоида, асос (оғоз, талабот, императив, идеяи асосии умумиҳатмӣ) муайянкунандаи самти умумии танзими ҳуқуқӣ ва таъмини сифати қонунгузорӣ ва самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ бошанд. Дар асоси он давлат (мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишот, прокуратура, суд, мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мақомоти назоратӣ ва дигар) меъёрҳои асосии татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва самтҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятиро дар муайян мекунад.

Аммияти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он аст, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ онҳоро мақомоти судӣ, тафтишотӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба роҳбарӣ мегиранд. Чунунчи, принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкорӣ судро вазифадор мекунад, ки гунаҳгории судшаванда ва шакли онро (қасд ё беэҳтиётӣ) муқаррар ва исбот намояд. Принсипи инсондӯстӣ аз суд талаб мекунад, ки ҳангоми баровардани ҳукм аввал имконияти татбиқи шакли нисбатан сабуки ҷазоро, ки дар санксияҳо меъёри муайяни қисми махсус пешбинӣ

шудааст, баррасӣ намуда, танҳо баъдан ба шакли нисбатан сахттари ҷазо гузарад. Шаҳрвандон ҳангоми ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бояд принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро низ ба ҳисоб гиранд. Аз нигоҳи мо, принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро метавон ҳамчун ғояҳои асосӣ, ибтидо, самтҳои мушаххас ба ҳисоб гирифт, ки ҳангоми ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб намудани ашхоси қонуншикан онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд.

Барои ба таври кофӣ пурра фаҳмидани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, бояд хусусиятҳои асосиеро, ки аз таърифҳои аллакай таҳлилшуда ва дигар сарчашмаҳо муайян карда мешаванд, нишон дод. Хусусиятҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд, инҳоянд:

1) онҳо асоси ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил менамоянд (дар асоси онҳо мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул меёбад);

2) ин принсипҳо ба сифати талаботи ҳатмӣ дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудаанд (ҳамчун меъёри императивӣ барои қонунгузор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шаҳрвандон);

3) принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ хусусияти устувор доранд (бо ёрии арзишҳои дар ҷомеа муқарраршуда таҳия шудаанд);

4) дар меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ифода ёфтаанд (дар м.м. 3-10 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) онҳо хусусияти устуворӣ доранд (хеле кам тағйир меёбанд);

6) дар байни принсипҳои ҳуқуқӣ иерархия муқаррар нагардидааст (принсипҳо арзиши баробар доранд);

7) принсипҳо дар таълимоти илмию ҳуқуқии ҳуқуқи ҷиноятӣ муттаҳид гардидаанд (эътибори баланди илмӣ доранд);

8) ин принсипҳо қувваи олии ҳуқуқӣ доранд (нисбат ба меъёрҳои муқаррарии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҳолати ихтилоф бартарияти ба принсипҳои ҳуқуқӣ дода мешавад);

9) хусусияти низомнокӣ доранд;

10) самаранокии татбиқи қонуни ҷиноятиро таъмин менамоянд (барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян ва ҳарчи зудтар ва самаранок анҷом додани вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ кӯмак мерасониданд).

Бояд гуфт, ки дар асоси таҳлили фалсафию ҳуқуқӣ, инчунин, фикру мулоҳизаҳои мухталифе, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба моҳияти принсипҳои ҳуқуқ баён шудаанд, табиати ҳуқуқии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро чунин муқаррар намудан мумкин аст:

Аввал ин ки, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррарот, идеяҳо, асосҳои бунёдие мебошанд, ки мувофиқи онҳо қонунгузории ҷиноятӣ ташаккул меёбад, вобаста ба воқеияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқсозӣ инкишоф меёбад, вобаста ба тартиби хоси амалияи ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд;

Баъдан, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ муайянкунии иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва криминологии мавҷудияти меъёрҳои муайяни қонунгузории ҷиноятиро ифода мекунанд. Онҳо талаботи ягонаро нисбати ҳамаи институтҳо ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар менамояд. Дар асоси онҳо ягонагии фаъолияти қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ таъмин карда мешаванд.

Дар баробари ин нисбати моҳият ва мазмуни таркибии принсипҳои ҳуқуқӣ низ талаботҳои меъёрӣ ва муқаррароти техникаи ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳои гуногун дар робита ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва бархӯрди гуноугун нисбат ба тавсифи мазмун ва номгӯйи принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Чунончи, А.Ф. Черданцев ёдовар мешавад, ки «... принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷиноятӣ ғояҳои бунёдие мебошанд, ки онҳо бояд ҳангоми ба зиммаи кас гузоштани ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ риоя карда шаванд» [102, с. 138]. Яъне, онҳо бояд ифодакунандаи қонуният, баробар будан дар назди қонун, мувофиқи

мақсад ва салоҳ будан, адолат, роҳ надодан ба истифодаи ҷавобгарии дубора, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазои ҷиноятӣ бошанд. Бо гуфтаҳои боло монанд профессор Р.Ш. Шарофзода низ, қайд менамояд, ки: «... ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба принсипҳои қонуният, асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, адолат, инсондӯстӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ такя дорад» [83, с. 690]. Ин андешаро М.Н. Марченко низ дастгирӣ намуда, ба принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дохил мегарданд: «қонунӣ будан, асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муносиб будан ва роҳ надодан ба ҷавобгарии дубора барои як ҳуқуқвайронкунӣ ва қонуншиканӣ»-ро низ илова менамояд [66, с. 120].

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки принсипҳои умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва принсипҳои ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ асосҳои ибтидоӣ, тақозову талабот, мафҳум ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқи баён месозанд. Чунончи, қонуният, асоснокӣ, доштани салоҳияти ҳуқуқӣ, ногузирӣ, саривақтӣ будан, роҳ надодан ба ҷавобгарии дубора барои содир намудани як қонуншиканӣ ва адолатро қисми ҷудонопазири принсипҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар миёни принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ Н.И. Матузов принсипи фарзияи бегуноҳиро асосӣ дар таъин ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ меҳисобад [68, с. 175]. Қисми дигари олимон бар он ақидаанд, ки принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин қонунмандиҳои дохилии мавҷудият ва инкишофи ниҳоди ҳуқуқии таъйиншуда мебошанд, ки мазмуну муҳтаво ва мақсадҳои онҳоро баён месозанд. Бояд гуфт, ки ҳар як принсипи татбиқшавандаи умумиҳуқуқӣ ва ё принсипи ҳуқуқи ҷиноятӣ маъною мазмун ва моҳияти иҷтимоии худро дорад. Новобаста аз муҳиммияти меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳар як принсип бояд дар мавридҳои хоси худ ҳамчун асоси роҳбарикунанда истифода карда шавад. Дар як маврид мумкин аст, ки якчанд принсипи ҳуқуқӣ ҳамчун муқаррарот ва асос барои

ҳуқуқтатбиқсозӣ истифода бурда шаванд. Дар таъин ва амалисозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ё татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ҳам принсипи қонуният, адолат, инсондӯстӣ, ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ, эҳтимолияти бегуноҳӣ ва дигар мумкин аст истифода бурда шавад. Ин ҳолат ба амалишавии вазифаҳои иҷтимоии қонуни ҷиноятӣ, ки аз огоҳонӣ, пешгирӣ, сазодиҳӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ ва ғ. иборат мебошанд, алоқаманд аст. Барои расидан ба мақсадҳои зикргардида, амалишавии функсияҳои ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ риоя ва ба роҳбарӣ гирифтани принсипҳои умумии ҳуқуқӣ ва принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ зарур аст. Принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар пайвастагӣ ва алоқамандӣ амал менамоянд. Субъекти татбиқи ҳуқуқ бояд дар ҳолат ва мавриди зарурӣ ба принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ рӯ оварда муносибатҳои ҳуқуқиро ба амал барорад. Амали ҳар як принсипи дар низом мавҷудбуда аз пуррагӣ ва эътимоднокии принсипҳои дигар вобаста аст.

Принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки дар илми ҳуқуқӣ ҷиноятӣ ба роҳ монда шудааст, фарогири асосҳои гуногун мебошад. Аз ҷумла, С.Е. Владимир, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро вобаста ба асоси қонунӣ ҷудо мекунанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам карда шудаанд. Ӯ принсипҳоеро, ки дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия ҳамчун принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷазои ҷиноятӣ муқаррар намудааст ба ин низом дохил менамояд. Дар баробари ин, таъкид менамояд, ки аз доираи он берун баромадан оқибатҳои хуби иҷтимоиро ба бор намеорад [84, с. 38]. Ин андешаро С.Г. Келина ва В.Н. Кудрявтсев, «дастгирӣ намуда, танҳо принсипҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии қонуният, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, принсипи ҷавобгарии шахсӣ, принсипи гунаҳкорӣ, ногузирии ҷавобгарӣ, адолат инсондӯстӣ ва демократизмро номбар намудааст, ки дар қонуни ҷиноятӣ ба ин сифат мустаҳкам гардидаанд» [187, с. 301].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ ва доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) сиёсати ҷиноятӣ (ногузирии ҷазо, адолат, инсондӯстӣ, гуноҳ ва ғ.);

2) таъсири ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ (ин асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, аломатҳои ҷиноят, таркиби ҷиноят ва ғайра мебошад);

3) амали қонуни ҷиноятӣ дар фазо ва замон (шаҳрвандӣ, ҳудудӣ, умумӣ ва ғ.);

4) таъин ва адои ҷазо вобаста ба категорияи ҷинояти содиршуда, шахсияти ҷинояткор, принсипҳои умумии таъини ҷазо ва ғайра.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таснифоти дигари принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гузаронида шудааст, ки ба соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқамандӣ дорад. Аввалан принсипҳои умумии ҳуқуқӣ, ки ба онҳо қонуният, баробарӣ, инсондӯстӣ ва адолатро шомил месозанд. Дуюм, принсипҳои байнисоҳавианд, ки ба таъсири субъективӣ ва гунаҳкорӣ алоқамананд. Сеюм, принсипҳои соҳавӣ хусусияти софи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ доранд. Принсипҳои мазкур ба сарфаи таъсири чораҳои ҷиноятӣ, ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти содиршуда ва ҳолатҳои дигари ба таъини ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо барои кирдори содиршуда алоқаманд мебошанд [92, с. 343]. Принсипҳои умумии ҳуқуқӣ принсипҳое мебошанд, ки ба ҳама соҳаҳои ҳуқуқ дар маҷмуъ хосанд. Принсипҳои байнисоҳавӣ - инҳо принсипҳои ҳуқуқ мебошанд, ки ба якчанд соҳаҳои ҳуқуқ дахл доранд ё ҳангоми танзими муносибатҳои ҳуқуқии чандин соҳаҳои ҳуқуқӣ мумкин аст истифода бурда шаванд. Принсипҳои соҳавӣ он принсипҳои ҳуқуқ мебошанд, ки танҳо ба як соҳаи муайяни ҳуқуқ марбут мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо ҳам зич алоқаманд буда, ҳамчун як низоми ягона амал мекунанд ва ҳангоми танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба сифати асосҳои

роҳбарикунанда ба асос гирифта мешаванд. Мазмуни хоси принсипҳо ва номгӯйи онҳо чӣ дар назарияи умумии ҳуқуқ ва чӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ якхела фаҳмида мешавад. Чун қоида, онҳо ба умумӣ (ба маҷмуи низоми ҳуқуқӣ хос буда, мазмуни хоси худро дар як соҳаи муайян пайдо мекунанд) ва махсус (соҳаи мушаххас) ҷудо мешаванд, ки хусусиятҳои сифатии танзими ҳуқуқии як соҳаи ҳуқукро ошкор мекунанд. Аммо дар вақтҳои охир дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаҳои назари гуногун пайдо шуда, зарурати муайян намудани принсипҳои махсуси (соҳавии) ҳуқуқи ҷиноятиро инкор мекунанд [76, с. 87].

Дар қонунгузорӣ мафҳуми бевоситаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ нагардида, балки намудҳои принсипҳо дар доираи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун меъёри алоҳидаи қонун мустаҳкам гардидаанд [187, с. 298]. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки «Қонуни ҷиноятӣ ба принсипҳои қонуният, баробарӣ дар назди қонун, ногузир будани ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ, гунаҳгорӣ, адолат, инсондустӣ ва демократизм асос меёбад» [2].

Лозим ба ёдоварист, ки на дар ҳама қонунгузориҳои ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ принсипҳои қонуни ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятиро дар доираи меъёрҳои махсусу алоҳидаи қонунии ҷиноятӣ муқаррар намудаанд. Фақат ин муқаррарот дар қонунгузории баъзе кишварҳои пасошуравӣ (Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва диг.) истифода гардидааст, ки аз ҷониби муҳаққиқони ҳуқуқшинос ҳамчун таҷрибаи хуб арзёбӣ мегардад. Ин таҷриба барои татбиқи дурусти қонунгузорӣ низ дар фаъолияти амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусбат дониста мешавад. Дар баробари меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, нақши принсипҳо низ хеле калон арзёбӣ мегардад. Вазифаҳои дар назди қонуни ҷиноятӣ гузошта шуда, тавасути дар амал дуруст татбиқшавии қонунгузории ҷиноятӣ аз ҳисоби риоя намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба даст меоянд. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ин талаботҳо оид

ба фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ мебошанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ифода ёфта, мазмуни тамоми маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқиро муайян намуда, онҳоро ба як низоми ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муттаҳид месозад.

Ҳамчун қоида меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсуси Кодекси ҷиноятӣ набояд ба принсипҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ мухолифат кунанд. Дар сурати номувофиқ будани муқаррароти меъёри қонуни ҷиноятӣ ба принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ, ки ҳамчун асосҳои роҳбарикунанда пешбинӣ карда шудаанд, ба муқаррарот ва талаботи принсипҳои ҳуқуқӣ бартарӣ дода мешавад.

Яке аз принсипҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ, ки хусусияти умумии ҳуқуқӣ дошта, дар соҳаҳои дигари ҳуқуқ низ истифода бурда мешавад, ин принсипи қонуният мебошад. Принсипи қонуният, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки ҳангоми таъин ва татбиқ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, зарур аст, ки ба таври дақиқ асосҳои он муайян гардида, ҳамчунин, муқаррароти дақиқи ба танзим даровардашудаи ҳуқуқӣ мувофиқи талаботҳои қонунгузорӣ мушаххас кунонида шавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «принсипи қонуният маънои онро дорад, ки ҷавобгарии ҳуқуқиро танҳо мақомоти босалоҳият бо тартиби муқарраршуда татбиқ мекунад» [49, с. 269]. Қонуният ҳамчун принсипи умумии ҳуқуқ ва принсипи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, муносибати ҷомеаро ба қонун дар маҷмуъ ифода намуда, ҳолати ҳуқуқии тамоми низоми муносибатҳои ҳуқуқии дар ҷомеа ба вуҷуд омадаро тавсиф мекунад. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки онро баъзан ҳамчун «ғояи марказии назарияи ҳуқуқ», ҳамчун «муҳимтарин падидаи ҳуқуқӣ, ки моҳияти ҳуқуқро дар давлати муосир бевосита ифода мекунад» таъриф мекунанд [41, с. 8]. Принсипи қонуният моҳият ва мазмуни умумиҳуқуқӣ ва ҳам ҳуқуқи ҷиноятӣ дорад. Ба сифати умумиҳуқуқӣ он аз меъёрҳои дар м.м. 10, 19, 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфта, пеш

аз ҳама, аз қ. 2 м. 10 сарчашма мегирад [1], ки иҷроиши қатъии меъёрҳои қонунгузориро аз ҷониби тамоми субъектони ҳуқуқ талаб менамояд.

Истилоҳи «қонуният» аксар вақт дар ду ҷиҳат, ба маънои васеъ ва маҳдуд баррасӣ мешавад. Дар аввал, қонуният ҳамчун рафтори аҳолӣ фаҳмида мешавад, ки аз талаботи давлат оид ба риояи бечунучарои қонунҳо (ва санадҳои зерқонунӣ) аз ҷониби давлат, аз ҷониби тамоми шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва ташкилотҳо баровардашуда иборат аст (фаҳмиши васеи қонуният). Қонуният ба маънои маҳдуд ҳамчун риояи қонунҳо аз ҷониби худи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо муайян карда мешавад, ки аксар вақт ҳамчун ҷузъи муҳимтарини қонуният, унсури асосии мазмуни он муайян карда мешавад. Дар ин маврид қонуният ҳамчун зиддияти суиистифода аз қудрат ва субъективизм ҳангоми татбиқи ҳокимият, инчунин вазифаҳои тафтишотӣ ё судӣ баромад мекунад. Дар ин ҳолат фаъолияти шаҳрвандон мазмуни на реҷаи қонуният, балки реҷаи иҷтимоиро ташкил медиҳад, ки доираи тартиботи ҳуқуқиро таҷассум мекунад. Бо чунин равиш ё мазмун тамоми субъектҳои ҳуқуқ субъекти қонуният эътироф мешаванд. Қонуният воқеан ҳам бо мафҳуми рафтори қонунӣ муайян карда шуда, дар натиҷа маънои дурусти ин мафҳум гум мешавад [130, с. 213]. Фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти таъмини волоияти қонун аз фаъолияти шаҳрвандоне, ки на уҳдадории қабул кардан, балки риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро аз замони татбиқи ҳуқуқҳо ва иҷрои уҳдадориҳои қонунӣ ба зима доранд, фарқ мекунад.

Асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро далели воқеӣ, яъне қонуншикании мушаххасе, ки маҷмуи аломатҳои муайяни ташкилдиҳандаи таркиби қонуншиканӣ вижагии хоси он аст, ташкил медиҳад. Ба он бояд унсурҳои зерин дохил гарданд: меъёри ҳуқуқ, субъекти ҳуқуқ будани шахс ва санади татбиқи ҳуқуқ. Мисол, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс, бояд аввал муайян карда шавад, ки тавассути шахс

кирдори (ҳаракат ва беҳаракатӣ)-и муайяне содир шудааст, ки аз рӯи аломатҳои худ таркиби ҷиноятро ташкил диҳад. Баъдан, бояд моддаи мушаххаси Кодекси ҷиноятиро, ки диспозитсияи он риоя нашуда буд, мушаххас намуд. Дар қонуни ҷиноятӣ номгӯйи кирдорҳое пешбинӣ ва муқаррар карда шудаанд, ки ҳамчун ҷиноят арзёбӣ шудаанд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони дахлдор дар сурате метавонад имконпазир бошад, ки шахс дар содир намудани ин ё он кирдори ҷузъи номгӯйи зикршуда гумонбар дониста шавад. Ғайр аз ин, шахси ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалбшаванда қобилияти субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ буданро дошта бошад.

Субъекти ҳуқуқ қарор гирифтан дорои ду унсури ташкилдиҳанда – қобилияти ҳуқуқӣ (қобилияти шахс барои амалисозии ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ будан) ва мукаллафӣ (қобилияти амали шахс барои татбиқ намудани ҳуқуқҳои субъективӣ ва таҳаммул намудани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҷиноят тавассути кирдори огоҳона) мебошад. Ҳамин тариқ, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс он ҳаддиақалл шахси мукаллаф эътироф гардида, бояд ба синни муайян расида бошад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мувофиқи қоидаи умумӣ, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ӯ бояд ба синни 16 – солагӣ расида бошад. Вале дар баробари ин, номгӯйи муайяни моддаҳое вуҷуд дорад, ки синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб гардидани шахс метавонад 14-солро ҳам ташкил диҳад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи махсуси ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба шахсияти ҳуқуқвайронкунанда баромад карда, вазифаи барқарор кардани қонунияти вайроншударо иҷро мекунад ва воситаи муҳими мубориза бо вайронкунии он мебошад. Шахсе, ки нисбати он чораҳои мурофиавӣ ғайриқонунӣ дида шудааст, ба ҷавобгарӣ кашида шуда наметавонад. Дар ин маврид на ҷавобгарӣ, балки вайронкунии қонун, аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо ғайриқонунӣ

поймол кардани ҳуқуқҳои шахс ба миён меояд [201, с. 154]. Тартиби ба ҷавобгарӣ кашида шудани шахси ҳуқуқвайронкунанда ба таври ҷиддӣ тавассути меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, ки он бешубҳа яке аз хусусиятҳои татбиқи принсипи қонуният ҳангоми гузоштан ё вогузории ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Қонунгузорӣ ба таври дақиқ марҳала ва мухлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудани шахси қонуншиканро мушаххас намудааст, ки ин ҳам ифодаи принсипи қонуният дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва баъдан дар ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дониста мешавад.

Ё ин ки дар ҷойи дигар, ифодаи принсипи қонуният он аст, ки ҳангоми татбиқи ҷавобгарӣ набояд ба қонуне, ки ягон амалро манъ мекунад, қувваи бозгашт дода шавад. Ин ҷанбаҳои принсипи қонуният дар Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд. Чунончи, м. 4 КҶ ҶТ, ки «Принсипи қонуният» ном дорад, чунин қисмҳоро дар бар мегирад. Қисми якум пешбинӣ менамояд, ки: «Ҷиноят будани кирдор ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд». Қисми дуюми моддаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки «Ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашида намешавад ба ҷуз бо ҳукми суд ва дар асоси қонун». Қисми сеюм ва чоруми меъёр муайян менамояд, ки «Татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯйи қиёс манъ аст» ва «Мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад» [2]. Аввалан принсипи мазкур имконият медиҳад, ки кирдор ҷиноят эътироф шавад ё не. Чунки танҳо он кирдоре ба чунин сифат дониста мешавад ва баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад, ки дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба сифати ҷиноят таҷассум ёфта бошад. Ҳам қонунгузор ва ҳам мақомоти татбиқи ҳуқуқ ва дигар субъектони ҳуқуқ вазифадоранд дар асоси принсипҳои ҳуқуқ амал

намоянд ва ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти худ онҳоро ба роҳбарӣ гиранд.

Принсипи қонуният асоси эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ ба ҳисоб меравад. Моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд, ки Конститусия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд» [1]. Талаботи асосии риоя ва амали принсипи қонуният дар таъин ва иҷро намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ дар он ифода меёбад, ки ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорро танҳо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Ба ғайр аз ин Кодекс ягон қонун ё ҳуҷҷати дигар наметавонад кирдореро ҳамчун ҷиноят эътироф намояд ва нисбати он ҷазореро муқаррар намояд. Дар баробари ин ягон мақомот ё шахси мансабдори давлатӣ, ба монанди судя, муфаттиш, прокурор наметавонад кирдореро берун аз муқаррароти Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят баҳо дода, нисбати он ягон намуди ҷазо ё чораи дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣро татбиқ намояд. Яъне, Кодекси ҷиноятӣ ягона асоси муайянкунанди ҷавобгарии ҷиноятӣ дониста мешавад.

Тамоми меъёрҳои қонунгузории миллӣ, аз он ҷумла, қонунгузории ҷиноятӣ дар асоси принсипи қонуният ташаккул меёбад. Маҳз қонунгузорӣ муқарар намудааст, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ ҶТ пешбининамударо доро бошад. Он кирдор ҳатман бояд бо таҳдиди татбиқ намудани ҷазо, ки дар Кодекс номгӯи онҳо қатъӣ нишон дода шуда, шарту шароитҳои татбиқи он муқаррар гардидааст. Ҳамзамон,

мақомоти таъин ва татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ наметавонад аз ҳадду ҳудуди дар қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ гардида берун барояд.

Дар қисми дигар принсипи қонуният истифодаи қиёсро ҳангоми татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ қатъиян манъ кардааст. Яъне шахс барои кирдоре, ки дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст, гарчанде шаклан ба кирдори пешбининамудаи ягон меъёри Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ монанд бошад ҳам, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Қонунгузор кушиши истифодаи ҳама гуна қиёсро дар ҷараёни татбиқи Кодекси ҷиноятӣ манъ кардааст. Ин ба он асос аст, ки ҷиноят ва сазовори ҷазо будан, намуд, дараҷа, шарт ва шароитҳои таъин ва иҷрои ҷавобгарӣ ва ҷазои ҷиноятиро қонуни ҷиноятӣ мутлақо муайян намудааст.

Дар ҳуқуқи хусусӣ (ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ ва м.и.) истифодаи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ иҷозат дода шудааст. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад таъкид мегардад, ки мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан ва айнан мувофиқи матни он фаҳмида шавад. Тафсири васеъ ва маҳдуди меъёри қонуни ҷиноятӣ бояд дақиқии маънӣ ва мафҳуми муқаррароти меъёри тафсиршаванда ва татбиқшавандаро тағйир надиҳад.

Принсипи қонуният ба навъе ҳамчун кафолати ҳуқуқӣ дар баробари ба таври ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахс арзёбӣ мешавад. Ба андешаи Н.П. Митрохин «Мазмуну муҳтавои принсипи қонуниятро ҳангоми ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани шахси содирнамудаи ҳуқуқвайронкунӣ метавон ба тартиби зерин ошкор намуд: 1) намуд ва чораи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз вазнинии ҳуқуқвайронкунӣ вобаста аст; 2) ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба уҳдаи касе мебошад, ки ҳуқуқвайронкуниро содир менамояд; 3) барои як ҳуқуқвайронкунӣ як маротиба ҷазо додан мумкин аст; 4) қонуне, ки ҷавобгариро пешбинӣ менамояд ва ё онро вазнин мегардонад қувваи бозгашт надорад; 5) агар

зараре, ки тавассути қонуншиканӣ расонида мешавад, хусусияти барқарорсозӣ дошта бошад, дар ин сурат ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд онро пурра бартараф созад» [205, с. 62].

Ҳамин тавр, принсипи қонунияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун идеяи асосии ҳуқуқӣ, аз ҷониби тамоми муассисаҳои салоҳиятдор ва шахсони мансабдори онҳо аз ҷониби тамоми мақомоти салоҳиятдор ва шахсони мансабдори онҳо риояи қатъии қонунҳо талаб карда мешавад, ки хусусияти зарурӣ, асоси тамоми соҳаи фаъолияти мақомоти дахлдор ва татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад. Қонуният на танҳо ба асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки тамоми раванди татбиқи онро низ фаро мегирад. Тавассути ин принсип баррасӣ гардида, талаботи принсипҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии демократия, баробарӣ, робитаи давлат бо қонун ва ғайра ба доираи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мегузарад. Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳкор моддаи муайяни КҶ ҶТ бо дарназар гирифтани кирдори содиргардида намуд ва андозаи ҷазои эҳтимолиро муайян месозанд. Барои намуна, ғоратгарӣ (қ. 1 м. 248 КҶ ҶТ), ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад ва ё «зоҳир гардидан дар кӯча, варзишгоҳ, боғи истироҳат, воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати мастӣ боиси истифода шудани ҷаримаи маъмурӣ мегардад» [5]. Ба таври дигар, яъне дар ҳолати мазкур мутобиқати ҷазо бо таносуби вазнинии ҳуқуқвайронкунии содиргардида аз нигоҳи қонунгузор муқаррар шудааст. Барои мисол ба таври пурра ҷазо додани низомиёни як қисми ҳарбӣ барои содир гардидани ин ё он ҳуқуқвайронкунии мушаххас тавассути як низомии ҷудогона дағалона вайрон гардидани принсипи адолати судӣ ба ҳисоб меравад. Дар амал ин кор имконпазир мебошад, зеро фармондеҳон кӯшиш менамоянд дар чунин ҳолат зимни риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки мувофиқи онҳо танбеҳ ё ҷазо додани тамоми ҳайати низомии

қисми ҳарбӣ «ба ҷойи ҷазо додани шахсони муайяни гунаҳкор қатъиян манъ мебошад», таъсири тарбиявии ҷазоро тақвият бахшанд.

Принсипи баробарии дар назди қонун аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сарчашма мегирад. Ба сифати принсипи умумии ҳуқуқ принсипи мазкур дар м. 17-уми Конститутсияи ҶТ пешбинӣ гардида аст, ки мувофиқи он «Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад» [1]. Принсипи мазкур дар м. 5 КҶ ҶТ ҳамчун принсипи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ мустаҳкам карда шудааст. Принсипи баробарӣ дар назди қонуни ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки ҳангоми дар амалҳои шахс мавҷуд будани таркиби ҷиноят сифатҳои иҷтимоии шахсияти вай барои ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани ӯ монеа шуда наметавонад. Зимни ин ягон ҳолат, омил ва шарту шароит ба баробарии ашхос дар назди қонуни ҷиноятӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят таъсир расонида наметавонад [172, с. 196]. Яъне «Шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, шаҳрвандӣ, забон, муносибат ба дин, ақидаҳои сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ, хизматӣ ва молумулкӣ, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маҳали истиқоматашон ва дигар ҳолатҳо дар назди қонун баробаранд ва бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд» [2]. Чи гунае, ки аз мазмуни муқаррароти қонуни ҷиноятӣ бармеояд, моҳиятан он агар такрори муқаррароти меъёри мазкури Конститутсия бошад, вале аз ҷиҳати матн ва нишондодҳои таркибӣ нисбатан васеътар аст ва унсурҳои дигарро низ пешбинӣ намудааст. Дар маҷмуъ, принсипи баробарӣ дар назди қонун ифодакунандаи он мебошад, ки зимни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноятсодирнамуда, тамоми субъектони ҳуқуқ дар назди қонун баробар мебошанд. Яъне меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ нисбат ба ҳама якхела паҳн

мешавад. Баробарӣ дар назди қонун ба ҳамаи шахсон ҳангоми ҷавобгарии ҷиноятии онҳо паҳн гардида, ҳар шахс новобаста аз ҳолатҳои номбаршуда барои кирдори содиркардааш ҷавобгар аст.

Вале ин маънои онро надорад, ки тартиби ба амал баровардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳама якхела аст. Чунончи, ҷавобгарии баъзе категорияи шахсон (судяҳо, вакилони мардумӣ, кормандони дипломатӣ ва диг.) бо тартиби махсус амалӣ карда мешаванд. Моддаи 91 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки «судяро бе ризоияти мақомоте, ки интихоб ё таъйин кардааст, ҳабс кардан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест» [1]. Дар чунин ҳолат муқаррарот ва ё талаботи принсипи баробарӣ дар назди қонун вайрон намегардад. Дар чунин ҳолат фақат тартиби ба ҷавобгарӣ кашидани шахс тағйир ёфта, талаботи ногузирии ҷавобгарии шахс боқӣ мемонад.

Ҳамзамон моҳияти принсипи баробарӣ дар назди қонун дар ҳуқуқи ҷиноятӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар соҳаи мазкур баробарӣ дар назди қонун, баробарии шахс дар назди судро низ дар назар дорад. Зеро дар муносибатҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъину татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ваколати мазкур танҳо ба суд дода шудааст.

Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ аз принсипи баробарӣ дар назди қонун сарчашма мегирад ва давоми мантиқии он мебошад. Барои таъин ва иҷро намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ягон шахс новобаста аз ҳама ҳолатҳо дар ҳолати содир намудаи ҷиноят истисно муқаррар карда нашудааст. Яъне принсипи мазкур низ ба таъмини адолати иҷтимоӣ равона гардидааст. Принсипи мазкур аввалан мақсади мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва пешгирии онро дорад. Дар баробари ин принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба мақсади ҳимояи манфиатҳои шахсӣ аз ҷиноят ҷабрдида низ равона гардидааст. Принсипи мазкур сарчашмаи худро аз м. 21 Конститутсияи кишвар мегирад, ки дар он омадааст: «Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи

судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад» [1]. Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ зарурати татбиқи ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ ё истифодаи чораи дигари хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ доштаро тақозо менамояд.

Ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ пешбинӣ менамояд, ки тамоми ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ набояд ошкорнашуда ва беҷазо монанд. Дар амал татбиқ гардидани ин принсипи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба коҳиш ёфтани амалҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад. Сангин кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, вазнин намудани шароити нигаҳдории маҳбусон ва ҳолатҳои дигаре, ки хусусияти асримиёнагӣ ва ғайридемократӣ доранд, наметавонад ба самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат намояд. Танҳо ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, надоштани имконияти сарпечӣ кардан аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад ба самаранокии чораҳои татбиқшавандаи ҳуқуқӣ, амалишавии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ оварда расонад. Яъне бе далелу асоси қонунӣ аз ҷавобгарӣ озод кардан, ба таъхир гузоштани ҷавобгарӣ дар сурати истифодаи дурусти принсипи мазкур ғайриимкон мегардад [26, с. 132].

Дигар принсипе, ки ба самаранокии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ таъсир мерасонад ин муқаррароти м. 7 КҶ ҶТ мебошад, ки «Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгори»-ро пешбинӣ намудааст. Принсипи мазкур аввалан фардӣ будани ҷавобгариро муқаррар мекунад, чун барои кирдори содиркардааш ҳар шахс худаш ҷавоб медиҳад. Шахс мувофиқи ин меъёр таҳо барои кирдори ҷиноятии шахсияш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар ҳаракати фаъолона ва ғайрифаъолонаи ӯ ифода меёбад.

Аз ин рӯ, мувофиқи назарияи ҳуқуқ асоси ҷавобгариро кирдори шахс ташкил медиҳад ва андешаву ақидаҳои инсон наметавонад барои ин асос гардад. Агар андеша ва ақидаҳои шахс дар ҳаракати фаъол

ифода ёфта бошад ва ё ақидаҳои ӯ хусусияти зиддиҳуқуқӣ дошта бошаду ҷомеаро ба ноорамиҳо кашад ва шахсони алоҳидаро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ моил намояд, дар ин ҳолат кирдори шахс ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ баҳо дода мешавад. Мисол, мувофиқи моддаи 307 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун ҷиноят эътироф шудааст [2].

Қисми дигари принсипи мазкурро гунаҳгорӣ ташкил медиҳад. Дар асоси ин принсип шахс дар сурате ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он аз ҷониби ӯ содир шуда бошад ва дар ин хусус гуноҳи ӯ исбот шуда бошад. Дар сурати исбот нагардидани гуноҳи шахс ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ низ буда наметавонад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад, гуноҳ аломати асосии ҷиноят ва яке аз асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дониста мешавад.

Муқаррароти «ҷавобгарии гунаҳгорона» сарчашмаи худро аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегирад. Дар қ. 1 м. 20 Конститутсия омадааст, ки «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад». Танҳо дар сурати аз ҷониби суд исбот гардидани гуноҳ ва эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ мубтало мегардад. Махсусияти гунаҳгорӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он аст, ки ба ғайр аз суд дигар ягон мақомот ё шахси мансабдор, роҳбари корхона ва дигар наметавонад шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф карда, нисбати ӯ ҷазо муқаррар ва татбиқ намояд.

Принсипи баррасишавандаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба дарназар гирифтани дараҷаи вазнинии қонуншиканӣ истифода гардида, хусусиятҳои фардии шахси ҳуқуқвайронкунанда, шароити

содиршавии қонуншиканӣ, фардисозии чораҳои ҷазоиро пешбинӣ менамояд [26, с. 132]. Асоснокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҷавобгарӣ бояд натиҷаи оқибатҳои қонуншикание бошад, ки дар он тамоми аломатҳои таркибӣ ва асосу далелҳои лозими ҷавобгарӣ вуҷуд дошта бошад. Бар асоси чунин муайянсозӣ, қабл аз он ки ин ё он шахси ҳуқуқвайронкунанда ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шавад, лозим аст то ба таври ҳатмӣ дар рафтори вай таркибу унсури ҳуқуқвайронкунӣ ва ё ҷиноят ошкор карда шавад. Яъне, ба таври дигар, аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективӣ, ҳамчунин тамоми аломатҳои ҳатмии ин унсурҳо бояд муайян ва мушаххас карда шаванд, зеро, дар акси ҳол, асоси воқеӣ барои ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шудани шахси гунаҳкор вуҷуд дошта наметавонад.

Дар низоми принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ принсипи адолат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Мувофиқи қисми 1 моддаи 8 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошад» [2].

Дар илми назарияи ҳуқуқ низ принсипи адолат гуфта мувофиқи чораи ҷавобгарии ҳуқуқиро ба сатҳи хавфнокии ҳуқуқвайронкунӣ, ҳолатҳои содир шудани он, шахсияти онро содирнамуда, барои як ҳуқуқвайронкунӣ ду маротиба ҷавобгар набудан ва баробарии ҳама дар назди қонун ва судро мефаҳманд [105]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ки «Принсипи адолат, яъне қонуне, ки ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт надорад; барои як ҷиноят шахс такроран ҷазо намебинад; мусодираи пурраи молу мулки маҳкумшуда манъ аст; ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд гунаҳкор дониста намешавад» [49, с. 269]. Принсипи адолат иҷозат намедиҳанд, ки барои

содир шудани як маротиба ҳуқуқвайронкунӣ чанд маротиба ҷазо истифода шавад. Ҳолате, ки мутобиқи он қонун ҷавобгариро муқаррар ва вазнин мегардонад, қувваи бозгашт надорад ва он ба таври мустақим дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст [1]. Уҳдадорӣи пардохти ҷуброни зарари расонидашуда аз ҷониби шахси ҳуқуқвайронкунанда дар меъёрҳои қонунгузории маданӣ чунин муқаррар гардидааст: «Зарари расонидашуда ба шахс ва молумулки шаҳрванд, ҳамчунин зиёни расонидашуда ба амволи шахси ҳуқуқӣ дар ҳаҷми пурра тавассути шахсе, ки боиси ворид гардидани зарар шудааст, ҷуброн мешавад» [3] ва ин имкон медиҳад, ки функсияи ҳуқуқбарқароркунии ҷавобгарии ҳуқуқӣ иҷро ва амалӣ гардад. Мутобиқи ин бояд зикр шавад, ки принсипи адолат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои мухталиф, аз он ҷумла қонуни ҷиноятӣ низ инъикоси худро ёфтааст ва он ба таври зич бо таърифи мазмуну муҳтаво ва мақсадҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад.

Дар баробари ин бояд қайд намоем, ки адолат на танҳо ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, балки ҳамчун категорияи ахлоқӣ низ баромад менамояд. Адолати ахлоқие, ки нисбати шахси гунаҳгор дар татбиқ намудани ҷавобгарӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби аҳли ҷамъият, наздикону хешовандони маҳкумшуда, шахсони дар мурофиаи судӣ иштироккнамуда ва дигарон муайян карда мешавад. Онҳо ба чораи пешгирии татбиқшаванда, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазое, ки аз ҷониби суд ё шахси мансабдори мақомоти давлатӣ таъин гардидааст, аз нуқтаи назари адолат баҳо медиҳанд. Дар сурати риоя нагардидани меъёри адолат, меъёри қонуният низ вайрон мегардад, ки ин ҳолат оқибат ба нигилизми ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин қарори баровардаи суд, мақомоти дигари татбиқи ҳуқуқ ё шахсони мансабдори давлатӣ, ки ба меъёри принсипи адолат мувофиқат накунад, боиси паст шудани обрӯву эътибори қонун ва субъекти татбиқи ҳуқуқ мегардад.

Риояи принсипи адолат дар таъин ва иҷро намудани ҷазои ҷиноятӣ дар он зоҳир мегардад, ки агар ҳангоми таъин намудани он ҷазои таъиншуда ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда мувофиқ бошад, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, шахсияти гунаҳгор ба инобат гирифта шуда бошад.

Принсипи дигари ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ ин принсипи инсондӯстӣ мебошад, ки он аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Мувофиқи муқаррароти моддаи 5 Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эътироф мешаванд. Меъёри мазкур нисбат ба инсоне, ки кирдори ҷиноятӣ ва ё ҳуқуқвайронкунии дигарро содир намудааст, низ паҳн мешавад. Қонун дар баробари ҳимоя намудани ҳуқуқи ҷабрдида, балки муносибати инсониро нисбат шахси дар содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ, аз он ҷумла ҷиноят гунаҳгор низ тақозо менамояд. Муносибати ғайриинсонӣ метавонад ба принсипи мазкур мухолиф бошад ва барои расидан ба мақсадҳои асосии ҷазо, ки аз барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ислоҳ намудани шахси ҷинояткор ва пешгирии хусусӣ ва умумии ҷиноятҳои нав дар ҷомеа иборат мебошад монеа эҷод намояд.

Аз ин рӯ, дар назарияи ҳуқуқ низ пешбинӣ карда мешавад, ки чораи татбиқшавандаи ҳуқуқӣ нисбати шахси гунаҳгор бояд зарур ва кофӣ бошад, то барои расидан ба мақсадҳои дар боло зикршуда мусоидат намояд. Ҷазои зарурӣ бошад маънои онро дорад, ки аз миёни маҷмуи ҷазоҳои алтернативӣ як ё якчанд чораи мувофиқро интихоб намояд. Агар ҷазои таъиншуда аз меъёри муқарраргардида кам бошад ва ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор мувофиқат накунад, наметавонад боиси ислоҳ шудани шахси ҷиноят содиркарда гардад. Дар сурати аз меъёр зиёд будани ҷазои таъиншуда метавонад ба маҳкумшуда озори ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ расонад, ки ин ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ мухолифат дорад.

Аз ин рӯ, қисми дуюми м. 9 Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, ки «Ҷазо ё чораи дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда истифода мешавад, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надорад» [2]. Талаботи меъёри мазкур аз м. 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [10] ва м. 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Мувофиқи он «Истифодаи шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ қатъиян манъ аст» [1]. Ҳама гуна намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ҷазо ва чораи дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ набояд ба шахс озори ҷисмонӣ расонад ва ё шаъну эътибори инсонро паст занад. Бо тариқи зурӣ, истифодаи чораҳои маҷбурии хусусияти ҷисмонӣ дошта, ки дар натиҷаи он ба шахи гунаҳгор зарари руҳию ҷисмонӣ мерасад манъ аст. Таҳқири шахс, ки боиси паст задани шаъну эътибори ӯ мегардад қатъиян манъ карда шудааст. Принсипи инсондӯстӣ ба сифати волотарин арзиши башарӣ аз нигоҳи ҷанбаи дарки ҳаёт ва шарафи инсонӣ, яке аз шартҳои муҳиму калидии риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар чаҳорчӯби амалкарду фаъолияти низоми маҷбурсозии давлатӣ аз дидгоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ арзёбӣ мешавад.

Принсипи дигаре, ки ҳангоми таъин ва иҷро намудани ҷазои ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода карда мешавад, ин принсипи демократизм мебошад. Принсипи мазкур аз ошкоро будани фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ дарак медиҳад. Мувофиқи м. 10 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «... барои ислоҳи шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон ё коллективҳо бо дархосту ризоияти онҳо ҷалб карда мешаванд» [2]. Моҳияти принсипи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар ислоҳ намудани шахси ҷинояткор ва ё ҳуқуқвайронкунии дигар содиркарда, на танҳо суд ва мақомоти тафтишоту таҳқиқ, мақомоти иҷрои ҷазо, балки намояндагони ҷамъият, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои

ҷамъиятӣ, иттифоқҳои касаба, созмонҳои занон, созмони ҷавонон, муассисаҳои маърифатию маданӣ ва дигар сохторҳои давлатию ғайридавлатӣ низ бояд фаъолона иштирок намоянд. Иштироки доираи васеи иштирокчиён дар тарбия ва ислоҳ гардидани шахси кирдори зиддиҳуқуқӣ содирнамуда ва огоҳонидану пешгирии минбаъдаи он дар ҷомеа метавонад мусоидат намояд. Маҳз бо ҳамин мақсад дар қонунузории кишвар чунин имконият барои иштироки доираи васеи субъектон муқаррар карда шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқи принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Таҳқиқу омӯзиши принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо мақсади мураттабсозии донишҳои мавҷудаи ҳуқуқиву назариявӣ дар соҳаи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин таҳқиқи принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ ба асосноксозии илмию назариявии онҳо оварда мерасонад. Нуқтаи назари гуногун дар робита ба принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ ба пешниҳод намудани роҳҳои самаранокии онҳо мусоидат менамояд.

2. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун асосҳои бунёдӣ ҳангоми татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати шахсони гунаҳкор дониста мешаванд. Таҳлили мафҳум ва моҳият, таҷзияи гуногуншаклии онҳо, мавқеи истифодаи дуруст ва саривақтии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба моҳияти аслии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун муҳимтарин унсури низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Аз ин хотир, дар ҷараёни ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шудани шахси гунаҳкор, бояд ба ҳар яке аз принсипҳои муайяншудаи ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Зеро нодида гирифтан шудани яке аз принсипҳои ҳуқуқӣ, имкон намедиҳад,

ки ба таври пурра мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ иҷро шуда, функсияҳои он дар амал татбиқ гарданд.

3. Хусусиятҳои принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ чунинанд: 1) асоси рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ дониста мешаванд (дар асоси он мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул меёбад); 2) талаботи ҳатмӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқсозӣ дониста мешаванд (талаботи ҳатмӣ барои қонунгузор, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шаҳрвандон); 3) хусусияти устувор доранд (дар асоси арзишҳои пешрафтаву муқарраршудаи ҷомеа таҳия шудаанд); 4) дар меъёрҳои қонунгузорӣ ифода ёфтаанд (м.м.3-10-и КҶ ҶТ); 5) хусусияти устуворӣ доранд, чун асоси рушди минбаъдаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқсозиро ташкил менамоянд (хеле кам тағйир меёбанд); 6) дар байни онҳо иерархияи устувор ва мутлақо муайян вуҷуд надорад (ҳама принсипҳо арзиши баробар доранд); 7) принсипҳои ҳуқуқӣ дар таълимотҳои илмию назариявӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок карда шудаанд (асоснокии илмӣ доранд); 8) чун муқаррароти меъёрии дигар қувваи олии ҳуқуқӣ доранд (нисбат ба меъёрҳои муқаррарии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҳолати ихтилоф муқаррароти принсипҳои ҳуқуқӣ истифода карда мешаванд); 9) хусусияти низомнокӣ доранд; 10) баҳри таъмин намудани самаранокии қонуни ҷиноятӣ равона карда шудаанд (барои ноил шудан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ ва ҳарчи зудтар анҷом додани вазифаҳои он кӯмак мерасонанд.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

## 3.1. Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳар як давлати демокративу ҳуқуқбунёд пайваста ба он талош меварзад, ки сиёсати муваффақро роҳандозӣ намуда, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар сатҳи зарурӣ танзим намояд. «Сиёсати ҳуқуқӣ-фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки бо истифода аз чораҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва дигар, бо мақсади танзим ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад» [105, с. 930].

Аз мафҳуми овардашуда маълум мегардад, ки сиёсати ҳуқуқӣ хусусияти мақсаднок дорад. Он аз ҳадафҳои эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Аз ин рӯ, сиёсати ҳуқуқӣ бояд як қатор нишонаҳоро дошта бошад: 1) он шакли асосии таносуби ҳуқуқ ва давлат буда, дар баробари сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва ғ. яке аз намудҳои сиёсати давлат мебошад; 2) самти стратегии танзими ҳуқуқиро муайян намуда, бо иштироки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, шаҳрвандон ва ғ. ба амал бароварда мешавад; 3) муносибатҳои субъектони муносибатҳои сиёсати ҳуқуқиро бо масъалаҳои муҳимтарини ҷомеа ифода карда, дар соҳаи ҳуқуқ ва тавассути ҳуқуқ роҳандозӣ карда мешаванд; 4) барои таъсири сифати ҳаёти ҳуқуқӣ равона шуда, афзалиятҳои рушди соҳаи ҳуқуқ, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозиро муайян менамояд; 5) барои таъмини манфиатҳои миллӣ равона шуда, барои амалӣ гаштани ғояҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Сиёсати ҳуқуқӣ бо назардошити оне, ки таҳқиқи умуминазариявиро дар асоси усулҳои методологии таҳлили давлат, ҳокимият, сиёсат, ҳуқуқро талаб карда, таҳлили шакли амалишавии он ба таҳқиқоти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, тарбияи ҳуқуқӣ вобаста аст, категорияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дониста мешавад. Мафҳум, тарзу воситаҳо, усулҳо ва режими танзими ҳуқуқӣ дар он истифода мегардад. Он бо шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ алоқамандии зич дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ мақсади муайян намудани дурнамои рушди низоми давлатию ҳуқуқиро доро мебошад.

Яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ – ин сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дар навбати худ аз бахшҳои алоҳида иборат мебошад. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз ҷумлаи бахшҳои сиёсати ҳуқуқӣ арзёбӣ гардида, баҳри танзиму такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии дар алоқамандӣ ба он ба вуҷуд омада нигаронида шудааст. Ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва ба ҷамъият хавфнок инсониятро дар тӯли таърихи худ ҳамроҳӣ кардааст. Аз ин рӯ, инсоният пайваста ба муқобили он мубориза бурда, роҳҳои муносиби муқовиматро коркард намудааст. Дар ин самт сиёсати асосноки давлатӣ низ ҳамчун сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ коркард гардида, роҳандозӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои принсипҳо ва афзалиятҳое мебошанд, ки барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои он равона гардидаанд. Ҳадафҳои стратегии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз риоя, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намудани устувории сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дар ин асос таъмин намудани шароити зиндагии арзанда, такмил додани низоми идоракунии давлатӣ ва такмили қонунгузорӣ, инкишофи низоми судӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ,

таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмин намудани обуруву эътибори давлат ва муносибатҳои байналмилалӣ ва дигар иборат мебошад.

Амалҳои дар боло зикргардида дар асоси роҳандозӣ намудани консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ ба амал баровარда мешаванд. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳуҷҷати илмӣ, барномавӣ ва стратегӣ мебошад, ки дурнамои рушди ҳуқуқии ҷомеаро муайян мекунад. Сиёсати ҳуқуқӣ намудҳои гуногун дорад, ки дар робита ба соҳаҳои ҳуқуқ он ба сиёсати ҳуқуқии конститутсионӣ, сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, сиёсати ҳуқуқии маъмурӣ, сиёсати ҳуқуқии мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва диг. ҷудо мешавад [105, с. 936].

Дар ин миён мавқеи асосиро сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ишғол менамояд. Вазифаи асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ин интихоб ва роҳандозӣ намудани тарзу воситаҳои самараноки танзими ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат аз кирдорҳои ҷиноятӣ мебошад. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, буҳронҳои молиявию иқтисодӣ ва шиддат гирифтани зиддиятҳои минтақавию тамаддунӣ, шакл ва усулҳои нави зоҳиршавиро касб кардани ҷиноятҳои фаромиллӣ ва дохилидавлатӣ яке аз воситаҳои муҳимми ҳифзи истиқлоли давлатӣ ва устувории давлати ҳуқуқбунёд ин дуруст ва мувофиқ ба манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондани низоми қонунгузории миллӣ, аз он ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад [213]. Дар зери истилоҳи қонунгузории ҷиноятӣ санади меъёри ҳуқуқии ба Конститутсия ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асосёфтае фаҳмида мешавад. Он аз Кодекси ҷиноятӣ ва қонунҳои нави ба он дохилшаванда, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намуда, муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятиро ба танзим медарорад, иборат мебошад [101, с. 22]. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ низ маҳз баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии ба он алоқаманд ба

вуҷудомада равона карда шудааст. Такмили қонунгузории ҷиноятӣ бошад, вобаста ба шароити ичтимоию иқтисодӣ, фарҳангию сиёсӣ, маърифатию криминологӣ ва ҳолатҳои дигари аз муносибатҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ ба вуҷуд омада, баҳри муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ ба роҳ монда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки татбиқ намудани сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ функсияи дохилию хориҷии ҳар як кишвари соҳибистиқлол маҳсуб меёбад. Дар доираи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ давлат тадбирҳои судмандро роҳандозӣ менамояд, ки баҳри такмил додани институтҳои ҷиноят, ҷазо, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ равона гардидааст. Аслан амалишавии ин сиёсат дар шакли такмил додани қонунгузории соҳа ба роҳ монда мешаванд. Дар ин маврид А.Э. Жалинский бисёр мувофиқ қайд намудааст, ки: «... давлат бо мақсади ҳифзи аҳолӣ, ҷамъият, давлат, моликият, муҳити зист ва объектҳои дигари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ тадбирҳо меандешад, ки баҳри муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, зеро худи ҷиноят ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ пайваста дар ҳолати рушд қарор дорад ва шаклҳо, намудҳо ва усулҳои нави содиршавии онҳо рӯйи кор омада истодааст. Таҷовузҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ хавфнок худ аз худ хотима намеёбанд ва мубориза бо он бояд хусусияти пайвастагӣ ва устувор дошта бошад. Ин ҳолат андешидани тадбирҳои гуногун ва пайваставу муосирро талаб менамояд, ки дар доираи сиёсати ҷиноятии давлат сурат мегиранд» [147, с. 52]. Андешаи криминалисти машҳури рус Г.А. Аванесов низ ин гуфтаҳоро исбот менамояд. Ба андешаи ӯ «... кирдори ҷиноятиро шароити ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд меорад, вале он ҳам ҷузъи шароити воқеии ҷомеа мебошад» [11, с. 18].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки «дар шароити муосири эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ

вазифаи стратегии давлат таҳияи сиёсати ҳуқуқие мебошад, ки стандартизатсияи меъёрҳои умумиҷаҳонии ҳуқуқии байналмилалиро дар низоми миллии ҳуқуқ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ таъмин намояд» [111; 1112; 113 ]. З.Х. Зокирзода бо назардошти рушди сиёсати ҳуқуқии кишвар ва дар ин асно сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ қайд менамояд, ки: «... дар ҷомеаи Тоҷикистон майл ва самтгирии мутаносиб нисбат ба нозукиҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мақсади ҷазои ҷиноятӣ ба назар намерасад ва ба ин далел, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба сифати мақсади ҷазо тавассути шаҳрвандони аз илми ҳуқуқ ноогоҳ ва бехабар пазируфта намешавад. Афзоиши таваҷҷуҳ ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ метавонад дар ҷомеа таъсири мусбати иҷтимоӣ дошта бошад, агар ҳукмҳои судӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ на аз мавқеъ ва ҷойгоҳу эътибори шахсӣ, балки бо дар назар гирифтани зарари расонидашуда ва имконияти мавҷуд барои рафъ, ҷуброн ва кам кардани ин зарар арзёбӣ гардад» [44, с. 63]. Дар робита ба пешгирии умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, метавон таъкид намуд, ки барои ба таври воқеӣ нишон додани таъсиргузор будани мақсади ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, бояд омори мавҷуда  доир ба вазъи ҷинояткорӣ дар кишвар ва минтақа муқоисаву таҳлил шавад. Аз ин раванд самти сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳолати самаранокии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷазои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта муқаррар карда мешавад.

Маҳз бо назардошти гуфтаҳои боло А.Р. Неъматов қайд менамояд, ки: «... сиёсати ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ҳамчун унсурҳои таркибии низоми ҳуқуқии давлат дар раванди танзими ҳуқуқӣ бояд ҳаёти воқеии ҷомеаро инъикос намояд. Танҳо дар ин сурат қонун метавонад вазифаи танзими худро нишон диҳад. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон ҳуҷҷате лозим буд, ки таҳлили муносибатҳои иҷтимоии мавҷуда дар сатҳи давлатӣ ва пешгӯии рушди минбаъдаи ин муносибатҳоро дар ҷомеа пешбинӣ намояд, ки он танҳо дар сурате имконпазир аст, ки қонунгузор дар ҷараёни

қонунгузорӣ тамоми доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба танзими ҳуқуқӣ ниёз доранд, муайян созад. Бояд гуфт, ки дар навбати худ, ташаккули давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, махсусан дунявӣ, мубориза бар зидди хатари рӯзафзуни терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ ва радикализм, ҷиноятҳои фаромиллӣ бештар ба таҳияи санади махсуси сиёсӣ вобаста буд, ки дар он барои инкишофи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии давлат, аз ҷумла масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо муқаррароти консептуалӣ пешбинӣ шудааст» [176, с. 68-73].

Дар воқеъ сиёсати ҳуқуқӣ муқарраркунандаи самти асосии инкишофи давлат ва ҷомеа ва муқарраркунандаи дурнамои рушди кишвар customers дониста мешавад. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ низ дар дуруст ба роҳ монадани бисёре аз самтҳои ҳаёти ҷамъиятии кишвар таъсиргузор мебошад. Аз ҷумла, паст шудани шумораи ҷабрдидагони ҳуқуқвайронкунӣ, махсусан кирдорҳои ҷиноятӣ, коҳиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ дар кишвар, дуруст ба роҳ мондани самти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, самаранок намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ маҳз аз сиёсати муваффақи ҳуқуқии ҷиноятӣ вобастагӣ дорад. И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов дастёб шудани давлати ҷавони Тоҷикистон ба сулҳу субот ва осоиши ҷомеаро дар «... фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ дар солҳои аввали истиқлолият аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати ҷиноятии хуб андешидашудаи давлат» вобаста медонанд [127, с. 6].

Дар воқеъ рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ вобастагии калон дорад. Бо ин мақсад дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии кишвар зикр шудааст, ки: «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз самтҳои татбиқи консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва баҳамвобастагии появии муқаррароти

асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷинояткорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ дошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад» [8].

Мазмуни сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ моҳиятан ба гуфтаҳои боло ва пайгирӣ намудани мақсадҳои зикргардида равона карда шудааст. Ҳангоми муайян кардани сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, олимон тавзеҳи васеътар медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун як хати умумии таҳиякардаи давлат ифода мекунанд, ки самтҳои асосӣ, ҳадафҳо ва воситаҳои таъсиррасониро ба ҷиноят тавассути ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавӣ, иҷрои ҷазо, татбиқи он, инчунин таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо ва танзими амалияро муайян мекунанд.

Тавре аз андешаҳои мазкур бармеояд, сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷузъи таркибии сиёсати ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Ба андешаи Б.З. Кушхова, «сиёсати ҳуқуқӣ ба танзими соҳаи ҳуқуқ нигаронида шудааст, ки бо воситаҳои ҳуқуқии худ қодир ба муносибгардонии муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, экологӣ ва ғайра мебошад» [203, с. 25].

Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ мафҳуми мураккаб буда, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба таври мухталиф таъриф дода шудааст. Аслан, аввалин маротиба мафҳуми «сиёсати ҷиноятӣ» соли 1804 дар асарҳои криминалисти машҳури немис Анселм Фейербах истифода шуда, баъдан дар фазои илмӣ васеъ истифода гардидааст [77, с. 6]. Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ин сиёсати давлат дар соҳаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ мебошад. Ин як ҷузъи сиёсати дохилӣ ва иҷтимоии давлати мост, зеро он ба коҳиш додани ҷинояткорӣ дар кишвар нигаронида шудааст, ки дар навбати худ боиси кам шудани шумораи ҷабрдидагони ин ҳуқуқвайронкуниҳо ва ба ин васила баланд

шудани амнияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии мардум дар ҷомеаи мо мегардад.

Дар баъзе адабиёти хориҷӣ мафҳуми сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбатан васеътар шарҳ дода шуда аст. Чунончи, баъзе муҳаққиқон мазмуни онро бо муайян кардани вазифаҳо ва самтҳои мубориза бо ҷинояткорӣ алоқаманд медонанд. Ҳамзамон, дар сохтори мазмуни сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ ду самти назорати иҷтимоӣ аз болои ҷинояткорӣ - пешгирии ҷиноятҳо ва назорати худи ҷиноятҳоро фарқ менамоянд [91, с. 14]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ баҳри мубориза бо ҷинояткорӣ таҳия ва роҳандозӣ гардида, як ҷузъи сиёсати иҷтимоию ҳуқуқӣ ва давлатӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оварда шудааст, ки фаъолияти давлатро дар соҳаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ (комилан ё дар қисми муайяни он) одатан сиёсати ҷиноятӣ меноманд [77, с. 7]. Дар ин хусус И.А. Кузнетсова қайд мекунад, ки: «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ин фаъолияти давлат оид ба банақшагирӣ ва татбиқи тадбирҳое мебошад, ки ба муқобили ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ тавассути такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он нигаронида шудааст» [161, с. 109]. Ба андешаи И.А. Исмоилов, «Сиёсати ҷиноятиро метавон ҳамчун самти фаъолияти давлат, ки дар сатҳи роҳбарии сиёсӣ, идоракунӣ, қабул ва татбиқи қарорҳои мушаххас амалӣ карда мешавад ва ҳадафи асосии муайян ва татбиқи вазифаҳо, шаклу мундариҷа, чораҳои мақсаднокро дорад, тавсиф кардан мумкин аст, ки баҳри мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ташкил ва таъмини фаъолият ва рушди оптималии ин низом дар заминаи дурусти идеологӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, захиравӣ ва дар ҳамкорӣ бо дигар низомҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст» [48, с. 127].

Дар баробари ин андешаҳои гуногун ва дар баъзе мавридҳо ба ҳам мухолиф оид ба хусусиятҳо ва нишонаҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷуд аст. Чунончи, С.С. Босхолов қайд мекунад, ки «ба сифати

хусусиятҳои сиёсати ҷиноятӣ бояд чунин нишонаҳои он фаҳмида шавад: 1) сиёсати давлатии мубориза бо ҷинояткорӣ бояд дар санадҳои дастурии дахлдор (қонунҳо, фармонҳои Президент, қарорҳои ҳукумат, барномаҳо, стратегияҳо ва м.и.) ифода ёфта бошад; 2) он бояд бо назардошти назарияи илмӣ ва синтези донишҳои дахлдори ҳуқуқӣ, сиёсӣ, сотсиологӣ ва диг. асоснок карда шуда бошад; 3) он дар шакли намуди махсуси фаъолияти иҷтимоӣ асос ёфта бошад, ки ба муқовимати фаъолона ба ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар нигаронида шуда бошад» [23, с. 33].

Ҳамин тавр, аз мафҳумҳои зикршуда бармеояд, ки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ин маҷмуи тадбирҳои андешидаи давлат баҳри мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад, ки баҳри самаранокии такмили қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ ва ғ. равона карда шудааст. Чунин хулоса бармеояд, ки сарфи назар аз таҳқиқоти сершумори ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти сиёсати ҷиноятӣ фаҳмиши ягона, дақиқ ва пурраи мафҳум, маънои он, предмет ва сохтори сиёсати ҷиноятӣ, инчунин, робита бо дигар мафҳумҳои ба ҳам алоқаманд вуҷуд надорад.

Дар илми ҳуқуқ назарияи давлат ва ҳуқуқ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми сиёсати ҷиноятӣ бо тарзҳои гуногун муайян карда мешавад, вале ҳамаи муаллифон эътироф мекунанд, ки сиёсати ҷиноятӣ қисмати ҳуқуқӣ буда, дар навбати худ як қисми сиёсати давлатӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати ҷиноятӣ бояд принсипҳои асосӣ, самтҳои сиёсати умумии давлатӣ ва ҳуқуқӣ ба назар гирифта шаванд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар тадбирҳои давлат оид ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нақши муҳим дорад ва дар асоси он стратегия ва тактикаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ таҳия карда мешавад. Аммо, дар кишвар дар самти такмил ва рушди қонунгузории ҷиноятӣ ягон стратегия ба назар намерасад.

Татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва ба амал баровардани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз таҳия ва роҳандозӣ намудани стратегияҳои давлатӣ вобастагии калон дорад.

Дар таълимоти баъзе аз муҳаққиқон унсурҳои таркибии сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Ин раванд ба сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ низ тааллуқ дорад. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятиро аз сиёсати криминологӣ ҷудо кардааст ва онҳоро таркибҳои ҷудогона ва мустаҳқил меҳисобад, ки чандон асоснок намебошад. Ба андешаи ӯ сиёсати ҷиноятӣ бо ҷинояткорӣ, бо пешгирӣ ва назорати иҷтимоӣ аз болои он алоқаманд аст. Дар натиҷаи татбиқи сиёсати ҷиноятӣ қонунгузории муосири ҷиноятӣ бояд мутобиқ будани он ба воқеият; самаранокии истифодаи он; кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки дар ҳақиқат содир шудаанд, душвориҳои дар амал татбиқ намудани меъёрҳои алоҳидаи қонуни ҷиноятӣ; оқибатҳои иҷтимоии татбиқи ҷазоҳо ва ғайра назорат карда шавад. Ба андешаи Н.Т. Матеева, ғояи бунёдии ислоҳоти сиёсати ҷиноятӣ дар замони муосир ин иваз кардани хусусияти репрессивии сиёсати ҷиноятӣ бо сиёсати ҳуқуқбарқароркунанда иборат мебошад. Роҳи ҳалли аз буҳрони ҷазодиҳӣ баромадани ҷамъият, пеш аз ҳама, дар тағйир додани амалияи муқарраршудаи дахолати куллии давлат ба ҳамаи мавридҳои муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дида мешавад [169, с. 153].

Мавриди тазаккур аст, ки вазъи кунунии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, дар набудани асосҳои консептуалии ба таври мушаххас муайян ва дар сатҳи зарурӣ қабулгардидаи сиёсати давлатӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ба таври умумӣ ошкор мегардад; дуюм, он дар вуҷуд доштани андешаҳои ҷудогонаи ба истилоҳ хоссаи самтҳои рушду инкишофи сиёсат ва воситаи пешбурди мубориза бо ҷинояткорӣ, дастуру ҳидоятҳое, ки дар мақомоти давлатӣ ба таври номуназам ба миён омада, дар амал татбиқи худро меёбанд, ба мушоҳида мерасад; сеюм,

нишондиҳандаи чунин вазъ метавонад раванди деструксия ва десистематизатсияи (низомзудоии) қонуни ҷиноятӣ бошад, ки он дар натиҷаи ворид гардидани тағйироту иловаҳои зиёд ба қонуни ҷиноятӣ аз ҷониби қонунгузор ба миён омадааст.

Дар кишвари мо низ сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ бо ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ, ҳуқуқию идеологӣ ва ғ. роҳандозӣ гардида истодааст. Баҳри такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ дар ҷумҳурӣ сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ тавассути таҳия ва роҳандозӣ намудани консепсия ва барномаҳои давлатӣ татбиқ карда мешавад. Дар ин хусус А.Р. Неъматов дуруст қайд намудааст, ки: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмуи асосии масъалаҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин масъалаҳое, ки ба танзими қонунгузорӣ ниёз доранд, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос ёфтааст» [176, с. 69]. Вобаста ба ин раванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 ноябри соли 2013 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон таҳти №492 қабул гардид ва он дар ду марҳала татбиқ шуд, марҳилаи якум солҳои 2014-2017 ва марҳалаи дуюм солҳои 2018-2020 фаро гирифт. Дар Консепсияи мазкур вобаста ба масъалаи қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмил додани қонунгузории миллӣ дар ин самт, ба роҳ мондани фаъолияти дурусти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва идоракунии давлатӣ, ҷалби субъектони дигар ба фаъолияти мубориза бо ҷинояткорӣ, таҳлил ва таҳқиқи илмию амалии вазъи ҷинояткорӣ дар кишвар ва ғ. муқаррар карда шудааст.

Ба андешаи таҳиякунандагони Консепсия барои таҳияи нақшаҳои дарозмуддат ва солонаи фаъолияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи инсон, ҷомеа ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ бо воситаҳои қонунгузории ҷиноятӣ, омода намудани лоиҳаи санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи он, инчунин асос барои баҳодиҳӣ ва ислоҳи минбаъдаи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ нигаронида шудааст [190, с. 90]. Бояд гуфт, ки сиёсати ҷиноятӣ ҷузъи таркибии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи он таҳия ва роҳандозӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки баҳри татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ Консепсияи нав - Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018 таҳти рақами №1005 [7] тасдиқ карда шуд. Дар Консепсияи мазкур омадааст, ки меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо, гуногунандешии сиёсӣ, баробарии шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, рақобати озод дар иқтисодиёт ташкил медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқии ҶТ бо дар назар доштани арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамоҳангсозӣ ва якхелакунии қонунгузории давлатҳо ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳонӣ, рушди муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, таъсиси иттиҳодҳои нави ҷаҳонӣ ва минтақавии байни давлатҳо, таҳдиду хатарҳои нави ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ ба коҳиш додани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ, муқовимат бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо), ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона карда мешавад [128, с. 254]. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ накши стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ хеле калон мебошад.

Дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ ва ҳолатҳои дигари ба он алоқаманд коркард намудан ва қабул гардидани чунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ амри зарурист. Чунончи, В.А. Авдеев қайд мекунад, ки: «... зарурати қабули Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ бо мақсаднок будани муайянкунии ҳуқуқии самтҳои асосии мубориза бо ҷинояткорӣ аз

ҷониби давлат муайян карда мешавад» [111, с. 28]. А.Р. Неъматов қайд мекунад, ки «Консепсияҳо аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ таҳия гардида, моҳият, мақсад, самтҳо, афзалиятҳо ва меъёрҳои самаранокии фаъолияти қонунэҷодкунӣ ва ҳифзи ҳуқуқро дар соҳаи ҳифзи шахсият, ҷамъият ва давлатро аз таҷовузҳои ҷиноятӣ бо воситаи қонунгузории ҷиноятӣ рафъ намуда, зарурати таҳия намудани лоиҳаҳои қонунҳо, муқоисаи онҳо бо қонунҳои амалкунанда, омӯхтан ва муайян кардани мувофиқати қонунҳои қабулшуда ба талаботи замон ва ҷамъиятро возеҳ муқаррар намуд. Барои татбиқи Консепсияҳо барномаҳои дахлдори давлатӣ таҳия карда шуданд. Ҳуҷҷатҳои барномавӣ як навъ дастурамал барои мақомоти давлатӣ, аз ҷумла парламент дар амалисозии фаъолияти қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои мубрами низоми қонунгузории кишвар гардидаанд» [176, с. 69].

Сиёсати ҳуқуқии ҳар як кишвар бояд аввалан ифодакунандаи сиёсати давлатии ҳар як давлат дар самти ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқии он бошад. Низоми ҳуқуқии миллии ҳар як давлат бо назардошти шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсию фарҳангӣ, одату анъанаҳои халқи ҳар як кишвар, минталитети миллӣ ва ҳолатҳои дигари ҷуғрофии давлат ташаккул ва рушд менамояд. Низоми қонунгузории миллӣ дар асоси низоми ҳуқуқӣ ташаккул меёбад ва ин ҳолатҳоро дар худ таҷассум менамояд. Аз ин лиҳоз, шароитҳои зикргардида дар коркард намудан ва созмон додани санадҳои муҳимми стратегии давлат низ бояд ба инобат гирифта шаванд, чун ин санадҳо бо мақсади амалӣ намудани нишондодҳои қонунгузорӣ равона карда шудаанд. Сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ низ бояд сараввал ифодакунандаи қонунгузории кишвар дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ равона карда шуда бошад. Дар ин хусус, Т.К. Акимжанов дуруст қайд менамояд: «... мазмуни сиёсати

ҷиноятии ҳар як давлат ҳамеша бо фасли ҷазоҳои Қисми умумӣ ва санксияҳои дар моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинишуда алоқаманд аст» [118, с. 131]. Аз ин андеша бармеояд, ки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ баҳри такмили мазмуну сохтор ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ равона гардидааст.

Стандартҳо ва Барномаҳои давлатӣ аслан барои муҳлати муайян қабул карда мешаванд. Дар муддати амалашон фаъолияти сохторҳои давлатӣ, созмонҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон дар амалӣ намудани он иштирок мекунанд. Бояд қайд намуд, ки новобаста аз амали муҳлатнокашон чунин санадҳои давлатӣ барои муҳлати номуайян заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалии фаъолиятро муқаррар менамоянд. Чунончи, барои амали намудани нишондодҳои стандартҳои давлатӣ ва ё сиёсати ҳуқуқӣ, ки ба муддати муайян қабул карда шудааст, санадҳо ва барномаҳои амал қабул мегарданд, санадҳои қонунгузорӣ, қарорҳои мақомоти марказӣ ва маҳаллии мақомоти давлатӣ, мақомотҳои соҳавӣ (Прокуратура, суд, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар) ва ғ. қабул карда мешаванд, ки барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти соҳавии мақомотҳо, шароити моддию техникӣ, омода намудани кадрҳои тахассусманд ва м.и. равона карда шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳои раҳнамо ва иҷроия баҳри амалӣ намудани нишондодҳои санадҳои барномавӣ ва стратегияҳо қабул гардида, баъди ба итмом расидани муҳлати фаъолияти онҳо низ амалӣ карда мешаванд. Сарфи назар аз он ки муҳлати амали консепсияи мазкур гузаштааст ва бисёре аз муҳаққиқон аз иҷроиши вазифаҳои он изҳори назар кардаанд, вале масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ то кунун ба андешидани тадбирҳои давлатӣ вобаста мебошад.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ атрофи амали ҳуҷҷатҳои стратегии дар ҷумҳурӣ қабулгардида баҳсҳои илмӣ зиёданд. Чунончи, А.Р. Нематов қайд

кардааст, ки «... татбиқи муқаррароти консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар як муддати кӯтоҳ асосан амалӣ гардид. Аммо вазифаи асосие, ки дар назди он қарор дошт, қисман амалӣ гардид» [176, с. 70]. Р.Р. Юлдошев низ баъзе хулосаҳо ва тавсияҳои баҳсбарангезро атрофи амалӣ гаштани Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод намудааст. У қайд мекунад, ки «Хусусияти баҳсбарангези ин таҳлил бояд ба беҳсозии минбаъдаи сиёсати ҷиноятӣ, эҳёи баҳсҳои илмӣ ва рушди самтҳои мушаххаси ояндадор бо назардошти ҳама ҳолатҳое мусоидат кунад, ки дар якҷоягӣ сиёсати ҷиноятии Тоҷикистон метавонад ба ташаккул ва рушди минбаъдаи ҷомеа таъсири мусбӣ расонад. Дар навбати худ, сиёсати ҷиноятӣ ҳангоми ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муносибати ҳамаҷониба ва мунтазамро талаб мекунад. Ихтилофот дар қабули қонунҳои асосӣ ва ба эътибор нагирифтани хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, ба ҳамдигар вобастагии онҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ боиси ихтилофот ва нофаҳмиҳо мегардад» [190, с. 92]. Андешаҳои мазкур бори дигар мубраммияти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятиро дар татбиқи сиёсати ҷиноятии кишвар ифода мекунанд. Бинобар ин, зарур аст, ки консепсияи мазкур дар таҳрири нав ва мувофиқ ба талаботи замону меъёрҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шавад, чун ин гуна санадҳо на танҳо ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ, балки ба амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ таъсири мусбат мерасонад.

Дар марҳилаи ҳозира равишҳои гуногуни консепсия, принсипҳо, самтҳо, шаклу усулҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати ҷиноятӣ дар асарҳои олимони ватанӣ А.Р. Нематов, Р.Р. Юлдошев, Р.Ш. Шарофзода, А.И. Сафарзода, Ш.Т. Шарипов, У.А. Азиззода ва муҳаққиқони хориҷӣ Н.А. Беляева, Ю.В. Голик, А.Н. Игнатова, А.И. Коробеева, Н.А. Лопашенко, П.Н. Панченко ва дигарон ба назар мерасанд. Ба андешаи Н.А. Лопашенко, мазмуни сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ

бояд фарогири унсурҳое бошад, ки дар он «... ташаккул ва рушди назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ, амали фаъолияти субъектони татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ, натиҷаҳои интизорӣ аз амалишавии нишондодҳои консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, хулосаҳо аз натиҷаҳои татбиқи нишондодҳои ин ҳуҷҷатҳо ва ғ.» [64, с. 270]. Ҳамзамон консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ баҳри муайян кардани принсипҳои таъсири қонуни ҷиноятӣ ба ҷиноят, бо назардошти принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва риояи қонун, ҷудо кардани кирдори ҷиноятӣ аз ҷиноятҳои дигар, принсипҳои умумии ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ бояд иборат бошанд.

Дар ҳамин замина шаклҳои асосии татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятиро В.А. Авдеев ва О.А. Авдеева чунин қайд кардаанд: «... фаъолияти қонунгузорӣ, ки такмили қонуни ҷиноятиро таъмин менамояд; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад; фаъолияти мақомот ва муассисаҳои салоҳиятдори давлатӣ ва ғайридавлатӣ оид ба огоҳонӣ ва пешгирии ҷиноят; тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон; баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ ва рафъи нигилизми ҳуқуқӣ» [113, с. 19].

Вале аз ҷониби олимони машҳури назарияи ҳуқуқ ва давлат моҳияти илмӣ ва илмию стратегии консепсияҳои сиёсати ҳуқуқӣ дастгирӣ мешаванд, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ низ аз он орӣ нест. Чунончи, ба андешаи А.В. Малко, «... сиёсати ҳуқуқӣ дар ҳар кишвар нақши асосӣ ва заминавии илмӣ дорад, зеро маҳз ба воситаи институтҳои ҳуқуқӣ давлат метавонад ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва рушди минбаъдаи қонунгузории соҳавии миллиро коркард намояд. Ин омил хусусияти таъсири дурударози танзимнамоӣ, ислоҳӣ ва рушди кишварро дар самтҳои гуногун муқаррар месозад» [168, с. 10]. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ низ дар навбати худ, афкорест, ки дар сатҳи илмӣ ва

ташкилию амалӣ асоснок карда, мақсадҳо, вазифаҳо, самтҳо, моҳият, маҳдудият, муҳлат ва самарабахшии дигаргунсозиҳои ҳуқуқиро муайян мекунад. Зарурати дар шароити навсозии муосири низоми ҳуқуқӣ таҳия намудани асосҳои консептуалии сиёсати ҳуқуқиро Н.В. Исаков дар се ҷузъи асосӣ нишон додааст: «асосноккунӣ дар консепсияи мақсадҳои сиёсати ҳуқуқӣ; воситаҳои мутамаддини сиёсати ҳуқуқӣ; тадбирҳое, ки ба ноил шудан ба мақсадҳои сиёсати ҳуқуқӣ нигаронида шудаанд» [179, с. 120].

Умуман, сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳи бисёре аз олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, дар адабиёти ҳуқуқӣ атрофи он ягонафикрӣ ҷой надорад. Мазмуни асосии сиёсати мазкур татбиқи дурусти қонунгузории ҷиноятӣ ва самаранокии он мебошад, ки дар заминаи на танҳо Кодекси ҷиноятӣ, балки дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Масъалаи дигаре, ки бояд таҳлил карда шавад ин самтҳои ислоҳоти сиёсати ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Самтҳои ояндадор барои ислоҳоти сиёсати ҷиноятӣ ба таври ғайрирасмӣ инҳоянд: татбиқи принсипи сарфакоронаи таъқиб (аз ҷумла декриминализатсия кардани аксарияти кирдорҳои начандон вазнин ва хавфнок бо ба категорияи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё маданӣ гузаронидани онҳо дар шароити гуманизатсияи умумии сиёсати ҷиноятӣ); татбиқи принсипи ногузирии ҷавобгари; афзалияти фаъолияти пешгирикунанда дар соҳаи татбиқи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ; таваҷҷуҳ ба хусусияти барқарорсозии сиёсати ҷиноятӣ, ки ҳуқуқи ҷабрдидагонро таъмин мекунад; ташаккули шуури ҳуқуқии аҳолӣ [169, с. 153-154].

Самарабахш будани сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷумла сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ аз зумраи масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро мавҷудияти қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ дар ин самт барои мубориза бо ҷинояткорӣ ва ислоҳоти муваффақи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мақсаднок

хоҳад буд. Ба андешаи Ю. Голик ва И. Рагимов, масъалаи мубрами сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ инкишофи шаклҳои самарабахши вокуниш ба шакл ва навъҳои пайдошудаи ҷиноят мебошад [143, с. 123]. Бо назардошти он ки ҷиноят як падидаи иҷтимоӣ буда, мавҷудияти он сабабҳои объективӣ дорад. Дар ҷомеа, ки содир намудани ҷиноятро муайян мекунанд, сиёсати ҷиноятии давлатро оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бояд ҳамчун фаъолияти низомноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва дигарон ба роҳ монд. Барои рафъ намудани сабабҳои объективии ҳуқуқвайронкуниҳо, хосатан ҷиноят, ки хавфи бештар ба ҷомеа дорад ва аз байн бурдани шароитҳои субъективии содир гардидани онҳо бояд чораҳои маҷмуӣ дида шавад. Дар ин самт ҳама усулҳои муқовимат бо ҳуқуқвайронкунӣ, ки муносибу исботшуда мебошанд, тавассути боваркунонӣ, ҳавасмандгардонӣ ва маҷбуркунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ карда шаванд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зикр шудааст, ки «Татбиқи самараноки қонуни ҷиноятӣ тарҳрезии консептуалии принсипҳо ва тартиби гузаронидани мониторинги дурусти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин истифодаи маҷмуии моделсозии ҳуқуқӣ, пешгӯии иҷтимоӣ ва дигар усулҳои таҷрибавиро талаб мекунад. Ҳамзамон, фаъолияти қонунгузорӣ бояд аз ҳисоби чунин принсипҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ, ба монанди принсипи муттасилӣ ва асолати низоми ҳуқуқӣ асос ёбад» [179, с. 120-121]. Дар ин хусус И.А. Кузнетсова қайд мекунад, ки: «Дар баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ ва татбиқи онҳо нақши калон мебозад. Принсипҳои сиёсати ҷиноятӣ чунин ғояҳои бунёдии мубориза бо ҷинояткорӣ мебошанд, ки дар худ хусусияти стратегӣ, пешрафта ва пешгӯишаванда доранд, ки дар асоси онҳо муқаррароти консептуалӣ таҳия ва фаъолияти мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ, ки сиёсати ҷиноятиро амалӣ мекунанд, бояд амалӣ карда шаванд» [161, с. 10]. Дар Консепсия сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, муқаррар гардидааст, ки «... таъмини иттилоотии самараноки сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, мутобиқ гардонидани низоми ташаккул, таҳлил, пешниҳоди оммавӣ ва арзёбии маълумот дар бораи натиҷаҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ва дурнамои рушди онро талаб менамояд. Таъмини илмӣ-методии самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ба таври дахлдор ҳамроҳкунии доктриналии онро дар ҳамаи марҳалаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар назар дорад» [8].

Самаранокии татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат буда, он на танҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар доираи таҳқиқотҳои илмӣ низ муайян карда мешаванд. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ имконият фароҳам меоварад, ки вазифаҳои дар назди сиёсати мазкур гузошташуда амалӣ гардида, ба натиҷаҳои судманд бурда расонад. Татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо дар Тоҷикистон эҳтимоли зиёд тавассути навсозии институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва қонунгузории марбут ба масъалаҳои ҷавобгарӣ ва ҷазо сурат хоҳад гирифт. Баъзе институтҳои ҷазо тавассути истифодаи чораҳои пешгирикунандаи алтернативӣ ва намудҳои ҷазои ҷиноятӣ, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд, гуманизатсия кардани ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазои ҷиноятӣ, муайян намудани ҷазои ҷиноятӣ нисбатан вазнин барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, фаромиллӣ ва кибер-ҷиноятҳо ва м.и. дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани сиёсати ҳуқуқӣ такмил дода мешаванд.

Яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ин мувофиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба талаботҳои принсипи инсондӯстӣ ба ҳисоб меравад. Гуманизатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз рукнҳои

тамоми сиёсати ҳуқуқии давлат боқӣ мемонад. Дар ин хусус М.М. Маҳмудов қайд мекунад, ки: «Кишвари мо аз замони ба даст овардани истиқлолият ҷиҳати ташаккули низоми ҳуқуқии муосир, ки ба принсипҳои асосии давлати демократӣ мувофиқ бошад, иқдомҳои фаъол меандешад. Маънои ҳақиқии гуманизатсия дар ҷумҳурӣ на танҳо ва на он қадар сабук кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ, балки ба вуҷуд овардани низоми дифференсиалӣ ва фасеҳи ҷазои ҷиноятиро дорад, ки ба давлат имкон медиҳад то воситаҳои ҷазоро сарфа намуда, усулҳои дигари ҷазо додани шахси гунаҳгорро васеъ истифода барад» [170, с. 67]. Ба талаботҳои принсипи инсондӯстӣ мувофиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ моро водор менамояд, ки баъзе ҷиноятҳои хавфи камтари ҷиноятӣ доштаро декриминализатсия намуда, ҷавобгарии ҷиноятии баъзе ҷиноятҳои дигарро сабуктар созем.

Ҳамин тавр, зимни таҳлилу баррасии масъалаи такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ чунин хулосаҳоро манзур кардан мумкин аст:

1. Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки татбиқи «ислоҳоти васеъмиқёси ҳуқуқиро» дар тамоми соҳаҳои низоми ҳуқуқӣ муайян кардааст, баланд бардоштани самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ тавассути қабули консепсия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки стратегии фаъолияти давлат эътироф карда мешавад. Дар ин самт муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо ва асосноксозии принсипҳои бунёдии навсозии қонунгузории ҷиноятӣ зарур мебошад. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар заминаи навсозии низоми ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоти мубрам, ки дар раванди таҳаввули низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меоянд, тавассути истифодаи маҷмуии донишҳои илмӣ-назариявӣ, қонунгузорӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ ва дигар захираҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад.

2. Самаранокии татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат мебошад, он на танҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар асоси таҳқиқоти илмӣ-амалӣ низ муайян карда мешаванд. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ имконият фароҳам меорад, ки вазифаҳои дар назди сиёсати давлат гузошташуда амалӣ гардида, барои расидан ба натиҷа ва ҳадафҳои судманд бурда расонад. Татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо дар Тоҷикистон тавассути навгонии институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва қонунгузории марбут ба масъалаҳои ҷавобгарӣ сурат мегирад.

3. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми сиёсати ҷиноятӣ бо тарзҳои гуногун муайян карда мешавад, вале ҳамаи муаллифон эътироф мекунанд, ки сиёсати ҷиноятӣ қисмати сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар навбати худ як қисми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияи сиёсати ҷиноятӣ бояд принсипҳои асосӣ, самтҳои сиёсати умумии давлатӣ ва ҳуқуқӣ ба назар гирифта шаванд. Ҳамин тавр, сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ин маҷмуи тадбирҳои андешидаи давлат баҳри мубориза бо ҷинояткорӣ мебошад, ки баҳри самаранокии такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ равона карда шудааст. Консепсияи сиёсати ҷиноятӣ дар тадбирҳои давлат оид ба муқовимат ба ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ нақши муҳим дорад ва дар асоси он стратегия ва тактикаи мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ таҳия карда мешавад.

4. Татбиқ нашудан ва самаранок набудани сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз омилҳои зерин вобаста мебошанд: набудании сиёсати мақсадноку ҳадафманди ҳуқуқиву ҷиноятӣ ва алоқаманд ба ин дорои самти мушаххас набудани тағйироту иловаҳои воридкардашуда ба қонуни ҷиноятӣ; аз ҷиҳати криминологӣ ва иҷтимоӣ асоснок набудани

техникаи ҳуқуқӣ ва қоидаҳои меъёрии қонуни ҷиноятӣ; сифати пасту ба талабот ҷавобгӯ набудани техникаи умумии ҳуқуқии қонуни ҷиноятӣ, мавҷуд будани ихтилоф, ноҳамоҳангӣ ва номутобиқатиҳои дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавии қонунгузории ҷиноятӣ, вуҷуд надоштани консепсияи ягонаи дақиқу мушаххас вобаста ба манбаъҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ; вуҷуд доштани норасоӣ ва зиёд будани ҳолату мавридҳои криминализатсияи рафтору амал, вуҷуд надоштани афзалияту авлавиятҳои муҳофизати ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ; вуҷуд надоштани консепсияи илмӣ-назариявӣ ва меъёрии пайваставу муназзами мазмуну шакли аксуламали ҷиноятиву ҳуқуқӣ нисбат ба ҷиноят, таносуби ҷазо ва дигар чораҳои дорои характери ҷиноятӣ ҳуқуқӣ; вуҷуд доштани фосила ва чаҳорчӯбаҳои хеле васеъ ва ғайриқабул на танҳо ҳангоми муайян кардани ҷазоҳои ҷиноятӣ, балки дар аснои муайн ва мушаххас кардани асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ғ.

## 3.2. Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ

Масъалаи такмил додани қонунгузории ҷумҳурӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ баҳри боз ҳам дар сатҳи беҳтар танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ҷиноят ва ҷазо равона гардида, яке аз вазифаҳои муҳимми ҳар як давлати соҳибистиқлол мебошад. Дар давлати ҳуқуқбунёд бо рушди муносибатҳои иҷтимоӣ зарурати такмили қонунгузорӣ ба миён меояд, ки татбиқи ин вазифа соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро низ фаро мегирад. Тавре Т.Ш. Шарипов қайд менамояд барои фаъолияти эътиноии мақомоти давлатӣ дар муқобили болоравии нишондодҳои ҷиноятқорӣ дар кишвар самараи дилхоҳ диҳад он бояд устувору бардавом буда, саривақт такмил дода шавад. Такмили саривақтӣ ва илман асоснокёфтаи қонунгузории

ҷиноятӣ дар марҳалаи ҳозира яке аз қисмҳои таркибии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии давлат мебошад [185, с. 113].

Дар шароити босуръати ҷаҳонишавӣ, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ шаклу мазмуни худро иваз намуда, ҳамзамон муносибатҳои нави ҳуқуқӣ пайдо шуда истодаанд, зарурати такмили қонунгузории ҷиноятиро дучанд меафзояд. Ба андешаи А.Р. Неъматов, «... дар марҳилаи ҳозира дар шароити инкишофи демократии давлат қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун муҳимтарин воситаҳои танзими муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ баромад карда, манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлатро аз таҷовузи ҷиноятӣ ҳифз менамояд ва барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноятӣ мутобиқ карда мешавад. Ҷаҳонишавӣ, пайдоиши шаклҳои нави кирдорҳои ҷинояткорона, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷинояткорӣ ва м.и. аз давлат тақозо мекунад, ки қонунгузории ҷиноятиро давра ба давра такмил дода, бояд ба мубориза бо чунин зуҳурот омода бошад» [176, с. 70].

Барои расидан ба чунин ҳадафҳо шаклҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ бояд дар сатҳи зарурӣ татбиқ карда шаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ шаклҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқиро ба ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷудо менамоянд [105, с. 938].

Яке аз шаклҳои асосии амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ ин сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, ки бевосита барои қабул намудан, тағйир додан ва бекор кардани меъёрҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ равона гардидааст. «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолияти субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба муайян намудани, мақсадҳо, воситаҳо, усулҳо, режимҳои танзими ҳуқуқӣ мебошад» [105, с. 938].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳама соҳаҳои ҳуқуқ, аз он ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ равона гардидаанд. Ин вазифаҳо дар маҷмуъ такмили

сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти талаботҳои нави дар ҷомеа ба амал омада ба роҳ монда мешаванд. Мақсади дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ин мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ мебошад. Дар натиҷаи ҳуқуқэҷодкунӣ мониторинги мунтазами қонунгузорӣ ва мувофиқнамоии онҳо бо талаботҳои ташкилоту иттиҳодияҳои байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад. Ҳамзамон амалӣ намудани вазифаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ба беҳтар намудани мураттабсозии санадҳои меъёри ҳуқуқӣ, такмил ва риояи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва дар натиҷа ба таъмин намудани сифати қонун мусоидат менамояд.

Яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятиро низ фаро мегирад, ин муайян намудани дурнамои инкишофи қонунгузорӣ маҳсуб мешавад. Бо ҳамин мақсад бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 19 феврали соли 2011 «Консепсияи дурнамои инкишофи қонунгузорӣ» [9] тасдиқ шудааст. Санади мазкур ба сифати афзалиятҳои инкишофи қонунгузорӣ баланд бардоштани сатҳ ва сифати қонунҳо ва амалисозии самараноки онҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс, соҳибихтиёрии давлат, манфиатҳои миллӣ, амният, тамомияти арзии давлат, таъмини волоияти қонун, ислоҳоти ҳуқуқӣ, афзун намудани фарҳанги ҳуқуқӣ, инкишофи сохторҳои демократӣ, пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткорӣ, аз байн бурдани ихтилофот дар қонунгузорӣ мутобиқ намудани қонунгузорӣ бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва диг. муайян кардааст.

Масъалаи такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ низ аз Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ сарчашма мегирад. Такмили қонунгузории ҷиноятӣ аслан тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллиро оид ба танзими

муносибатҳои ҷиноятӣ фаро мегирад. Аз ин рӯ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсияи ҶТ (1994) ва қонунҳои нав алоқаманд мебошад. Доир ба такмили масъалаҳои асосҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар замони муосир олимони ватанӣ У.А. Азиззода [13, с. 308], Т.Ш. Шарипов [186, с. 595], И.Х. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов [128, с. 254], С.Э. Баҳриддинзода [122, с. 14-16] ва дигарон андешаҳои арзишманди илмиро ироа намудаанд.

Татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахси ҷинояткор як қатор оқибатҳоро ба вуҷуд меоварад, ки зимни такмили қонунгузории ҷиноятӣ онҳо бояд дар асоси принсипи инсондӯстӣ ба инобат гирифта шаванд. Дар ин хусус Б.К. Шнарбоев қайд мекунад, ки ҷазо ба ҷинояткор ҳамеша мусибатҳои муайян ва азобу уқубат меорад. Онҳо метавонанд хусусияти ҷисмонӣ, маънавӣ, моддӣ ва дигар бошанд. Ҳангоми ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда аз як қатор ҳуқуқҳои шахсӣ маҳдуд мешавад ва аз ҳама муҳимаш аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Ҳангоми татбиқи ҷарима ва мусодираи молу мулк ба маҳкумшуда, вазъи моддии ӯ бад мешавад [106, с. 9], чунин андеша дар таҳқиқоти анҷомдодаи З.Х. Зокирзода низ ироа шудааст. Ба андешаи Т.К. Акимжанов бошад, қонунгузории ҷиноятӣ бояд нисбат ба ҷинояткороне, ки борҳо маҳкум шудаанд, қасдан ҷиноят содир мекунанд, сахтгир ва ҳатто бераҳмона бошад, ҳузури онҳо дар ҷомеа барои дигарон хавфи зиёд дорад. Онҳо, албатта, бояд аз ҷомеа ҷудо нигоҳ дошта шаванд. Дар баробари ин, конунгузории ҷиноятӣ бояд нисбат ба шахсони бори аввал ҷиноят содиркарда, хусусан дар бораи ҷиноятҳое, ки аз хунукназарӣ содир шудаанд, муносибати инсондӯстона зоҳир намояд [118, с. 132]. Бинобар ин, давлатро зарур аст, ки зимни такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз як тараф талабот ва зуҳуротҳои манфии ҷомеаи муосир ва аз тарафи дигар, муқаррароти меъёрҳои байналмилалӣ ва принсипҳои инсондӯстонаро ба роҳбарӣ гирифта,

манфиати давлату ҷомеа ва шаҳрвандонро дар мувозинати ҳуқуқӣ ҳифз намояд.

Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад «соли 1998 дар ҶТ Кодекси ҷиноятии нав қабул гардида, санади зикршуда Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистонро аз соли 1961 бо худ иваз намуд» [156, с. 41]. Як гурӯҳ олимони ватанӣ дар хусуси қабули санади мазкур қайд мекунанд, ки «бо ба даст овардани истиқлолият дар ҶТ масъалаи омода ва қабул кардани қонуни нави ҷиноятии кодификатсияшуда, ки ба воқеияти он замон бояд мувофиқ бошад, ба миён омад. Вазъияти криминогение, ки дар солҳои 1991-1997 дар кишвар ба вуҷуд омада буд, на танҳо ба амнияти миллӣ, балки ба амнияти минтақавӣ низ таҳдид мекард» [128, с. 254]. Дар ин бобат З.Х. Зокирзода илова менамояд, ки «Кодекси мазкур ... дар заминаи анъанаи қонунгузории ватанӣ бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи демократии дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ омода шудааст» [101, с. 22]. Мавриди зикр аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қабули санади мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар қадами бузург ба ҳисоб мерафт.

Бояд зикр намуд, ки танзими муносибатҳои ҷиноятӣ танҳо бо қабули Кодекси ҷиноятӣ самаранокии онро нишон намедиҳад. Барои ин, санади қабулгардида бояд пайваста мавриди такмилдиҳӣ қарор дода шавад, то ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамқадам бошад. Бо ин мақсад, Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуд, ки дар миёни онҳо Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Маълум аст, ки санадҳои мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ нақши калон гузоштаанд. Бояд гуфт, ки усули асосии такмили қонунгузории ҷиноятӣ ин ворид намудани тағйиру иловаҳо, аз ҷумла криминализатсия ва

декриминализатсия ба ҳисоб меравад. Тавре С.Э. Баҳриддинзода қайд менамояд, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалҳои гуногун анҷом медиҳанд, аз ҷумла криминализатсия ва декриминализатсияи кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок тавассути қонунгузорӣ [122, с. 15]. Аз таҳқиқот бармеояд, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар натиҷаи амалӣ кардани криминализатсия ва декриминализатсия ва умуман ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ба роҳ монда мешавад.

Дар асоси андешаҳои мазкур метавон қайд намуд, ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шуда, марҳила ба марҳила мавриди такмилдиҳӣ қарор гирифтааст. Дар ин хусус низ дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳо зиёданд. Аз ҷумла, И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов қайд мекунанд, ки «дар давоми 25 соли амали ин санади муҳим муқаррароти бунёдии он бо ворид намудани тағйироту иловаҳои гуногун, ғайрисистемавӣ ва аксаран беасос ноустувор карда шуданд. Аз 10 августи соли 1999 то 19 августи соли 2022 ба КҶ ҶТ бо 54 Қонуни ҶТ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ 2076 тағйиру илова ворид карда шудааст, ки аз он 373 тағйиру иловаҳо ба қисми умумӣ ва 1703-тоаш ба қисми махсуси КҶ ҶТ рост меоянд. Бештари муқаррароти Кодекс на як бору ду бор, дар баъзе моддаҳо ҳатто 17-19 маротиба (масалан, ба м. 179 КҶ ҶТ - терроризм 17 маротиба ва м. 244 КҶ ҶТ - дуздӣ 19 маротиба) тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд» [128, с. 254].

Бояд тазаккур дод, ки олимон натиҷаи чунин тағйиру иловаҳоро ба таври мухталиф шарҳ додаанд. Аслан, як гурӯҳи олимон чунин тағйиру иловаҳои зиёдро мусбӣ ва гурӯҳи дигар бошад манфӣ баҳо додаанд. Аз ҷумла, З.Х. Зокирзода ба тағйиру иловаҳои КҶ ҶТ баҳои мусбӣ дода, чунин қайд менамояд, ки «тағйироту иловаҳои ба КҶ ҶТ воридкардашуда дар даврони соҳибистиқлолии ҶТ шаҳодат аз он

медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ раванди гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ амалӣ гардидааст» [43, с. 165]. Дар ин робита Э.С. Баҳриддинзода низ қайд намудааст, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар маҷмуъ ба гуманизатсияи ҷазоҳои ҷиноятӣ равона карда шудааст [122, с. 16]. Ба андешаи Н.А. Қудратов ва И.Ҳ. Бобоҷонзода, пас аз қабули КҶ ҶТ соли 1998 ба ҷиноятҳое, ки шомили боби 29 КҶ ҶТ буданд, 53 маротиба тағйироту иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд. Дар ин давра, яъне аз соли 1998 то соли 2023 дар самти ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ 2 рисолаи докторӣ ва 4 рисолаи номзадӣ вобаста ба паҳлуҳои гуногуни ин гурӯҳи ҷиноятҳо омода ва дифоъ гардиданд, ки барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти бунёдӣ доранд [214].

Гурӯҳи дигари олимон ба тағйиру иловаҳои қонунгузории ҷиноятӣ баҳои манфӣ додаанд. Аз ҷумла, ба андешаи Л. Бараташвили, таҷрибаи судӣ инро нишон медиҳад, ки татбиқи меъёрҳои нав қабулшудаи санадҳои ҳуқуқӣ баъзан таъсири манфӣ мерасонанд. Дар баъзе парвандаҳо, номувофиқатӣ ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, табиати систематикии қонунгузории ҷиноятӣ вайрон карда мешавад, татбиқи қонун мураккабтар мешавад, сатҳи оптималии таъсир ба ҷиноят паст мешавад, ки дар натиҷа ба таъмини волоияти қонун ва тартибот дар ҷомеа мувофиқат намекунад [120, с. 163]. Дар ин хусус В.А. Авдеев ва О.А. Авдеева қайд мекунанд, ки «таҳлили тағйиру иловаҳо ба матни Кодекси ҷиноятии ФР дар нашри соли 1996 нишон медиҳад, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ на ҳама вақт мувофиқи мақсад буда, дар бисёре аз мавридҳо боиси қабули қарорҳои номутавозин ва асоснокношуда мегардад. Набудани экспертизаи дахлдори қонунгузорӣ барои ворид намудани тағйиру иловаҳои дорои хусусияти таҳририӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ шароит фароҳам меорад, ки ба самаранокии иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонад» [113, с. 14].

Аз андешаҳои олимон хулоса кардан мумкин аст, ки тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат намекунад, баръакс эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, мазмуну моҳияти онҳоро мураккаб менамоянд.

Олимони ватанӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, У.А. Азиззода ҳанӯз дар соли 2015 қайд намуда буд, ки баъди қабули Кодекси ҷиноятӣ соли 1998 зиёда аз 30 қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ қабул карда шудааст. Аммо ворид кардани тағйиру иловаҳои зиёд на танҳо ҳолати қонунгузориро беҳтар намесозад, баръакс бисёр нодурустӣ ва мухолифатро ба вуҷуд меоварад [13, с. 308]. Аммо набояд чунин тағйиротҳо боиси паст задани арзишмандии ҳуқуқу озодиҳои инсон гардад. Арзишмандӣ ва дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятӣ бояд ба инобат гирифта шаванд [45, с. 121]. Дар ин хусус бояд ба андешаҳои боло розӣ шуд, ки ҳама усулҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ бояд танҳо баҳри амалисозии вазифаҳои он нигаронида шавад.

Ба қонуни ҷиноятӣ то ба имрӯз бо мақсади такмили меъёрҳо ва институтҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҳам бо мақсади криминализатсия ва декриминализатсия намудани кирдорҳои ҷиноятӣ, тағйироту иловаҳои зиёд ворид карда шуданд. Яке аз мисолҳои татбиқи принсипи гуманизми қонунгузории ҷиноятӣ метавонад ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ дар соли 2004 бошад, ки дар асоси он Қонуни ҶТ «Дар бораи боздоштани татбиқи ҳукми қатл» аз 15 июли соли 2004, №45 қабул шудааст. Мутобиқи Қонуни мазкур татбиқи ҷазои қатл дар ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои м. 104 қисми 2, 138 қисми 3, 179 қисми 3, 398 ва 399 КҶ ҶТ, инчунин, иҷрои ҷазои қатл ва дигар қоидаҳои марбут ба он ки дар м. 19, 21, 23, 25, 78, 100, 127, 129, 131, 133, 214-222-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ аз 30 апрели соли 2004 боздошта

шудааст. Дар соли 2012 м. 135 (таҳқир) ва м. 136 (туҳмат) аз КҶ ҶТ хориҷ карда шуданд. Мисоли криминализатсия кардани кирдор метавонад ҳамчун илова ба КҶ ҶТ м. 143 (1) шиканҷа, инчунин м. 153 (1) напардохтани музди кор, нафақа, стипендия, кумакпулӣ ё дигар пардохтҳо ва ғайра баромад намояд [127, с. 7]. Бинобар ин, дар ҷараёни криминализатсия ва декриминализатсияи баъзе кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок бояд аз рӯи эҳтиёт бо риояи техникаи қонунгузорӣ муносибат кард.

Дар баланд бардоштани самаранокии қонунгузорӣ ва такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ татбиқи самараноки ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ гардонидани қарорҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ дар сатҳи субъектҳо ва объектҳо нақши муҳим мебозад. Дар дигар адабиёт оварда мешавад, ки самаранокии сиёсати ҷиноятӣ аз иҷрои вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ва инчунин, ба даст овардани мақсадҳои ҷазо вобаста мебошад. Тавре В.А. Аведов қайд мекунад «бо мақсади такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ, мутамарказии фаъолияти экспертӣ, мутаносибии фаъолияти экспертии муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, истифодаи усулҳои нави гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаҳои қонунҳо масъалаи таъхирнопазир мегардад. Яке аз усулҳои баланд бардоштани самаранокии қонуни ҷиноятӣ бояд ҳамчун мусбатгардонии экспертизаи ҷамъиятӣ эътироф карда шавад, ки дар доираи институтҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ карда мешавад. Ташкилоти ҷамъиятӣ бояд дар экспертизаи лоиҳаҳои қонун нақши калон бозанд» [113, с. 23].

Умуман, қонунгузорӣ вазифаҳоеро иҷро намуд, ки дар ин давраи таърихӣ дар назди ҷомеа ва давлат қарор доштанд. Аммо дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ки ба вуҷуд омада истодаанд, хатарҳои нав, усулу технологияҳои нави содир намудани ҷиноят ва усулҳои мубориза бо онҳо муносибати навро ба танзими ҳуқуқии онҳо тақозо менамояд. Давраи муосири инкишофи инсоният бо пешрафти

босуръати илмию техникӣ, мураккаб шудани равандҳои иҷтимоӣ, тезонидани босуръати динамикаи иҷтимоӣ, инчунин, рақамикунонии иқтисодиёт ва идоракунӣ хос аст. Ин тамоюлҳо аз доираи рафтори девиантӣ ва ғайриқонунии қаблӣ нагузаштаанд [127, с. 7-8]. Мушкилот ва таҳдидҳои сифатан нави аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок (масалан, киберҷиноятҳо, тағйир додани генотипи инсон), зуҳуроти анъанавӣ ва деринаи ҷиноят табдил меёбанд, баҳодиҳии иҷтимоии кирдорҳои бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда тағйир меёбад ва қонунгузорро водор мекунад, ки доираи кирдорҳои ҷиноятиро аз нав дида бароад, яъне, криминализатсия ва декриминализатсияро амалӣ гардонад.

Ҳамин тавр, аз андешаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки новобаста аз тағйиру иловаҳои зиёд ворид кардан ба қонунгузории ҷиноятӣ мазмуну сохтор ва меъёрҳои он ба муносибатҳо ва талаботҳои ҷомеаи муосир мувофиқ намебошад. Зеро аз як тараф аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он кӯҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд меъёрҳои он ҷозибаи худро гум кардаанд. Бо ин назардошт зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст. Бояд тазаккур дод, ки дар низоми қонунгузории кишвар рӯз то рӯз санадҳои нави ҳуқуқӣ қабул гардида истодааст, ки таъсири худро ба институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ мегузоранд. Яке аз чунин санадҳо Қонуни ҶТ «Дар бораи тарбияи ватандӯстӣ» мебошад, ки санаи 24.12.2022 қабул карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки қабули Кодекси нави ҷиноятӣ масъалаи нав набуда, солҳо мавриди муҳокимаи олимони ватанӣ қарор дорад. Аз ҷумла, ба андешаи У.А. Азиззода, «... барои ҷамъбасти натиҷаҳои муайяни самаранокии қонуни ҷиноятӣ кифоя аст, ки барои такмили минбаъдаи он аҳаммияти калон доранд. Барои он ки қонунгузорӣ устувор бошад ва натиҷаи дилхоҳ бахшад, он бояд пайваста такмил дода шавад» [117, с. 6]. Чунин андешаро баъдан дигар олимон низ изҳор

доштаанд. Масалан, Т.Ш. Шарипов қайд намуда буд, ки: «... маъмулан Кодекс ба тағйироту иловаҳои бешумор рӯ ба рӯ шудааст, зеро ҳамагуна қонун бо мурури замон аз суръати тағйирёбии ҷомеа қафо мемонад ва боиси ба онҳо ворид кардани навгониҳои муайян мегардад. Барои ҷараёни қонунэҷодкунӣ муҳим он аст, ки дурустии мутаносибии динамизм ва устувории қонунгузорӣ, дарки мувофиқии он ки манбаи инкишофи ҳуқуқ аст, тасдиқи худро ёбад» [185, с. 113]. Андешаи монандро А.Р. Неъматов низ қайд кардааст, ки: «... тақрибан 20 соли фаъолияти ин санади меъёрии ҳуқуқӣ (КҶ ҶТ соли 1998) гувоҳӣ медиҳад, ки он асосан ба талаботи замон ҷавобгӯ буда, фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва таъини ҷазоро фароҳам овардааст. Аммо дар марҳалаи ҳозира бо назардошти вазъи дохилию берунии сиёсӣ, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими рушди устувори кишвар зарурати такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар ва ба талаботи меъёрҳои нав мутобиқ гардонидани он ба миён омадааст» [176, с. 70-71]. Тавре маълум мегардад олимони ватанӣ аз муҳлати амали Кодекси ҷиноятӣ изҳори андеша намуда, дар асос ва бо назардошти сиёсати ҳуқуқии кишвар такмил додани онро амри воқеӣ ва зарурӣ мешуморанд.

И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов дар ин хусус чунин қайд кардаанд, ки «дар шароити муосир бо назардошти ҳолатҳои мушаххаси таърихӣ, иқтисодӣ ва хусусиятҳои вазъи криминогенӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ ва пайомадҳои манфии он, инчунин носаҳеҳӣ ва номукаммалии қонуни ҷиноятии амалкунанда (соли 1998), ки танзим ва ҳифзи дахлдори муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин карда наметавонад, қабули Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як ниёзи фаврӣ ва саривақтӣ мебошад» [128, с. 256]. Искандари Сулаймон низ андешаҳои болоро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки «... аз лаҳзаи ба қувваи қонунӣ даромадани Кодекси мазкур зиёда аз бисту ду сол гузашта, дар ин раванд дигаргуниҳои бунёдӣ дар тамоми

ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба миён омада, такмилу мутобиқгардонии қонунгузории ҷиноятиро ба талаботи нави рушду пешрафти ҷаҳони имрӯза тақозо менамояд» [156, с. 41]. Умуман, аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки олимони ватанӣ Кодекси ҷиноятии амалкунандаро дар танзими муносибатҳои нави ҷиноятӣ мувофиқ намедонанд ва қабули онро дар таҳрири нав муҳим меҳисобанд.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав соли 2013 Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ибрози андеша намуда буданд: «Бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки кодексҳои маданӣ ва ҷиноятиро низ дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд» [216]. Дар ин хусус бо фармони Президенти ҶТ аз 13 майи соли 2013 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи таҳрири нави Кодекси ҷиноятӣ таъсис дода шуд. Бино ба маълумоти муқаддамотӣ, тарҳи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои кишвар дар марҳилаи ниҳоии таҳияи гурӯҳи корӣ қарор дорад. Бо сабабҳои объективӣ корҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва ҷамъбасткунӣ ба таъхир афтода, боз ҳам бо фармони Президенти ҶТ аз 26 феврали соли 2016, № АП-684 гурӯҳи нави корӣ таъсис дода шуд [190, с. 92]. Аммо таҳқиқот нишон медиҳад, ки на танҳо фаъолияти кории гурӯҳи дар соли 2013 таъсисгардида, балки гурӯҳи кории соли 2016 низ бенатиҷа мондааст. Бинобар ин, бо Амри Президенти ҶТ, №АП-1209, аз 30 апрели соли 2019 аз нав гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, лоиҳаи КҶ ҶТ дар таҳрири нав дар заминаи муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 бо назардошти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя, пешниҳодҳои коршиносон ва вазорату идораҳои дахлдор мавриди таҳия қарор гирифт.

Дар сарчашмаҳо қайд мегардад гурӯҳи корӣ дар ҳайати 9 нафар намояндагони вазорату идораҳои дахлдор созмон дода шуда, роҳбарии он ба зиммаи Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, муҳтарам Ализода Зариф вогузор гардида буд. Бо амри зикргардида сардори Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати моводи навшъаовари Прокуратураи генералӣ Қурбонзода Шариф Ҳабибулло - муовини роҳбари гурӯҳи корӣ, Р. Содиқзода, Ф.А. Абдуллозода, Т.Ш. Шарипов, С.Э. Баҳриддинзода, Ш. Лутфуллозода, К.Ҳ. Солиев ва С.Қ. Нуров аъзоёни гурӯҳи мазкур таъин гардиданд. Ҳамзамон, дар таҳияи ин лоиҳа прокурори калони Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати моводи нашъаовар, Искандарӣ Сулаймон, А.И. Сафарзода, З.Н. Азиззода, Б.А. Амонбеков, С. Сироҷзода, Б.А. Абдулҳасаниён инчунин дигар олимону мутахассисони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо ҷалб гардиданд.

Тавре аз сарчашмаҳо бармеояд, гурӯҳи корӣ таҳти сарпарастӣ ва дастгирии бевоситаи собиқ Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро оғоз намуда, ҷаласаҳо вобаста ба таҳияи Кодекси мазкур мунтазам дар бинои Прокуратураи генералии ҶТ ва 3 маротибаи дигар дар сафарҳои хизматӣ баргузор гардида, фаъолияти гурӯҳи корӣ дар натиҷаи заҳматҳои софдилонаи шахсони боло қайдгардида, дар муҳлати муқарраргардида ба анҷом расонида шудааст [213]. Дар ин хусус И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов қайд мекунанд, ки гурӯҳи корӣ умуман кори худро анҷом дода, лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятиро омода намуд. Лоиҳаи кодекси нав чӣ аз ҷиҳати сохтор ва чӣ аз ҷиҳати мазмун аз Кодекси ҷиноятии амалкунанда аз ҷиҳати сифат ва миқдор фарқ мекунад. Он дорои мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ, институтҳои нав ва равишҳои нав ба таърифи ҷиноят ва ҷазо мебошад [127, с. 8].

Ҳамин тавр, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятӣ се марҳилаи муайянро аз сар гузаронидааст: 1) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2013-2016; 2) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2016-2019; 3) таҳияи лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи корӣ дар соли 2019-2023. Дар таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ олимони намоёни соҳаи ҳуқуқ заҳмат кашидаанд. Айни замон, лоиҳаи омодагардида, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дорад ва эҳтимол аст, ки дар муҳлати кӯтоҳ қабул карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ дорои паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад. Зеро аз як тараф бисёре аз меъёрҳо, мазмун ва сохтори он мувофиқ ба талаботи замони муосир нав карда шудаанд. Аммо аз тарафи дигар баъзе меъёрҳои он ҳанӯз ба такмилдиҳӣ ниёз доранд. Агар лоиҳаи мазкур қабул карда шавад, он гоҳ зарурат пеш меояд, ки чунин кодекси амалкунанда ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки пеш аз қабул гардиданаш хуб мавриди омӯзишу такмилдиҳӣ қарор гирифта, сонияи ҳамчун як санади мукаммал қабул карда шавад.

Дар хусуси ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ бисёре аз муҳаққиқон ибрози андеша ва ҳатто пешниҳодҳо манзур намудаанд, ки қобили таҳлилу омӯзиш мебошанд. Аз ҷумла, И.Х. Бобоҷонзода ва Н.А. Қудратов қайд мекунанд, ки «дар лоиҳаи кодекси нав бори аввал равишҳои нав ба танзими қонунгузорӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ пайдо шуданд, яъне, «Афзалияти шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ нисбат ба Кодекси ҷиноятии ҶТ» (қ. 3 м. 1 лоиҳа), техникаи нави қонунгузорӣ «Тавзеҳи баъзе мафҳумҳои дар Кодекси ҷиноятӣ мавҷудбуда» (м. 3 лоиҳа), мафҳуми нав «ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ» (фасли II – Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ. Боби 3. Мафҳуми ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ва намудҳои он). Қисми махсуси лоиҳа бошад, бо фасли нави

«Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ба муқобили саломатии аҳолӣ ва ахлоқӣ» ва фасли «Ҳуқуқвайронкунии ҷиноятии тиббӣ» ва ғайра пурра карда шудааст» [127, с. 8]. Аз андешаи мазкур бармеояд, ки воқеан ҳам лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дорои меъёрҳои нав мебошад. Дар ин миён, ба андешаи мо муқаррар кардани моддаи алоҳида барои мафҳумҳои асосӣ бисёр бомаврид мебошад. Зеро дар Кодекси ҷиноятии амалкунанда чунин модда мавҷуд набуда, бисёре аз мафҳумҳои асосӣ низ муқаррар нашуда буданд.

Ба андешаи Искандари Сулаймон, «бо қабул гардидани лоиҳаи мазкур низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба марҳилаи нави инкишофи таърихӣ ворид гардида, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеа дар мамлакат таъмин хоҳад гашт. Сохтори лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба қисмҳои умумӣ ва махсус тақсим карда шуда, аз 14 фасл, 36 боб ва 467 модда иборат мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки баъзе моддаҳои Кодекси ҷиноятии амалкунанда, бо назардошти мавҷудияти онҳо дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ё мавҷудияти таркиби ин ҷиноятҳо дар таркиби ҷиноятҳои объекташон якхелаи дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дар моддаҳои алоҳидаи лоиҳа ҷой дода нашуда, моддаҳои 112, 134, 149, 158, 169, $184^4$, $194^2$, $194^3$, $195^1$, $195^2$, $199^1$, 276, 325, 326, 327 Кодекси ҷиноятии амалкунанда бошанд, дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав декриминализатсия карда шуда, хориҷ гардидаанд» [156, с. 44]. Дигар олимони ватанӣ дар ин хусус чунин қайд кардаанд, ки «дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳоди гардидани КҶ ҶТ ҳамаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳамаи шаҳрвандон, ҷамъият, давлат ва ҳатто ҷинояткорон манфиатдор мебошанд. Зеро бо қабули КҶ ҶТ дар таҳрири нав ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳама сатҳо бо назардошти инкишоф ва пешрафти муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, техникаву технология ба таври дахлдор ба роҳ монда шуда, ҳифзи

амнияти давлатӣ аз таҷовузҳои ҷинояткорона таъмин мегардад ва ҳатто вазъи баъзе категорияи ҷинояткоронро бо татбиқи принсипи қувваи бозгашт доштани қонуни ҷиноятӣ беҳтар менамояд» [128, с. 255]. Андешаҳои мазкур ифодагари онанд, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ ба манфиати ҳамаи субъектон нигаронида шуда, дар таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ба принсипҳои инсондӯстӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлили андешаҳои боло бармеояд, ки лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ аз Кодекси ҷиноятии амалкунанда куллан фарқ намуда, дорои мазмуну сохтор ва меъёрҳои нав мебошад. Таҳлили андешаҳои олимон ва лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки он дорои чунин навгониҳо мебошад:

1) навгониҳои Қисми умумии лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ: мафҳумҳои асосие, ки дар Кодекс истифода мешаванд; мафҳуми нави ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ (бо дарназардошти тақсими он ба ҷиноят ва рафтори ҷиноятӣ), ҷорӣ намудани якчандкарата содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ; нигоҳи нав ба ретсидиви ҷиноятҳо ва ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо; низоми нави ҷазо бо дарназардошти ҷазо барои содир кардани рафтори ҷиноятӣ ва ҷазо барои содир кардани ҷиноят; дигаргунсозии низоми ҷазоҳои сабуктар назар ба маҳрум кардан аз озодӣ; ҳадди ақал ва ниҳоии ҷарима таҷдиди назар карда шуд; ҳабс ба сифати ҷазо пешбинӣ мешавад; муҳлати ниҳоии маҳрум сохтан аз озодӣ ба тариқи умум то понздаҳ сол, барои маҷмуи ҷиноятҳо то бист сол ва барои маҷмуи ҳукмҳо то бисту панҷ сол пешбинӣ карда шуда, якумра маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин; мусодираи молу мулк бо назардошти талаботи санадҳои байналмилалӣ таҷдиди назар карда шудааст; ҷорӣ кардани институти нав дар ҳуқуқи ҷиноятии кишвар дар намуди аҳдномаи мурофиавӣ.

2) навгониҳои Қисми махсуси лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ: бобҳои алоҳидаи нав, ба мисли ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии нақлиётӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии тиббӣ, ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии коррупсионӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили манфиатҳои хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатиро фаро мегирад.

Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи ин навгониҳо аз ҷониби олимон дастгирии умумӣ пайдо кардаанд. Як қатор олимон баъзе аз ин навгониҳоро мавриди муҳокима қарор дода, таҷдиди назар кардани онҳоро муҳим меҳисобанд. Аз ҷумла, И.Х. Бобоҷонзода қайд мекунад, ки «таҳлили лоиҳаи нави КҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки он аз камбудиҳо холӣ нест, дар он баъзе муқарраротҳо дуруст арзёбӣ нагардидаанд ва таҷрибаи илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ (фикру мулоҳиза ва хулосаю пешниҳодҳои олимону муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ), таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ берун аз мадди назар мондааст» [126; 127]. Н.А. Қудратов низ бар он назар аст, ки бо вуҷуди ҳамаи комёбиҳои лоиҳа дар он баъзе нуктаҳои баҳсталаби ҳалношуда ва нофаҳмо боқӣ монданд [127, с. 8]. У.А. Азиззода қайд мекунад, ки ҳанӯз маълум нест, ки Кодекси ҷиноятии амалкунанда то кай амал мекунад ва кодекси нав кай қабул мешавад. Аммо якчанд нуқтаро бояд ба назар гирифт. Аввалан, КҶ ҶТ тағйироти системавиро тақозо мекунад, дуюм, омӯзиши холигиҳои қонунгузорӣ, ки дар амалия пайдо шудаанд, сеюм, ҷорӣ намудани меъёрҳои муайяни институтҳое, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар давлатҳо исбот шудаанд, чорум, бо назардошти санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро тасдиқ кардааст [117, с. 7]. Аз андешаҳои мазкур бармеояд, ки ҳанӯз кай мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ маълум нест, вале айни замон муносибатҳои ҷиноятӣ бо Кодекси ҷиноятии амалкунанда мавриди

танзим қарор гирифта истодааст. Бинобар ин, ба такмили ин санади ҳуқуқӣ то қабули санади нав набояд фосила гузошта шавад.

Мавриди зикр аст, ки нуқсонҳои лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ бештар аз ҷониби И.Х. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов ва Т.М. Ғайратов мавриди муҳокима қарор дода шудаанд. Баъзе аз нуқсонҳои лоиҳаи Кодекси ҷиноятиро, ки аз ҷониби олимони номбурда ошкор гардидаанд, қайд карда мегузарем:

1. Олимони номбурда, қ. 1 м. 1 лоиҳаи КҶ ҶТ-ро эрод гирифта, қайд кардаанд, ки мантиқан мо наметавонем як қонунро пурра ба КҶ ворид намоем, танҳо он меъёри қонунро метавонем ба КҶ ворид созем, ки дар он ба ҷиноят будани кирдори ба ҷамъият хавфнок ишора рафтааст. Дар ин хусус чунин шакли меъёрро пешниҳод кардаанд: «Муқаррароти дигар қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, танҳо баъди ба Кодекси мазкур ворид намудани онҳо татбиқ карда мешаванд». Албатта, пешниҳоди мазкур қобили қабул мебошад. Зеро мавҷудияти ҷавобгарии ҷиноятӣ на дар қонунҳои алоҳида, балки танҳо дар сурати дар худи Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудан татбиқ мегардад.

2. Дар лоиҳаи КҶ ҶТ ҳангоми истифодаи истилоҳҳои «кӯдак», «ноболиғ» ва «хурдсол» мавқеи ягона дида намешавад. Аз ҷумла, дар моддаи 3-и лоиҳа, ки «Мафҳумҳои асосӣ» номгузорӣ шудааст, дар банди 37 истилоҳи хурдсол, яъне шахси ба синни чордаҳ нарасида ва дар банди 29 истилоҳи ноболиғ (кӯдак), яъне шахси ба синни ҳаждаҳ норасида, муайян шудааст. Қонунгузор дар ин маврид бояд истилоҳи ягонаро барои ҳар се категория истифода кунад. Дар ин хусус олимони номбурда бештар ба мафҳуми «кӯдак» мувофиқ мебошанд. Ба андешаи мо, мафҳуми «кӯдак» васеъ ва умумиэътирофшуда буда, ба қонунгузории миллӣ (Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак») ва санадҳои байналмилалӣ (Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак) мувофиқ мебошад.

Аммо, вақте сухан дар хусуси қонунгузорӣ ва меъёри ҳуқуқу ҷавобгарӣ меравад, масъала тамоман ранги дигар мегирад. Масалан, мо гуфта наметавонем, ки ноболиғ (кӯдак) субъекти ҷиноят намебошад, вале гуфта метавонем, ки хурдсол субъекти ҷиноят намебошад. Андешаи мазкур ифодагари он мебошад, ки вобаста ба сину сол ва ҳолати муайян мо наметавонем мафҳуми «кӯдак» ва ё «ноболиғ»-ро истифода барем. Бинобар ин, мо меъёри нави лоиҳаи Кодекси ҷиноятиро ҷонибдорӣ менамоем.

3. Дар б. 1-и м. 3-и лоиҳа истилоҳи «банда» истифода шудааст, олимон иваз намудани онро шартан ба истилоҳи «даста» ҷонибдорӣ менамоянд.

4. Дар б. 36-и м. 3-и лоиҳа истилоҳи «узви оила» истифода шудааст, ки иваз намудани онро ба истилоҳи «аъзои оила» олимони номбурда ҷонибдорӣ намудаанд.

5. Дар қ. 1 м. 7 «Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ» муқаррар шудааст, ки «Ҳеҷ кас тахти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад ба ҷуз аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсии худ». Дар ин хусус андешаи олимони номбурда қобили қабул мебошад. Ба андешаи онҳо, на ҳама вақт касро барои «кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсии худ» ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст. Бинобар ин, пешниҳод кардаанд, ки баъд аз калимаҳои «кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии)» калимаи «гунаҳгорона» илова карда шавад [128, с. 256-260].

Мавриди зикр аст, ки бисёре аз навгониҳои мазкур худ аз худ пайдо нашуда, балки самараи таҳқиқотҳои олимони ватанӣ мебошанд, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ ва докторӣ ошкор ва пешниҳод кардаанд. Масалан, ҷудо шудани боби «Ҷиноятҳои тиббӣ» ба андешаи мо маҳсули меҳнати Р.А. Абдуллоева мебошад. Номбурда дар таҳқиқоти худ ин масъаларо пешниҳод намуда, қайд мекунад, ки пешрафтҳои

охирин дар самти ҳифзи саломатӣ аз таҳаввулоти ҳуқуқии марбут ба муттаҳид кардани ҳама моддаҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба фаъолияти дорусозӣ дар як зерфасли боби ҷиноятҳои зидди саломатии аҳолӣ вобаста мебошад. Масалан, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон (боби 120), дар Кодекси ҷиноятии Эстония – ҷиноятҳои марбут ба доруворӣ (фасли 3, боби 12) бобҳои алоҳида оид ба ҷиноятҳои тиббӣ мавҷуданд [109, с. 42]. Умуман, олимони номбурда, бисёре аз меъёрҳои лоиҳаи Кодекси ҷиноятиро эрод гирифта, таҷдиди назар кардани онҳоро пешниҳод намудаанд. Дар маҷмуъ чунин масъалаҳои лоиҳа мавриди муҳокимаи онҳо қарор гирифтааст: якчандкарата содир кардани ҷиноят; бегуноҳ расонидани зиён (тасодуф); пешбинӣ нашудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ; бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва бардоштани доғи судӣ ва ғайра. Албатта, масъалагузории онҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ нигаронида шудаанд ва ба инобат гирифтани онҳо ҷиҳати мукаммал гардонидани Кодекси ҷиноятии қабулшаванда мусоидат менамоянд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар ҶТ такмили қонунгузории ҷиноятӣ бо суръат идома дошта, дар ин раванд ҳам олимони соҳаи ҳуқуқ ва ҳам намояндагони мақомотҳои давлатӣ, алалхусус мақомоти қонунгузор фаъолона саҳмгузорӣ карда истодаанд. Таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ исбот намудааст, ки мутаассифона мо аксаран ба қонунгузории кишварҳои хориҷӣ бештар такя менамоем. Ҳол он ки мо аз нигоҳи базаи илмӣ чунин олимони соҳибтаҷрибаеро дорем, ки меъёрҳои санадҳои ҳуқуқиро мустақилона, мувофиқ ба фарҳангу таҷрибаи миллӣ эҷод намоянд. Дар ин хусус олимони ватанӣ дуруст қайд намудаанд, ки дар ҶТ шуруъ аз соли 1991 то соли 2023 зиёда аз 60 рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ҳимоя гардидаанд ва мо бояд ин иқтидори бузурги илмиро истифода бурда, сирф модели миллии КҶ ҶТ худро омода созем [128, с. 260].

Ҳақ ба ҷониби Т.Ш. Шарипов мебошад, ки чунин қайд намудааст: «дар давоми муҳлати зикршуда ҳамзамон ноқисиҳои КҶ ҶТ амалкунанда ошкор карда шуд ва ин табиист, чунки ҳамагуна қонун ҳатто қонуни мукаммалтарин, агарчӣ дар лаҳзаи қабул шуданаш ба ноқисиҳо мувоҷеҳ нашуда бошад ҳам, вале минбаъд метавонад ба он рӯ ба рӯ шавад» [185, с. 113]. Ба андешаи У.А. Азиззода, «ҷараёни такмили қонунгузории ҷиноятӣ табиӣ буда, минбаъд низ он давом мекунад, зеро амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ноқисиҳо ва норасоиҳои онро ошкор месозад. Худи ҷараёни инкишофи ҷомеа, хусусан тағйир ёфтани сохтори ҷинояткорӣ дар ҷаҳон аз мақомоти қонунгузор эътинои очилиро дар самти муқовимат ба чунин як зуҳуроти номатлуб талаб менамояд» [13, с. 299-300]. Бинобар ин, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ин як раванди маъмулӣ ва табиӣ буда, аз пешрафти ҷомеа ва муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

И.Ҳ. Бобоҷонзода, Н.А. Қудратов, Т.М. Ғайратов дар хусуси такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла такмили лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ таҳқиқоти васеъ бурда, як қатор хулоса ва тавсияҳои судмандро пешниҳод намудаанд, ки дар мукаммал гардонидани Кодекси ҷиноятии қабулшаванда ва умуман қонунгузории ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, ҷиҳати пеш наомадани зиддият бо қабули Кодекси нави ҷиноятӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КИҶҶ ва КМҶ ба модели КҶ Олмон ва Фаронса таваҷҷуҳ намудан беҳтар аст, чунки ҳар як ислоҳоти қонунгузорӣ бе назардошти муқаррароти муқарраршудаи доктринаи ҳуқуқӣ ногузир боиси носозгории он мегардад. Дар муқоиса бо Қисми махсуси КҶ ҶТ, меъёрҳои Қисми умумии КҶ ҶТ ба тағйиру иловаҳо камтар дучор мешаванд. Аммо ҳама гуна камбудиҳо, ихтилофҳо ва носаҳеҳиҳо дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ хусусияти системавиро гирифтаанд ва дар амалияи татбиқи ҳуқуқ боиси мушкилоти зиёд мегарданд; ба гурӯҳи корӣ ворид намудани доираи

васеи олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ва монанди инҳо [128, с. 261]. Ба андешаи мо, пеш аз қабули лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ беҳтар аст, ки эродҳои олимон дар ин бахш мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор дода шаванд. Зеро самаранокии такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар бартараф кардани нуқсонҳои он ва татбиқи дурусти он ифода меёбад.

Такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, тағйир додани ҳаҷм, хусусият ва сохтори меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ, ба низом даровардани онҳоро дар назар дорад. Ин ҷараён бояд низомнок бошад, хусусияти мураккаб, алоқаи табиии ҳамаи самтҳо ва шаклҳои зуҳуротро дошта бошад. Зарурати такмил додани қонунгузорӣ вобастагии табииро аз талаботи амалия ифода мекунад [180, с. 54]. Мавриди зикр аст, ки такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ тағйироти қатъии муайяншударо ҳам дар меъёрҳои алоҳидаи он ва ҳам маҷмуи онҳоро дар назар дорад. Афзалияти ин равандро моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии онҳо ифода менамояд. Онҳоро равандҳои мушахаси таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ, маънавии ҷамъият, зиддиятҳо ва принсипҳои он муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, танзими муносибатҳои ҷиноятӣ танҳо бо қабули Кодекси ҷиноятӣ самаранокии онро нишон намедиҳад. Барои ин, санади қабулгардида бояд пайваста мавриди такмилдиҳӣ қарор дода шавад, то ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамқадам бошад. Бо ин мақсад, ҶТ санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуд, ки дар миёни онҳо Консепсияи сиёсати қонуни ҷиноятии ҶТ ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028 мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Маълум аст, ки санадҳои мазкур дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ нақши калон гузоштаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар самти муқовимат бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда дар баробари қонунгузории ҷиноятӣ нақши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

қонунигардонии (барасмиятдаровардани) даромадҳое, ки бо роҳи ҷинояткорона ба даст оварда шудаанд ва сармоягузории терроризм» аз 26 марти соли 2011 ниҳоят калон аст. Аммо таҳлили ин Қонун нишон медиҳад, ки он бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат дошта, механизми таъмини амалишавии он пурра муқаррар карда нашудааст.

Аввалан, номутобиқатии мафҳуми қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ки дар сархати 2 м. 1-и Қонун «Дар бораи қонунигардонии (барасмиятдаровардани) даромадҳое, ки бо роҳи ҷинояткорона ба даст оварда шудаанд ва сармоягузории терроризм» бо м. 262 КҶ ҶТ. Ин ҳолат ба духурагии фаҳмиши як меъёр оварда мерасонад ва дар таҷриба мушкилиҳои зиёдро ба миён меоварад.

Дуюм, нодуруст ифода ёфтани мафҳуми даромадҳои бо роҳи чиноят ба дастовардашуда. Мутобиқи сархати 1 м. 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷинояткорона бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» - даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда – маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок қабл аз қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо ба даст оварда шудаанд [6]. Аммо мутобиқи қ. 1 м. 17 КҶ ҶТ ҷиноят ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки ҳамин Кодекси ҷиноятӣ бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст [2]. Вале дар мафҳуми даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда танҳо як аломати ҷиноят - ба ҷамъият хавфнокии он зикр шуда, дигар аломатҳои он зиддиҳуқуқӣ, гунаҳкорона ва таҳти татбиқи ҷазо манъ гаштани он зикр нашудаст. Барои бартараф намудани ин саҳви ҳуқуқӣ зарур аст, ки сархати 1 м. 1-и Қонун «Дар бораи қонунигардонии (барасмият даровардани) оид ба даромадҳое, ки бо роҳи ҷинояткорона ба даст оварда шудаанд ва сармоягузории терроризм» дар таҳрир зайл ифода

карда шавад: «даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда – маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷинояти қабл аз қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо ба даст оварда шудаанд».

Сеюм, маблағҳои мушаххаси пулие, ки дар м. 6-и Қонун истифода карда шудаанд, бояд аз руи нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда шаванд. Чунки мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» аз 5 январи соли 2008, ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзишӣ (ҳадди поёнӣ ё болоӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқарар карда мешавад.

Чорум, дар қ. 7 эзоҳ ба м. 262 КҶ ҶТ меъёри мурофиавӣ пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ва дигар молу мулке, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудаанд, бо тартиби пешбининамудаи м. 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд. Ин ҳолат ба вайрон кардани низоми қонунгузории ҷиноятӣ, ки он қонунгузории моддӣ мебошад, оварда мерасонад. Моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ механизми далели шайъӣ эътироф намудани маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулкро муқаррар намуда, ба фоидаи давлат ё дигар соҳибмулкон гузаронидани онҳоро низ пешбинӣ кардааст. Ҳамин тавр, иловатан пешбинӣ намудани он дар қонунгузории ҷиноятӣ зарурат надорад.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир терроризм яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Паҳн гардидани ғояҳои ифротӣ, истифодаи фаъоли технологияҳои иттилоотӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти террористӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки мубориза бар зидди чунин зуҳурот танҳо бо усулҳои анъанавӣ самарабахш буда наметавонад. Аз ин рӯ, давлатҳо пайваста қонунгузории худро дар самти муқовимат ба терроризм такмил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин самт сиёсати фаъолро амалӣ намуда, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст. Аз ҷумла,

қонуни махсус дар бораи муқовимат ба терроризм заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандонро дар ин самт муайян менамояд. Бо вуҷуди ин, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдо шудани шаклҳои нави таҳдид ва таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки баъзе меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ба такмил ниёз доранд. Аз ҳамин сабаб, масъалаи мукаммалгардонии қонунгузорӣ барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди терроризм ва пешгирии паҳншавии идеологияи экстремистӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз мушкилоти муҳим дар мубориза бо терроризм радикализатсияи шахсони алоҳида, махсусан ҷавонон мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати воситаҳои иттилоотӣ ғояҳои ифротӣ метавонанд бо суръати баланд паҳн шаванд. Гурӯҳҳои террористӣ аксар вақт аз мушкилоти иҷтимоӣ, норасоии иттилооти дуруст ва сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии баъзе қишрҳои ҷомеа истифода бурда, шахсонро ба фаъолияти ғайриқонунӣ ҷалб менамоянд. Дар чунин шароит пешгирии радикализм яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми радикализм мустақиман муайян карда нашудааст.

Таҷрибаи бисёр давлатҳо нишон медиҳад, ки мубориза бар зидди терроризм танҳо бо усулҳои ҷазодиҳӣ маҳдуд шуда наметавонад. Чораҳои пешгирӣ, аз ҷумла корҳои фаҳмондадиҳӣ, барномаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши муҳим доранд. Хусусан ҷавонон ба таъсири идеологияи ифротӣ бештар осебпазир мебошанд. Бинобар ин, татбиқи барномаҳои давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ барои пешгирии радикализм аҳаммияти махсус дорад. Ин гуна барномаҳо метавонанд ба ташаккули ҷаҳонбинии солим, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва таҳкими ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат намоянд.

Дар даҳсолаҳои охир фазои иттилоотӣ ба яке аз воситаҳои асосии паҳншавии идеологияи террористӣ табдил ёфтааст. Гурӯҳҳои ифротӣ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, сомонаҳо ва дигар воситаҳои рақамӣ барои таблиғ, ҷалби тарафдорон ва ҳамоҳангсозии фаъолияти худ истифода мебаранд. Паҳн гардидани чунин иттилоот метавонад ба амнияти ҷомеа таъсири манфӣ расонад ва ба ташаккули ақидаҳои ифротӣ дар байни баъзе шаҳрвандон мусоидат намояд. Бинобар ин, масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти интернетӣ дар самти пешгирии терроризм аҳаммияти муҳим пайдо мекунад.

Ворид намудани меъёрҳое, ки ба мақомоти ваколатдор имконият медиҳанд дастрасӣ ба захираҳои интернетии тарғибкунандаи терроризмро маҳдуд намоянд, метавонад як воситаи муҳими ҳифзи амнияти иттилоотии давлат гардад. Ҳамзамон, чунин чораҳо бояд бо риояи талаботи қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон амалӣ карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки рушди технологияҳои муосир имкониятҳои навро барои пешгирӣ ва ошкор намудани амалҳои террористӣ фароҳам меорад. Системаҳои назорати видеоӣ, мониторинги рақамӣ ва дигар воситаҳои техникӣ метавонанд ба таъмини амнияти объектҳои муҳимми давлатӣ, инфрасохтори нақлиётӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ мусоидат намоянд. Дар бисёр кишварҳо истифодаи чунин технологияҳо қисми муҳимми сиёсати амниятӣ ба ҳисоб меравад. Онҳо имкон медиҳанд, ки таҳдидҳо сари вақт муайян гардида, чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Аз ин рӯ, ворид намудани меъёрҳои дахлдор ба қонунгузорӣ метавонад заминаи ҳуқуқиро барои истифодаи васеи технологияҳои муосир дар самти муқовимат ба терроризм фароҳам оварад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати зиддитеррористӣ барқарорсозии иҷтимоии шахсоне мебошад, ки аз фаъолияти террористӣ зарар дидаанд ё аз чунин фаъолият даст кашидаанд. Таҷрибаи

байналмилалӣ нишон медиҳад, ки барномаҳои реабилитатсионӣ ва мутобиқсозии иҷтимоӣ метавонанд ба пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ мусоидат намоянд. Ин гуна барномаҳо одатан машваратҳои равонӣ, дастгирии иҷтимоӣ, омӯзиши касбӣ ва дигар чораҳоро дар бар мегиранд. Мақсади асосии онҳо баргардонидани шахс ба ҳаёти муқаррарии ҷомеа ва пешгирии таъсири минбаъдаи идеологияи ифротӣ мебошад. Аз ин рӯ, муқаррар намудани чунин механизмҳо дар қонунгузорӣ метавонад ба таҳкими сиёсати давлатӣ дар самти барқарорсозии иҷтимоӣ ва ҳифзи амнияти ҷомеа мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, таҳлили қонунгузории амалкунанда нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ворид намудани як қатор бандҳо ва қисмҳо дар моддаҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат бо терроризм» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» зарур мебошад. Аз ҷумла муайян намудани мафҳуми радикализм, таҳкими чораҳои пешгирии иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқии фазои иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани барномаҳои реабилитатсионӣ метавонанд ба такмили заминаи ҳуқуқии муқовимат ба терроризм ва экстремизм мусоидат намоянд.

Амалӣ намудани чунин тадбирҳо имкон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт боз ҳам самаранок гардида, амнияти ҷомеа ва давлат ҳифз карда шавад. Ҳамзамон, такмили доимии қонунгузорӣ бояд бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ идома дода шавад.

Зимни баррасии масъалаи проблемаҳои такмили қонунгузории ҶТ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ чунин хулосаҳоро пешниҳод менамоем:

1. Такмили қонунгузории ҷиноятӣ оқибатҳои зиёди мусбӣ дошта, ба пешбурди демократия дар соҳаи давлат ва ҳуқуқ мусоидат мекунад; амнияти шахс, ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин, ҷомеа ва давлатро аз

таҳдидҳои марбут ба ҷинояткорӣ таъмин хоҳад кард; муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ ва манфиатҳои давлатро дар дохил ва хориҷ муҳофизат хоҳад кард; ба кам кардани сатҳи шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат мекунад; заминаи оптималӣ ва одилонаи низоъе, ки дар натиҷаи ҷиноят ба вуҷуд омадааст, кӯмак карда метавонад. Бояд зикр намуд, ки лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ дорои паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад. Зеро аз як тараф бисёре аз меъёрҳо, мазмун ва сохтори он мувофиқ ба талаботи замони муосир нав карда шудаанд. Аммо аз тарафи дигар баъзе меъёрҳои он ҳанӯз ба такмилдиҳӣ ниёз доранд. Агар лоиҳаи мазкур қабул карда шавад, он гоҳ зарурат пеш меояд, ки чунин кодекси амалкунанда ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шавад. Бинобар ин, беҳтар аст, ки пеш аз қабул гардиданаш хуб мавриди омӯзишу такмилдиҳӣ қарор гирифта, сониян ҳамчун як санади мукаммал қабул карда шавад.

2. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тағйиру иловаҳои зиёд ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ аз як тараф тавонад мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, баръакс эътибори меъёрҳои онро коста гардонида, мазмуну моҳияти онҳоро мураккаб менамоянд. Зеро аз як тараф аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он кӯҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд меъёрҳои он ҷозибаи худро гум кардаанд. Бо ин назардошт зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст.

3. Дар асоси таҳлили меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба терроризм» (2021) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» (2020) метавон пешниҳод намуд, ки барои такмили қонунгузорӣ тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- ба м. 1 (Мафҳумҳои асосӣ) банди нави 15) илова карда шавад: «радикализатсия – раванди ташаккули ақидаҳо ва эътиқодҳое мебошад,

ки шахсро ба дастгирӣ, сафедкунӣ ё иштирок дар фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ водор месозанд»;

- ба қ. 2 м. 6 (Пешгирӣ намудани фаъолияти террористӣ) банди нави 5) илова карда шавад: «татбиқи барномаҳои давлатии пешгирии радикализатсия, махсусан дар байни ҷавонон, тавассути муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ»;

- ба қ. 1 м. 9 (Мақсадҳои муқовимати иттилоотию таблиғотӣ ба терроризм ва уҳдадории мақомоти давлатӣ дар амалигардонии он) банди нави 6) илова карда шавад: «пешгирии паҳншавии идеологияи терроризм дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои фазои рақамӣ»;

- ба қ. 2 м. 12 (Роҳ надодан ба истифодаи шабакаҳои алоқа барои амалигардонии фаъолияти террористӣ) илова карда шавад: «мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ дастрасӣ ба захираҳои интернетиро, ки терроризмро тарғиб мекунанд ё барои ҷалби шахсон ба фаъолияти террористӣ истифода мешаванд, маҳдуд намоянд»;

- ба қ. 1 м. 15 (Уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ташкилотҳои дигар ва шахсони воқеӣ дар ҳимояи объектҳои таҳдиди террористӣ) банди нав илова карда шавад: «истифодаи технологияҳои муосири амниятӣ, аз ҷумла системаҳои назорати видеоӣ, системаҳои огоҳии бармаҳал ва дигар технологияҳои иттилоотӣ барои пешгирии таҳдидҳои террористӣ»;

- ба қ. 4 м. 35 (Барқарорсозии иҷтимоии шахсони воқеӣ, ки дар натиҷаи амали террористӣ зарар дидаанд) қисми нав илова карда шавад: «барқарорсозии иҷтимоӣ метавонад барномаҳои реабилитатсионӣ ва мутобиқсозии иҷтимоиро барои шахсоне, ки аз фаъолияти террористӣ даст кашидаанд ва ба ҳаёти муътадили ҷомеа баргаштан мехоҳанд, дар бар гирад»;

- ба қ. 1 м. 5 (Принсипҳои муқовимат ба экстремизм) банди нав илова карда шавад: «бартарияти чораҳои пешгирикунанда ва маърифатӣ дар муқовимат ба паҳншавии идеологияи экстремистӣ»;

- ба қ. 2 м. 8 (Пешгирии фаъолияти экстремистӣ) банди нав илова карда шавад: «татбиқи барномаҳои давлатии пешгирии радикализатсия, махсусан дар байни ҷавонон, тавассути муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ»;

- м. 21(1) (Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ) илова карда шавад: «мақомоти давлатӣ метавонанд бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ ва воситаҳои ахбори омма барои гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ва пешгирии паҳншавии идеологияи экстремистӣ ҳамкорӣ намоянд».

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз падидаҳои муҳими илми назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, ҳамчун вокуниши давлат нисбат ба ҳуқуқвайронкунӣ ё муносибатҳои махсуси ҳуқуқӣ дониста мешавад. Аз як тараф, мувофиқи он ҳуқуқвайронкунанда вазифадор аст оқибатҳои ногувори ҳуқуқиро аз сар гузаронад. Аз ҷониби дигар, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуркунии бо қонун муқарраршудае мебошад, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои он ба шахси ҳуқуқвайронкунанда нигаронида шудааст.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун як намуди ҷавобгарии иҷтимоӣ дорои нишонаҳои хоси худ мебошад. Он танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад. Ба таври расмӣ муайян карда шуда, дар меъёрҳои ҳуқуқӣ инъикос шудааст. Асос барои татбиқи он ҳуқуқвайронкунӣ аст; ба рафтори одамон, фаъолияти давлат ва мақомоти он зич алоқаманд аст. Дар муносибатҳои ҳуқуқии танзимкунанда, ҳимоявӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Имконияти истифодаи маҷбуркунии давлатиро таъмин менамояд. Ҳуқуқвайронкунандаро гирифтори маҳрумиятҳои шахсӣ ва молу мулкӣ мегардонад; ба ташаккул ва таъмини рафтори ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, бартараф кардан ва рафъи рафтори ғайриҳуқуқии аз ҷониби ҷомеа маҳкумшуда равона карда шудааст **[1-М; [4-М].**

2. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсиррасонии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтор, маърифат ва фарҳанги ҳуқуқии шахсро ташкил медиҳанд ва тавассути ин категорияҳо моҳият, таъйинот ва мақсадҳои

ҷавобгарии ҳуқуқӣ инъикос меёбанд. Муроҷиат намудан ба ченакҳои вазифавию функсионалӣ моҳияти ғоявӣ дорад, чун маҳз тавассути он мумкин аст моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ошкор карда шуда, таъиноти вай муқаррар гардад ва самти амалишавии мақсадҳои он мушаххас гардонида шаванд. Амалишавии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ воситаи расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои ба зиммаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ гузоштаашуда мебошад.

Пеш аз ҳама, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ба сомон расидани мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ шуда, хусусиятҳои зерин доранд. Баъдан, бахри ноил гардидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мешаванд. Сониян, дар робита бо мақсадҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли самтҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ гардида, вобаста ба чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тамоили маҷбурсозӣ, тарбиявӣ, барқароркунӣ, муҳофизавӣ касб мекунанд; тарзҳои махсуси амалишавӣ доранд. Дар маҷмӯъ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусияти мақсаднок, муқаррароти давлат дар меъёрҳои ҳуқуқӣ, татбиқ дар шаклҳои мурофиавӣ, таъмини қувваи маҷбурии давлатро доранд **[7-М].**

3. Дар илми ҳуқуқ намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои баҳснок маҳсуб ёфта, гуногунандешӣ дар илмҳои соҳавӣ ба монанди ҳуқуқи ҷиноятӣ, маданӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ, молиявӣ, экологӣ, маъмурӣ ва монанди инҳо низ ба назар мерасанд. Албатта, ба ҳайси намуди мустақил эътироф намудани баъзе аз намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хеле баҳснок буда, таҳқиқоти алоҳидаро талаб менамояд.

Ҳамзамон, дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ - ҷавобгарии маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ мавқеи намоён дошта, доираи васеъи муносибатҳои ҳуқуқиро фаро мегиранд. Ин ҳолат ба он далел аст, ки маҳз ҳамин намудҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ доираи васеи

муносибатҳои ҷамъиятиро фаро мегиранд. Аз ҳамин лиҳоз, механизми бештар истифодашавандаи таъсиррасонии муҳофизавӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ мебошанд **[20-М].**

4. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар мавриди баъзе аз масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ нуқтаи назари ягона вуҷуд надорад. Мазмуну муҳтаво, принсип ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ мавзӯи таҳқиқи илмӣ назариявиро талаб менамоянд. Баррасии масъалаҳои назариявии вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҳқиқ намудани мазмуну моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва пешниҳод намудани андешаҳои асосноки илмӣ барои мукаммалсозии қонунгузории соҳавӣ имконият фароҳам меоранд. Дар маҷмӯъ он рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ, вазъи қонуният ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа таъсири мусбат мерасонад **[6-М].**

5. Таҳқиқу омӯзиши принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо мақсади мураттабсозии донишҳои мавҷудаи ҳуқуқиву назариявӣ дар соҳаи татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун асосҳои бунёдӣ ҳангоми татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода мегарданд. Таҳлили мафҳум, моҳият, таҷзияи гуногуншаклии онҳо, мавқеи истифодаи дуруст ва саривақтии принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба моҳияти аслии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун муҳимтарин унсури низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Дар ҷараёни таъин ва татбиқ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ба принсипҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ дода шавад, чун риояи принсипҳои мазкур барои амалӣ гардидани мақсад ва функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд **[3-М].**

6. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар заминаи навсозии низоми ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоти мубрам, ки дар раванди таҳаввули низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба миён меоянд, тавассути истифодаи маҷмуии донишҳои илмӣ-назариявӣ, қонунгузорӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ ва дигар захираҳои ҳуқуқӣ хизмат мекунад. Самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ имконият фароҳам меорад, ки вазифаҳои дар назди сиёсати давлат гузошташуда амалӣ гардида, барои расидан ба натиҷа ва ҳадафҳои судманд бурда расонад. Татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо дар Тоҷикистон тавассути навсозии институтҳои қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва қонунгузории марбут ба масъалаҳои ҷавобгарӣ сурат мегирад. Ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипҳои асосӣ, самтҳои сиёсати умумии давлатӣ ва ҳуқуқӣ ба назар гирифта шаванд **[9-М].**

7. Проблемаҳои такмил додани қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ аз сатҳи татбиқ гардидани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ вобастагӣ дорад. Барои расидан ба ҳадафҳои рушди қонунгузорӣ бояд омилҳои зерин бартараф карда шаванд: номукаммал будани базаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ; аз ҷиҳати криминологӣ ва иҷтимоӣ асоснок набудани як қатор нишондоду меъёрҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ; сифати пасту ба талабот ҷавобгӯ набудани техникаи умумии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятӣ, мавҷуд будани ихтилоф ва номутобиқатиҳои дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавии қонунгузорӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ; зиёд будани ҳолатҳои криминализатсияи рафтору амал; таносуби ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дошта; вуҷуд надоштани низоми ҷудогона барои арзёбии экспертизаи лоиҳаҳои қонунгузорӣ ва дигар **[8-М]; [22-М].**

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар натиҷаи омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ таклифҳо ва тавсияҳои илмию амалии зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Мафҳуми маҳдуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар доираи назарияи позитивии ҳуқуқ ҳамчун институти ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад, ки боиси ба инобат нагирифтани алоқамандии он бо низоми танзими иҷтимоӣ-меъёрӣ мегардад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки мафҳуми умуминазариявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо дарназардошти мафҳуми васеи ҳуқуқ ҳамчун ифодакунандаи арзишҳои иҷтимоӣ-меъёрӣ пешниҳод шавад. Дар ин ҳолат таносуби мафҳуми умуминазариявӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва мафҳуми васеи арзишӣ-меъёрӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи амалкунанда таъмин карда мешавад **[6-М].**

2. Дар назарияи умумии ҳуқуқ маъмулан мафҳуми умумии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва таснифи намудҳои онҳо дар заминаи маҳакҳои умумӣ истифода мешавад. Аммо мафҳуми мазкур хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятиро аниқ муайян намекунад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки таносуби функсияҳои умумуминазариявӣ ва махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти минбаъда ва такмили қонунгузорӣ ба инобат гирифта шавад **[7-М].**

3. Таҳқиқи хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ бо намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар доираи консепсияи маъмулии намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ба усули таҳлили шаклии меъёрӣ асос меёбад, робитаи мутақобилаи ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ ва намудҳои дигари ҷавобгарии ҳуқуқиро пурра ошкор намекунад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки таъсири мутақобилаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳангоми таҳқиқи хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ ва такмили қонунгузорӣ ба инобат гирифта шавад. Таклифи мазкур

имконият медиҳад, ки таъсири соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ ба такмили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ аниқ карда шавад **[8-М]; [22-М].**

4. Консепсияи умуминазариявии асосҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки барои таҳқиқи асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ истифода мешавад, хусусиятҳои намудҳои ҷудогонаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, алалхусус, ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятиро пурра ба инобат намегирад, чунки санадҳои татбиқи ҳуқуқро ҳамчун асоси умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ эътироф мекунад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки консепсияи умуминазариявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии ҷиноятӣ такмил дода шавад **[10-М].**

5. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ нақши стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ хеле калон мебошад. Аммо мутаассифона айни замон дар ҷумҳурӣ амали Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2013 қабул шуда буд, аввалан муҳлати муайянро фаро нагирифтааст ва сониян аз қабули он муддати дароз сипарӣ шудааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав барои солҳои 2025-2030» таҳия ва қабул карда шуда, дар заминаи он барномаи давлатии 5 сола тасдиқ ва роҳандозӣ карда шавад **[9-М].**

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I.Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ


[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj (санаи муроҷиат: 03.03.2024).

[2]. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj(санаи муроҷиат: 03.03.2024).

[3]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj(санаи муроҷиат: 03.03. 2024).

[4]. Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 23.07.2016, №1329 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj(санаи муроҷиат: 03.03. 2024).

[5]. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http: // mmk.tj(санаи муроҷиат: 06.11.2024).

[6]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷинояткорона бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 25.03.2011 № 684. // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби дохилшавӣ: [Захираи

электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи истифодабарӣ: 20.01.2020).

[7]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2024).

[8]. Консепсияи сиёсати ҳукуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, № 492 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2022).

[9]. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 1021 [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2022).

[10]. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2022).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:

[11]. Аванесов, Г.А. Преступность и социальные сословия. Криминологические рассуждения [Текст]: монография / Г.А. Аванесов. – М., 2010. – 80 с.

[12]. Азизов, У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикиистана [Текст] / У.А. Азизов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2014. – 200 с.

[13]. Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование [Текст]: монография / Отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 368 с.

[14]. Алексеев, С.С. Общая теория социалистического права: курс лекций Вып. II [Текст] / С.С. Алексеев. – Свердловск, 1964. – 265 с.

[15]. Алексеев, С.С. Собрание сочинений: в 10 т. Т. 6: Восхождение к праву [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Статут, 2010. – 558 с.

[16]. Алексеев, С.С. Социальная ценность в советском праве [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Юрид. литерат., 1971. – 222 с.

[17]. Алехин, А.П., Кармолицкий, А.А. Административное право России [Текст]: учебник / А.П. Алехин, А.А. Кармолицуий. – М.: Зерцало, 2007. – 712 с.

[18]. Багрий – Шахматов, Л.В. Уголовная ответственность и наказание [Текст] / Л.В. Шахматов. – Минск, 1976. – 383 с.

[19]. Базылев, Б.Т. Юридическая ответственность: теоретические вопросы [Текст] / Б.Т. Базылев. – Красноярск, 1985. – 120 с.

[20]. Байтин, М.И. Сущность права (современное нормативное правопонимание на грани двух веков) [Текст] / М.И. Байтин: 2-е изд., доп. – М.: ООО ИД «Право и государство», 2005. – 544 с.

[21]. Баранов, В.М. Юридическая ответственность [Текст] / В.М. Баранов // Теория государства и права. – М., 2007. – 592 с.

[22]. Боголюбов, С.А. Реализация экологической политики посредством права [Текст] / С.А. Боголюбов. – М., 2015. – 320 с.

[23]. Босхолов, С.С. Основы уголовной политики. Конституционный, криминологический, уголовно-правовой и информационный аспекты [Текст]: монография Издание 2-е, переработанное / С.С. Босхолов. – М., 2004. – 301 с.

